ӮРУН КӮҲЗОД

# АКАШАРИФ БОРБАДИ АСРИ БИСТ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

ББК 85.33 (2 тоҷик)
К-66

***Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.***

Муҳаррир ***Сайидалӣ Маъмур***

К-66 *Ӯрун Кӯҳзод*. **Акашариф Борбади асри XX**. — Душанбе: «Адиб», 2005. 72 саҳ.

Китоб ба ҳаёту фаъолияти мутриб ва сарояндаи мумтоз, Ҳофизи халқии Тоҷикистон, устод Акашариф Ҷӯраев бахшида шуда, ба ифтихори 110-солагии зодрӯзи ӯ ба нашр мерасад.

**К $\frac{4702540206-10}{503}$ 2005**

**© Ӯрун Кӯҳзод, 2005 с.**

# ПАЙВАНДГАРИ АСРҲО

*(Ба ҷои сарсухан)*

Вақте сухан аз боби хислатҳои эҷодии мутриб ва сарояндаи мумтози мардумии Тоҷикистон, устод Ака Шариф Ҷӯраев меравад, аз чи бошад, ки ба пеши назар қабл аз ҳама нияти муқоиса бо эҷодиёти устод Айнӣ пайдо мегардад.

Маълум аст, ки мақоми таърихии устод Айнӣ дар адабиёти советии тоҷик хеле назаррас буда, ҷанбаҳои зиёд ва гуногунранг дорад. Яке аз ин ҷанбаҳо, пайванд карда тавонистани суннатҳои пешина ва риояи тақозои замон ба шумор меравад. Дар ин ҷода устод ба сохтакорӣ, зоҳирпарастӣ ё худ, чи тавре ки мегуфтанд, ба «конюктура» умуман роҳ намедоданд ва ҳар пораи эҷодиашон табиатан самимӣ ва ҷавобгӯи замон буд. Забони он кас – забони суфта, зоҳиран содда, вале хеле фаҳмову дардошно буд.

Ака Шариф дар овони кӯдакӣ ва наврасӣ дар назди устодони шеъру мусиқӣ – Иззатшоҳ (шоир ва амалдори Дарвоз) ва Мирзо Ғулом (чангнавоз ва сароянда, яке аз шогирдони Ҳоҷӣ Абдулазиз) таълими касбӣ мегирад. Бояд таъкид намуд, ки маҳз ҳамин омил дар сайқали ҳунари ӯ нақши асосӣ ва ҳалкунандаро бозидааст. Яъне Ака Шариф истеъдоди бузург ва фитрӣ дошт ва дар айни замон ӯ назди устодони ҳунари мусиқӣ таълими комил гирифтааст.

Ин таълим аз як тараф боиси рушди маҳорат гардид, аз тарафи дигар бошад ба мазмуни суруду таронаҳои Ака Шариф бахшҳои нав – навоҳои Бухорову Самарқанд ва Бадахшону Ҳирот ворид мешавад, зеро таърихан маълум аст, ки устоди Ака Шариф – Мирзо Ғулом аслан марди бадахшӣ буд, вале ӯ чанд муддат дар Самарқанд дар назди Ҳоҷӣ Абдулазиз дарси мусиқӣ омӯхта буд.

Пас маълум мешавад, ки дар ниҳоди Ака Шариф ба садо омадани кулли навоҳои аслии тоҷикӣ замина дошт, ва ҳамин буд, ки ӯ баъдан мақомҳои «Ироқи Дарвоз», «Ушшоқи Дарвоз», «Талқини Дарвоз» (дар пайравии «Ироқи Бухоро», «Ушшоқи Самарқанд») ва монанди онҳоро офарид. Эҳёи Шашмақом дар кӯҳистон (таъкид мекунем: маҳз эҳё, на интиқоли он!) – иқдоми бузурги таърихии Ака Шариф мебошад, зеро вақте ки Бухорову Самарқанд вориди давлати

дигар шуданд, гӯё худи таърих амр намуда буд, ки дар сарзамини Тоҷикистони навин садои мақомҳо баланд гардад.

Бидуни муболиға гуфтан мумкин аст, ки Ака Шариф мероси мусиқии ҳамаи манотиқи кишвари тоҷикро ба пуррагӣ аз бар намудааст. Сурудҳои мавригӣ, ки имрӯз пораҳои шикаста ва қариб ношиноси онҳо дар мавзеи Бухоро боқӣ мондаанд, дар эҷодиёти Ака Шариф ба пуррагӣ дар шакли сюитаи «Чорзарб» маҳфузанд. Маълум аст, ки Мавригӣ ё аниқтараш, «мавригихонӣ» яке аз бобҳои бузург ва қадимии мусиқии суннатии тоҷикон ба шумор меравад, ки он аслан дар муқоиса бо суннатҳои мусиқии Ҳироту Марв алоқаманд аст.

Барои исботи ин ақида метавон ба сохтори Шашмақом муроҷиат кард. Дар силсилаи Шашмақом ин намуд бахшҳои «ҷуғрофӣ»-и оҳангҳо хеле васеъ, маъмул мебошанд: «Қашқарча», «Муғулча», «Ироқ», «Ҳиҷоз», «Мавригӣ», «Ушшоқи Самарқанд», «Ироқи Бухоро», «Фарғонача» ва ғ.

Дар эҷодиёти Ака Шариф бошад, гӯё ҳамаи ин оҳангҳо ба тариқи синтез ба ҳам омаданд ва ӯ тавонистааст ин услуби наҷиби эҷодиро идома диҳад. Ин ҳунар ва ин маслаки тозабунёди Ака Шариф дере нагузашта барои чанд лаҳзаи тақдирсози миллат ба кор омад. Дар рӯзҳои нахустин Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва, ки соли 1941 баргузор гардида буд, муаммоҳои зиёди эҷодӣ, сиёсӣ ва билхусус фарҳангӣ ба ҳам печида буданд ва фавран тарҳе зарур буд, ки нақши хоси тоҷиконро дар фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ равшану аён созад.

Чун ки соле қабл дар Москва Даҳаи Ӯзбекистон баргузор гардида буд ва дар консертҳои бошукӯҳи он гӯё ҳамаи услубҳои мусиқии асили тоҷиконаи Бухорову Самарқанд дар он ҷо намоиш дода шуд. Акнун зарур буд, ки симои ҳунарии Тоҷикистони имрӯза нишон дода шавад. Хушбахтона, ана дар ҳамин лаҳза, дар риштаи ҳамин мазмун, кулли сурудҳо ва таронаҳои Ака Шариф падидаи аълои ҳунарӣ ва таҷассумгари лаҳни тоҷиконаи мусиқӣ ба шумор мерафтанд.

Бояд гуфт, ки сурудҳои ӯ (чи тавре ки мегӯянд) «фолклорӣ» набуданд (яъне сатҳи оммавӣ, аниқтараш авомона надоштанд), гарчанде ки (инаш хеле муҳим аст!) барои тамоми мардум азиз буданд. Ана ҳамин қудрати бузурги эҷодӣ ва хислати нозуки мутрибӣ – яъне барои тамоми мардуми тоҷик пайдо кардани суруде, ки тавонад дар ниҳоди онҳо ҳисси ягонагиро бедор кунад, ҳамон солҳо маҳз дар ҳунари Ака Шариф пайдо шуд.

Ӯ эҷодкори зирак ва тавоно буд, ва мисли ҳар як эҷодкори асил ва соҳибэъҷоз аз бузургии хеш дарак надошт. Ӯ танҳо месуруду месуруд…

Маъхазҳои таърихии боэътимод хабар медиҳанд, ки ҳанӯз дар замони Сосониён, сарвари дастаи мутрибони шоҳ Хусрави Парвиз, Борбади Марвазӣ (ӯ ҳам дар Марв ба воя расидааст ва ҳанӯз аз овони наврасӣ аз сурудҳои мавригӣ баҳраманд гардида буд!) сурудеро офаридааст бо номи «Дилангез».

Дар катибаҳои баъдӣ ин сурудро чун «мақоми Дилангез» ёдовар шудаанд. Ин мӯъҷизаро бинед, ки пас аз 1400 сол дар эҷодиёти Ака Шариф гӯё худ аз худ суруде пайдо шуд бо номи «Дилангез» («Як даст-у бар сар, як даст-у бар дил…»). Дар таърихи мусиқии олам то имрӯз ин гуна мисолро пайдо кардан имкон надорад. Беҳуда нагуфтаанд, ки дар байни кулли аносири тамаддуни ин ё он миллат унсури ҷонсахттаринаш – ин оҳангу сурудҳои мардумист, ҳеҷ қудрат ва ҳеҷ лашкар онҳоро аз дили халқ берун наметавон кард. Рӯи ин муаммо бояд кор кард то тавонем ташхиси мусиқӣ ба ҷо оварему пайванд будани ин ду оҳангро собит созем…

Инро бинед, як марди одии кӯҳистон, мисли як академики бузург, соҳирона, самимона ва бо овози хушу лаҳни форам бинои нави мусиқии суннатии як миллатро обод кардааст.

Чорзарби Ака Шариф бо услуби мақомҳо офарида шудааст (яъне силсилаи ба ҳам пайванди суруду таронаҳо) ва айнан бахши мақоми муайянро ба хотир меорад.

Ака Шариф сурудҳои ӯзбекиро хеле хуб месароид ва ниҳоят дӯст медошт. Баъзе муҳаққиқон дар он ақида ҳастанд, ки гӯё ин танҳо ба хотири дар тӯйҳо барои ҳама суруд хонда тавонистани ҳофиз бошад. Дар асл ин тавр нест, зеро як силсила сурудҳои тоҷикиву ӯзбекӣ (мисли Муноҷот, Бозургонӣ, Ушшоқ, Тулқун ва ғ.) азбаски ба шеърҳои баробарвазн офарида шуда буданд (махсусан бар ашъори Навоӣ) зери системаи ягонаи оҳангҳо қарор гирифта буданд ва аз ҷониби Фарғона ба Қаротегин ва баръакс, аз Қаротегин ба Қуқанду Фарғона (бо садои ҳунармандони мардикор) навоҳо ағбаҳоро ба осонӣ убур мекарданд.

Ин пайвандӣ симои соф тоҷикона дошт, зеро дар водии Фарғона ҳанӯз аз нимаи дуввӯми қарни 19 иддаи бузурги муҳоҷирони тоҷик умр ба сар мебурданд, ба замми он, ки таърихан, аз замонҳои хеле қадим дар ин мавзеъ тоҷикон зиндагӣ мекарданд.

Гап дар сари он аст, ки айнан ба мисли устод Айнӣ Ака Шариф низ ин пайвандии таърихиро гӯё бо тамоми вуҷудаш ҳис мекард ва дар амалу ҳунараш онро ба алҳон ифшо месохт.

Ака Шариф ҳамчун устод ва мураббӣ метавонист аз миёни садҳо ҳунармандони наврас дар як лаҳза асолати ботинии истеъдоди онҳоро муқаррар созад. Ҳамон тавре ки устод Айнӣ тавонистанд таи умри бобаракаташон ба як зумра ҷавонон меҳрубонона қудрати

эҷодӣ бахшанд, Ака Шариф низ масалан, дар яке аз сафарҳои худ ба ноҳияи Данғара Абдуфаттоҳ Одинаи хурдсолро пайдо кард ва ӯро ҷониби пойтахт овард. Имрӯз А.Одина – яке аз композиторони маъруфи замон, муаллифи симфония, садҳо сурудҳои олӣ ва достонҳои мусиқӣ мебошад.

Дар дасти Ака Шариф созҳои гуногуни мусиқиро мебинед: Сетор, Танбӯр, Дутор. Баъдан маълум мешавад, ки барои ҳар суруд ва ҳар услуб ӯ сози муайянро истифода мебарад. Он танбӯре, ки Ака Шариф бо он услуби мақомҳоро месарояд, баъдан дар дасти устод Маъруфхӯҷа Баҳодур пайдо мешавад, ҳамон услуби якканавозӣ, ҳамон нолаҳо, вале суруди дигар ва роҳи дигар. Гуфтан мумкин аст, ки Маъруфхӯҷа дар мусиқии суннатии минтақаи Хуҷанд айнан ҳамон вазифаеро иҷро намуданд, ки Ака Шариф дар Қаротегин.

Андешаи банда чунин аст, ки ҳунари ин сарояндаи мумтози мо дар маҷмӯъ саҳмгузори ваҳдати миллат гардидааст. Мазмуни ин китобчаи пурмеҳронаи нависанда Ӯрун Кӯҳзод низ аз ҳамин иборат аст: аён намудани нақши Ака Шариф дар ваҳдати миллати тоҷик ва ободу намудани олами маънавии халқ. Факту рақамҳо ва андешаҳои муфидеро дар саҳифаҳои он пайдо кардан мумкин аст ва умед аст, ки ҳамин тавр, зина ба зина, мо аз аҳвол ва осори фарҳанги бузургамон бохабар мегардем.

***Аслиддин Низомӣ,***
***доктори илмҳои санъатшиносӣ,***
***январи соли 2004***

*Ҷӯраи халқу ҳофизи халқӣ,*
*Дӯст медорадат туро аз ҷон.*
*Ҳар кӣ ҷояш дили касон бошад,*
*То абад зинда асту ҷовидон.*
*Пас ба бахти диёру халқи азиз,*
*Ҷовидон Ҷӯраю Шариф бимон!*

***АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ***

## – 1 –

Дар муҳити сиёсати тоталитарӣ, бо ақидаҳои демократӣ зистан, аз корҳои осон нест – сар мешиканад, миён мешиканад! Аммо хирад ва фаросати Акашариф Ҷӯраев то ба ҷое буд, ки нафақат сару миёнашро ба шикастан надод, балки аз ҳамаи гирудорҳо сарбаланд берун омад ва миёни худашу миёни ҳунарашро бардаму бақувват нигоҳ дошт.

Номи вай дар ҳуҷҷатҳо Шариф аст. Вале Шариф бигӯйӣ касе намешиносад, ва намедонад ҳам, ки сухан аз кадом Шариф меравад ва ӯ кисту чи кора аст. Агар Акашариф бигӯйӣ, дар саросари Тоҷикистон ва тоҷикзабонҳои берун аз марзҳои он, зуд мешиносанду медонанд, ки мутриби машҳур ва ҳофизи овозадор ва эҷодкори намоён аст.

Бо ҳамин сабаб калимаи эҳтиромии Ака чунон ба номаш часпидааст, ки онро ҳатто ҷудо наменависанд. Аз ин рӯ дар байни хосу ом ҳамчун Акашариф шӯҳрат ёфтааст.

Акашариф Ҷӯраев рӯзи таваллуд надорад. Умуман дар ватани мо, одамоне, ки пеш аз Инқилоби октябр ба дунё омадаанд, рӯзи таваллудашон аниқ нест – навишта мондан расм набудааст. Фақат солро ба ҳисоб мегирифтанд. Ва сабт шудааст, ки Шариф соли 1894 дар деҳаи Қалъаи Хум, дар лаби рӯди Хумбов, дар оилаи миёнаҳоле, арзи вуҷуд кардааст ва кӯдакиву наврасияш дар ҳамин ҷо гузаштааст.

Деҳаи Қалъаи Хум дар иҳотаи кӯҳҳост. Ба ҳар тарафе чашм давонӣ ба кӯҳ бармехӯрад. Кӯҳҳои баланд, шаххои аррадандон ва теғаҳои тез ва доманаҳояш сангрезу санглох ва тасмаҳои хок ва буридагиҳое, ки об мефароянд ва қадқади ин обҳо, ки пуртуғён ва ҷӯшон ва софу беғуборанд, дараҳои сабзу хуррам ва ҷангали фарку заранг ва боғот ва заминҳои корам ва деҳот. Якеи аз он деҳаҳо

Қалъаи Хум, ки гӯё дар қаъри дара воқеъ аст ва рӯди Хумбов аз дарунаш мегузарад ва канори дигараш ба дарёи Панҷ часпидааст.

Дар замонаш Қалъаи Хум «пойтахти» шоҳони Дарвоз будааст ва ин шоҳигарӣ дар васиқаҳои кӯҳна бо номҳои Кумед ва Ҳумия ёд шудааст. Бино ба шаҳодати Шоири мардумии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат «дар нимаи аввали асри XVI сулолаи шоҳони Дарвоз таъсис ёфт, ки ҷуғрофияи таърихии он аз Кафтаргузар ё ҳавзи Посун то Шпади Рӯшон, аз самти Кӯлоб аз Шоҳуни Дашти Ҷум, аз қисмати Афғонистони Дарвоз аз Толиқон то овринги Дарғ, густариш ёфта буд». Водиву дараҳои Вахиёи боло, Вахиёи поён, Ванҷи боло, Ванҷи поён, Язғулом, Журмарч, Порёви боло, Порёви поён, Хумдара, Ҷайдара, Нусай, Мои май, Роғ, Куф ва атрофи он мутаалиқ ба ин шоҳигарӣ буд. Ва корвонҳо аз Қаротегину Балҷувону Кӯлобу Ҳисор ба Бадахшону Афғонистону Покистону Ҳиндустон аз роҳи Қалъаи Хум рафту омад мекарданд. То ба имрӯз боқӣ мондани маҳалхое бо номҳои Қалъаи Ҳусайн, Қалъаи Сағирдашт, Қалъаи Қаҳқаҳа, Қалъаи Барпанҷ, Қалъаи Лабиоб ва Қалъаи мир, худ гувоҳи зиндааст, ки он замонҳо ин роҳи тиҷорат, муносиб ба шароити худаш, мақоми риштапайванде дар муомилаи мардум, халқҳо ва давлатҳо доштааст. Ва илова бикунем, ки масалан, ба Ҳисор аз Самарқанду Бухоро ва ба Самарқанду Бухоро аз Хоразму Фарғона ва ғайраву ғайраҳо зангӯлаи корвонҳо пайваста садо медод, бо осонӣ тасаввур метавон кард, ки рӯзгор дар мулки Дарвоз, аз қадимулайём, даруни деворҳои азими силсилакӯҳҳояш маҳдуд набудааст, балки доду гирифти молӣ ва маънавӣ бо ҷаҳони васеъ ҳамавақт мавҷуд будааст.

Айёми наврасии Акашариф Ҷӯраев навоҳии Дарвоз ба ду қисм ҷудо шуд. Бузургдавлатони ҷаҳонгир – Русияи Муқтадир ва Бритониёи Кабир – дар талоши васеъ кардани мустамликаҳояшон, ки аз ин тараф ба хоки Осиёи Миёна ва аз он тараф ба хоки Афғонистон даромада буданд, соли 1895 дар Помир вохӯрданд. Дар ин вохӯрӣ байни худ аҳду паймон бастанд, ки «минбаъд рӯди Панҷ сарҳад аст. Ин тарафаш ба манфиати Русия, он тарафаш ба манфиати Британия. Мо ба манфиатҳои шумо дахолат намекунему зарар намерасонем. Шумо ба манфиатҳои мо дахолат накунеду зарар нарасонед.» Ва нисфи навоҳии Дарвоз дар тобеъияти аморати Бухоро монд, ки худаш тобеъи Русия буд. Нисфи дигараш ба ҳудуди Бадахшони Афғонистон даромад, ки Англия фармонфармойи мекард.

Аз ҳамон соли 1895 ба баъд, то ба имрӯз, ҳудуди ҷуғрофии ин мулк тағйир ёфт, умумияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пароканда шуд, қувваҳои фарҳангӣ парешон гардид. Деҳот дар ин тарафу он тараф монд, ойилаҳо ва мардум аз хешу табор ҷудо шуданд. Мардуме, ки қаблан як ҷомеъаи яклухт буданд, акнун дуздона ва бо таваккал

ва бо машаққат ба дидори якдигар мерасиданд. Баъди Инқилоб назорат дар сарҳад то рафт сахттар гардид ва оқибат имконоти рафту омад тамоман аз байн рафт. Касе, ки сарҳадро вайрон кунад, аз ин тараф бошад, хоини ватан ба ҳисоб мерафт, аз он тараф бошад, ҳамчун ҷосус ҷазо медид… Лекин заруратҳои зиндагӣ боқӣ монд. Ва маълум, ки агар зарур бошад, инсон ногузир аз пайи ҷустуҷӯйи чорае мешавад. Ва мардуми ду соҳили дарёи Панҷ, ки аз якдигар зиндаҷудо шуданд, вале заруратҳои зиндагӣ ба муомилаи байни авлод ва хабар ёфтан аз ҳолу аҳволи хешу табор ҳамеша вуҷуд дошт, роҳҳои нав ва ғайри муқарарӣ ҷустанд ва ёфтанд. Роҳашро ёфтанд, ки агар сухан гуфтан мумкин нест, боре, суруд хондан мумкин аст; ва агар ба он тарафи дарё дуру дароз нигоҳ кардан манъ аст, ба ҷониби кӯҳу камари тарафи худат, ҳар қадаре ки дилат мехоҳад, нигоҳ кардан бигир. Ва одами корафтода ба домани кӯҳ мебаромад, сари харсанг ва ё гардани шахчае рост меистод ва ё менишаст ва ба баландиҳои кӯҳсор нигоҳкунон гӯё суруд мехонд: «Ҳо-о-ой Акбаршо, дирӯз дар хонаи мо меҳмони нав ба дунё омад-о-о!» Ва аз он сӯ Акбаршо низ рӯи боми хона ва ё болои калонтарин харсанги нишебиҳо мебаромад ва тарафи қуллаҳои ҷониби худаш рӯ оварда, бо суруд ҷавоб мегардонд: «Муборак шавад-о-о, боз чи хабарҳои нав дорӣ ё-оо!».

Бо вуҷуди ин ҳама ноҳинҷорӣ ва ноилоҷӣ рӯҳу касбу кор барҷо монд – оҳангарон дос месохтанд барои дарави ғаллаву алаф, бофандаҳо карбосҳои гуногун мебофтанд барои либос ва дуредгарон танбӯру дутор метарошиданд барои созу наво. Бо ҳавои даврони шоҳдорӣ, ба ҳукми анъана, дар қалъаи мирнишин фозилону мутрибону ҳофизон ғун меомаданд. «Дар ҳар бахши Дарвоз як сабки хос ва равияи махсус вуҷуд дошт. Дар қишлоқҳои атрофи Қалъаи кӯҳна (Қалъаи Қаҳқаҳа ва Шаҳшаҳа) сабки мавригӣ ва маддоҳӣ роиҷ буд. Мардуми Мадраса ва мутрибу сарояндагон, аз хонаводаҳои авлодӣ, бо ҳунари волои хеш, барои ободу тафсон гирифтани тӯю маъракаҳои хурду бузург, ба сафарҳои ҳунарӣ, ба водии Ғарм, Кӯлоб, Афғонистон, водии Фарғона, водии Ҳисор, мерафтанд ва маоши зиндагии худро таъмин мекарданд. Дар Порёби боло ва Ванҷ доирабазм, сабки хиргоҳӣ, роғӣ ва фалак маъмул буд. Дар Порёби поён, Нулванд, Ёгед, Дашти Ҷум, Мӯминобод, сабки шикоӣ, ки аз савтҳои базмӣ, роғӣ ва фалакӣ иборат буданд… Дар Дарвоз мусиқӣ дар зиндагии мардум то ҷое нақш дошт, ки дар маросими гӯштингирӣ, бо зарбу савти Найрез, паҳлавонон дар майдон давр мезаданд ва талош мекарданд.» (Мӯъмин Қаноат).

Акашариф Ҷӯраев дар ҳамин муҳити табиаташ мураккаб аз душвориҳову дилнишиниҳо, заминаш каму талаботаш зиёд, маишаташ тангу фарҳангаш васеъ, ба арсаи вуҷуд омад ва парвариш ёфт.

Вақте ки Шариф ба дунёи равшан омад, падараш Ҷӯра, ба дасттангӣ нигоҳ накарда, тӯй дод. Урфу одат чунин буд, ки касе фарзанд ёбад ва хоса он фарзанд нарина бошад, бояд ҳатман моле мекушт ва ба мардум зиёфат медод. Ва ин зиёфати мардона ҷудову занона ҷудо, ду-се рӯз, баъзан як ҳафта давом мекард. Агар зиёфат намедод, айб мекарданд ва ба маломати дигарон гирифтор мешуд. Ҷӯра ҳамаи суннатҳоро ба ҷо овард – гӯсфанд кушт, дастархон кушод ва базми савту суруд ороcт ва ҷумлаи ошнову бегонаро хабардор гардонид, ки писардор шудааст ва ин писар давоми умри ӯст, номбардори хонаводааст ва ин хоҷагӣ минбаъд сару соҳиб дорад. Ва зиёфатхӯрон, мард ҷудо, зан ҷудо, падари хушбахтро дуову сано гуфтанд, ки «умри фарзандаш дароз бишавад ва худашу фарзандаш ба муродашон бирасанд».

– *2* –

Кӯдакон дар кӯҳистон тез дастёр мешаванд. Шароит ҳамин хел – роҳрав, ки шудӣ, бояд паси коре бигардӣ. Кор бошад, дар кӯҳистон бисёр аст – ба гов алаф те, оғилро тоза кун, ҳезум шикан, бузу бузғоларо сар те, алафдаравӣ рав, гунҷишкон арзанро нахӯранд, гов аз пода намонад, досро тез кун, чорухатро дарбеҳ зан, барфи бомро рӯб... ҳазору як ташвиши рӯзгор дорад хонавода. Ва Шарифи Ҷӯра, аз чор-панҷсолагӣ ба баъд, дар ҳамаи ин такопӯ ва ташвиши рӯзмараи рӯзгор шарик ва дастёри хона буд. Вай, сарбории ин ҳама ҷунбуҷӯл, як дутори аз қади худаш баландро бардошта мегашт. Дар ин хона мутрибиву сурудхонӣ собиқае дошт – бобояш Исо дар маъракаҳои сур машшоқӣ мекарду месуруд. Падараш Ҷӯра низ, фориғи корҳои деҳқонияш, тор мезаду тарона мехонд. Вай аз пушти ин ҳунараш бешу андак манфиати моддие ҳам медид – дар тӯю маъракаҳо ҳаққи қадам ва хидматонае барои савту сурудаш медоданд, ки мададе ба сарфи рӯзгораш мешуд. Нахустин оҳангҳо ва садоҳо ва савтҳо ва ҳарфҳои каломи мавзун, дар хонаи худашон, аз дасту даҳони падар, ба гӯшу ҳуши Шариф расидаанд.

Он замон, дар оғози асри бист, ҳанӯз мактабхонӣ ҳатмӣ ва ҳамагонӣ набуд. Ва мактаб, ба маъно ва паҳнои имрӯзааш, вуҷуд ҳам надошт. Шариф ба мактаб намерафт. Дафтару қалам нахарида буд, хондан ва навиштан наметавонист. Ягона илоҷ ҳифз кардан ва дар хотир нигоҳ доштан буд. Ва ӯ шеъру тарона ва оҳанги замзамае, ки дар хона аз падар ва дар сӯҳбатҳо аз дигар ҳофизону мутрибон мешунид, дар лавҳи хотир нигоҳ медошт ва гоҳо дар дил ва гоҳи дигар бо овоз, такрор мекард, ки аз ёд набарояд.

Табиати инсонӣ ва хислати хоси Акашариф чунин буд, ки ба ҳар коре даст занад, ниму нимкора карданро ор медонист. Ҳамин табиат ва ҳамин хислат, дар ботини ӯ, як амри азалӣ ва абадӣ будааст. Дар хурдӣ, ҳангоми бозӣ бо ҳамсолон, саҳлангорӣ намекард, саҳмашро ҳалол ва пурра ба иҷро мерасонид.

Бозиҳои маъмулу машҳури деҳа рустшавакон, пуштҷиҳакон, гӯштингирӣ ва чиллику даста (дангалбозӣ) буд, ки ҳар кадоме мавсим дошт, ва дар баҳору тирамоҳ, хусусан, бозии чилику даста авҷ мегирифт ва як шохаи онро зубарак (субарак, зувкашӣ) мегуфтанд. Ва қоидааш ин буд, ки ду тараф, ду даста, бо ҳам мусобиқа мекарданд ва тарафе, ки ғолиб омадааст, чилликро, аз рӯи шумори дастбурдаш, аз пиллаҷо мезад, то ба кучое равад; ва тарафи мағлуб аз ҳамон ҷоҳо зув гӯён тарафи пилла медавид ва агар бо як нафас, зуваш канда нашуда, ба пилла мерасид, бозиро мебурд. Шариф дар давидан чолок ва дар зукашӣ батоқат буд – сабук медавид ва дуру дароз, то дамгир шудан, зув кашида метавонист, ки аз шиддати нафас, лунҷҳояш дамида мебаромад ва хуни гирди чашмонаш сиёҳча мешуд. Варзиши рагу нафас дошт ин бозӣ ва Шариф бе он ки назарияи ин фанро донад, мушакҳои по ва рагҳои шушашро машқ медод; ва ин машқҳо, дертар, дар кору амали ӯ, хоса, дар гӯштингирӣ ва сурудхонӣ, хеле зиёд ёрӣ расонидаанд. Ва ин бозиро дӯст медошт вай.

Агар ҳезум чинад, пасту баланд ва дарозу кӯтаҳ дарза намебаст, балки бо тартиб рах мезад, хушрӯ мебаст ва сипас пуштора мегирифт. Дар гӯштингириҳои бачагона, ки дар регзорҳои лаби рӯди Панҷ, бо ёрони бозӣ, барпо мекарданд, чусту чолокӣ, усули дастакзанӣ ва ҳалукандозии (попечак) паҳлавонони номдори диёр, доим пеши назараш меистод ва ҳаракат мекард, ки худаш ҳам дар майдондорӣ истифода бубарад ва нағз истифода барад!

Дар ҳама кору рафтор Шариф ҳамин хел озодакор буд. Вале дар мутрибӣ ва таронахонӣ ин хислат гӯё мақоми дигаре дошт – мақоми волотаре. Зеро ки ба дилаш наздик буд – калимаҳои ҳар мисраъ ва садои ҳар пардаро дақиқу амиқ ҳифз ва ҳис мекард. Ба хотир месупорид ва такрорашро дӯст медошт. Ва одамоне, ки шоҳиди навохтану сароидани ӯ мешуданд, ҳунару овозашро таъриф мекарданд: «қобилияти хубе дорад ин бача». Кӯҳансолони Дарвоз ҳикоят мекунанд, ки пири «Ҳофизони қалъа», ба фаҳмиши имрӯза «Раиси ҳофизони давлатӣ» Хотирхушбош ба истеъдоди модарзодии Шарифи хурдсол қоил будааст ва ба санъатдонони машҳури замонаш васият кардааст, ки «аз тарбияи ин наврас ғофил набошед».

Ба қавли худи Акашариф устодони бевосита ва воқеъияш Иззатшоҳи тӯқсабо ва Мирзоғуломи чангӣ будаанд. Гардиши айём чунин омад, ки умри падараш Ҷӯра вафо накард ва Шарифи хурдсол бе сарпараст монд. Иззатшоҳ ӯро ба хидматгорӣ гирифт. «Вақте ки даҳсола шудам, ба хидмати мансабдори Дарвоз Иззатшоҳтӯқсабо даромадам. Ӯ назм ва мусиқиро хуб медонист. Асосан сетор менавохт. Марди тануманди ҷоғарӣ буд. Соҳибдевон ва шоири тавоное буд. Ҳатто сад буна мардумро ихтиёрдорӣ мекард» (Дона Баҳром)

Боре ба Дарвоз аз Балх ва Қошғар меҳмонон омаданд. Ҳурмати меҳмонро нигоҳ доштан ва иззаташро ба ҷо овардан, яке аз одатҳои машҳур ва писандидаи мардум аст, ки дар сартосари ин кишвар риоя мекунанду пос медоранд – худат нахӯру ба меҳмон деҳ! Ин одат дар ҳама ҷо ҳаст, вале дар кӯҳистон сидқ, вафо, тобиш ва гармиву нармии дигаре дорад – ба ғояти меҳрубонӣ ва кушодадилӣ ва лутфу марҳамат. Ва мири Дарвоз ба шарафи меҳмонон, дар қалъа базми зиёфат ороcт, ки ба қавли мардум «валвалааш кӯҳу камарро пур кард» Дар ҳамин базм панҷ нафар сеторӣ ширкат доштанд ва баҳсмабаҳс ҳунарнамойӣ мекарданд. Ва дар анҷом мир хилъати миронаро ба Иззатшоҳ пӯшонд. Гӯйи сабқатро вай бурда буд. Ва Шариф шарафи шогирдии ӯро дошт. Дар ҷашнҳои бузурги миллӣ Иди Наврӯз ва Иди Меҳргон, ки бо тантана ва дар майдонҳои васеъ мегузашт ва беҳтарин ромишгарону овозхонҳо даъват мешуданд, Иззатшоҳ Шарифи наврасро ҳамроҳаш мебурд ва ба саҳна мебаровард – ёд гирад маъракаороиро!

Иззатшоҳ тӯқсабо дар илми адаб ва мусиқӣ каси роҳгузар набуд. Ба ибораи ҳамдиёрон «дари сарой дида ва хоки мадраса лесидааст.» Яъне дар сафарҳо одоби мусофират омӯхта ва дар мадрасаҳо таълиму тарбият гирифтааст. Вай солҳои 1887-1892 дар Самарқанд ва Бухоро зиндагӣ карда, таълими мадраса дида, аз афкори нави замонаш баҳра бардоштааст.

Дар шинохти савти калом вай то ҷое вуқуф дошт, ки худаш шеър мегуфт. Вай дар мутрибӣ ба рисолаҳои мусиқӣ такя мекард. Ва дар кору бори рӯзгор аз роҳи адолат берун намебаромад. Ривоятҳое дар байни мардум ҳаст, ки ҳангоми ситонидани молиёт, тарафи бебизоатонро мегирифтааст ва аз ин боис бо мир туву ман ҳам кардааст ва ҷабру ҷафоҳо низ дидааст. Ба ҳар ҳол номи некаш дар забонҳо боқист.

Вай ба шогирдаш Шариф аз ду дар таълим медод – аз дари назария ва амалияи савту калом дар якҷоягӣ ва аз дари ибрати шахсӣ дар корҳо. Дари аввал шогирдро водор мекард, ки шеър бисёр донад ва ба ғаври маънии сухан бирасад ва ҳарфу калимаҳоро озод,

буррою равшан, талаффуз намояд ва оҳангашро нигоҳ дорад. Ва дар машшоқӣ пардаҳоро дуруст гирад, садоҳоро ҷӯр кунад, мавқеъи нағмаро бишносад ва ба мутобиқати комили матну суруд ҷиддан эътибор бидиҳад ва муносиби ҳолат ва тақозои маъниву мантиқ, аз овозҳои гулӯ, димоғ ва дил, моҳирона истифода бурда битавонад. Аз дари дуюм, дар симои худаш, расми одаму одамгариро нишон медод, ки дар ҳама мавридҳои зиндагӣ инсон бояд иззати нафси худ ва иззати нафси дигаронро нигоҳ дорад ва бояд мавқеъшинос бошад.

Устоди фозил ва сахтгиру серталаб буд Иззатшоҳ ва Шариф дар хонаи ӯ ба корҳои рӯзгор дастиёрӣ мекард ва сабақ мегирифт.

Иззатшоҳ ба навоҳиҳои дуру наздик равуои зиёде дошт, бештар бо тақозои мансаби тӯқсабоияш ва дар навбате, аз сафар баргашта бо табассуми малеҳе ба Шариф рӯ овард:

— Дирӯз аз тамошои дараи Паткнов баргаштам. Марғу маконе ва дилрабову дилнишин ҷоест. Шавқангез. Шаб хоб накардам. Як ғазал рӯи қоғаз омад. Мехоҳам, ки ту, то фардо, ба ин ғазал оҳанг бубандӣ. Аввал аз назди Мирзоғулом бигзарон, баъд пеши ман биё.

Шариф фаҳмид, ки устод ӯро имтиҳон мекунад. Изтиробе вуҷудашро фаро гирифт – масъул корест! Ба хона омад, дарро аз дарун баст ва ба кор сар кард. Дастони ӯ буду пардаҳои сетор. Байти матлаъи ғазалро зери лаб мехонд ва оҳанг ҷӯр мекард, вале ҳеҷ набуд, ки оҳанг ҷӯр шавад. Вай як рӯз ва як шаб заҳмат кашид, аммо ягон оҳанги ба дилаш мувофиқ наёфт. Мӯҳлат буд шуд, пеши устод ҳисобот додан лозим буд, вале аз оҳанг дараке нест. Дасти холӣ рафтан, ба шаъни ӯ намезебид ва эҳтимоли маломат шунидан ҳам дошт.

Бори аввалу охир буд, ки Шариф сухани Иззатшоҳро ду кард – дар вақти ваъдагӣ ба назди ӯ нарафт. Дар сараш фикри дигаре чарх мезад ва бо ҳавои ҳамон фикр, вай сари субҳ харро зин зад ва роҳи деҳаи Зуғарро пеш гирифт. Дар Зуғар дӯсте дошт ва ӯ машшоқи хушзавқ буд. Умед ба ёрии ӯ баст, ки шояд бо маслиҳат ва ҳамкорӣ, илоҷе ёбанду аз вартаи ноилоҷӣ берун биёянд. Дар хонаи дӯсташ, дукаса машқ карданду машқ карданд – бо дутор санҷиданд, бо танбӯр санҷиданд, дафро истифода бурданд ва нишастанду хестанд, андеша карданду фикр давониданд ва аз байн чаҳор рӯз гузашт, вале мурод ҳосил нашуд, ки нашуд. Дӯстон пакар шуданд, ноумед шуданд. Ба якдигар бо дили нозеҳ хайру хуш карданд ва Шариф харашро пеш андохта ба роҳ баромад. То аз деҳа баромадан, аз дунболи хар пиёда омад – аз байни деҳа, аз пеши одамони кӯча савора гузаштан беодобӣ буд он вақтҳо. Баъди аз деҳа берун рафтан харро савор шуд. Харраҳа танг ва димоғи савор гирифта буд. Ин роҳаки пасту баланд аз лаби ҷарҳо ва байни харсангҳо, печ зада мегузашт ва одаме, ки дар водиҳо

калон шудааст, аз дидани ҷаркандаҳо дар поён ва селкандаҳо дар рӯбарӯ ва регрези шаххҳои овезон дар боло, ваҳм мекашид ва ҳатто ёрои гузаштан надошт. Аммо бачаи кӯҳистон, гӯё дар дашт бошад, бепарво мерафт, савор мерафт ва чашмонашро пӯшида, фикри оҳанги ғазал мекард. Ғазалро дар дил такрор мекард ва яке дар сараш оҳанге чарх зад ва ба дилаш нишаст. Чашм кушод ва атрофро равшан дид ва харро хала зад ва давонид, то хонаи Мирзоғулом. Ба ҳавлии Мирзоғулом бо як шавқу завқе даромад, Мирзоғулом бо либосҳои хонапӯшӣ дар боғаш даҳанаи обро мегардонд:

— Биё Шарифҷон, биё.

Ва Шариф сабаби омаданашро гуфт. Мирзоғулом ӯро ба хона бурд. Аз токча чангро гирифт.

— Ку такрор бикун.

Шариф ғазалро бо оҳанги ёфтааш хонд.

Мирзоғулом чанг зад. Баъд онҳо хондани ғазалу задани чангро чор панҷ маротиба такрор карданд. Оқибат Мирзоғулом аз ҷои нишастааш бархест:

— Оҳанг бад набаромадааст.

Вай либосашро иваз кард – салла баст, ҷома пӯшид:

— Рафтем, назди Иззатшоҳ меравем.

Вақте ки онҳо ба ҳавлии Иззатшоҳ расиданд, вай дар дами дар рост истода бо ду одам гуфтугӯ дошт. Одоби салом ба ҷо оварданд. Мирзоғулом, барои он ки пеши қаҳри Иззатшоҳро бигирад, ба ӯ фурсати гапзанӣ надод: -

— Шумо аз Шарифҷон наранҷед. Ин гуноҳе надорад. Ҳамаи айб ба гардани дарозгӯш. Вай харро зин зада, хостаст, ки пеши ман равад. Лекин хари якрав ӯро кашида Зуғар бурдааст.

Ҳама бо завқ хандиданд ва сардии дилмондагӣ аз байн бардошта шуд. Иззатшоҳ тарафи Шариф нигоҳ кард:

— Ба Афғонистон ҳам мерафтӣ, кофта меёфтам!

Боз ҳама хандиданд ва Иззатшоҳ аз Шариф пурсид:

— Хайр, ягон чизи хуб ёфтӣ?

Шариф шармолуд сар хам кард.

Ҳамаи ҳозирон ба хона даромаданд. Иззатшоҳ аз мех сеторро гирифт, ҷӯр кард ва ба дасти Шариф дод. Шариф мизроб зад ва байти матлаъро хонд. Оҳанг ба Иззатшоҳ хуш омад ва давоми сурудро нашунида, аз ҷой хест ва Шарифро оғӯш кард ва бӯсид.

Минбаъд ин оҳангу ғазал Ташниз ном гирифт ва машҳур гашт. Акашариф дар давоми умраш борҳо онро хондааст. Гоҳо ҳамин оҳангро дар матни ғазале аз ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ низ истифода бурдааст.

## – 3 –

Дар охири асри нуздаҳ ва аввали асри бист, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна ба тағйиротҳои муҳим рӯ ба рӯ омад. Қисми калоне аз ин хок пурра ба тасарруфи Русияи императорӣ даромад. Дар ин қисм роҳҳои оҳан сохтанд ва фабрику зовудҳо ба кор даромад ва дастгоҳҳои чопу телеграф пайдо шуд ва хоҷагидорӣ тобиши бозоргонӣ гирифт ва савдо ба ҳудуди паҳнотаре баромад. Сиёсати давлат ва тартиботи ҳуқуқӣ дигар шуд. Ба аморати Бухоро, ки аслан мустамлика ва расман ниммустамликаи Русия буд, файзу баракате аз ин навигариҳо ва пешрафтҳо, қариб намерасид. Вале таъсирҳо ба афкорҳо дошт. Фикрҳо бедор мешуд, донишҳо ба зиндагӣ бештар таваҷҷӯҳ мекард. Бинишу фаҳмиш тағйир меёфт. Аммо рӯзгор ҳанӯз рӯ ба беҳбудӣ наоварда буд, ва мардум, ба ҳукми аксарият, рӯзгори сахте ба сар мебурданд – на ҳамеша нон меёфтанд, ки ба серӣ биҳӯранд. Қаҳтии нон, алалхусус дар деҳоти дурдаст ва аз шаҳрҳо дури дур, бештар эҳсос мешуд. Ва навоҳии Дарвоз аз ин ҷумла буд. Мардум деҳқонӣ мекарданд, чорводорӣ мекарданд, боғҳо доштанд ва ҳунарҳои хонасозиву матоъбофиро медонистанд, лекин ҳосил ба таъминоти рӯзгор намерасид.

Чунки дараҳо танг ва замини кишт кам буд. Ва на ҳар зироат мерасиду мепухт. Дар ҷое, ки гармӣ кифоя мекард, замини корам намерасид. Дар ҷое, ки замини хокӣ бештар аст, гармӣ кифоя намекард. Кас мебоист, ки чандин ҳунар медошт, то ки нонашро ёфта тавонад. Ва Шариф, муносиби имкону талаби муҳит ва дастраси деҳа, ҳар хел ҳунар дошт ва алоқадри ҳол нонашро ёфта мехӯрд. Вай замин ҷуфт карда метавонист, боғдорӣ аз дасташ меомад, аз ӯҳдаи ҷӯпонӣ мебаромад ва ҳамон солҳои ҷавонӣ устои хуби деворзан ва гӯштингири боғайрат ҳам буд. Зарур афтад ҳамаи ин корҳоро мекард. Вале хости дилашу майли хотираш ҳамеша гирди савту суруд мегашт – шеър аз ёд мекард, оҳангҳоро дар хотир нигоҳ медошт ва машқи мутрибиву ҳофизиро пайваста давом медод. Ва ҳолатҳое мерафт, ки дар давоми кор ба ногоҳ, мусиқии маъмулро такмил медод, пардаҳоро дигар мекард ва овоз тағйир меёфт – савту суруди кӯҳна нав мешуд.

Баъди воқеъаи пайдо шудани оҳанги Ташниз Мирзоғулом, ба ҳар тӯю тамошо даъват шавад ва ба ҳар ҷое ба сафар бароядд, Шарифро ҳамроҳ мегирифт ва ҳамроҳ навозандагиву сарояндагӣ мекарданд. Худи Мирзоғулом нӯҳ сол дар Самарқанд аз устоди Шашмақом, аз Ҳоҷӣ Абдулазиз, таълим гирифта буд ва мегӯянд, ки чанги бобулиро беҳтар аз ӯ каси дигаре «ба забон даровардa» наметавонист. Вай қариб ҳамаи ҳофизони машҳури Самарқанду

Бухороро мешинохт – дар сӯҳбатҳояшон нишастааст, базмҳояшонро дидааст, мусиқӣ ва сурудашонро шунидааст, сабку усулашонро фарқ карда метавонад ва аз ҳар якеи онҳо ибрате гирифта ва чизе омӯхтааст.

Сафарҳои онҳо ба гирду атроф асосан бо даъвати корафтодаҳо ба вуқӯъ мепайваст ва албатта дар паяш манфиати моддӣ ва молиявӣ ҳам дошт.

Ромишгарон бисёр буданд дар Дарвоз. Метавон гуфт, ки ҳар як дара ромишгари дар маҳали худ машҳуре дошт. Бо вуҷуди ин дар сартосари навоҳӣ ва дигар водиҳои дуру наздик, талабгорони Мирзоғулом ва Шариф бисёр буданд ва аз сол ба сол бештару бештар мешуданд. Ва сафарҳои ба истилоҳи имрӯз, ҳунарии онҳо берун аз Дарвоз, дар ҳавзаҳои Дашти Ҷум, Балҷувон, Кӯлоб, Ғарм ва Ҳоит бомувафақият мегузашт, ки барояшон ҳам ном меовард ва ҳам нон медод.

Он сафарҳо расмияти ҳукуматӣ, саҳнаҳои театрӣ ва чароғу микрофон надошт. Артист ҷудову мардум ҷудо набуданд, чунонки ҳоло ҳастанд. Ҳунармандон ва тамошобинон ва сомеъон ба якдигар пайваст буданд ва камукости якдигарро пурра мекарданд ва пастубаланди рӯзгорро якҷоя ҳамвор менамуданд. Осонаш, мардум аз савту суруди соҳибҳунар лаззат мегирифтанд, роҳат мекарданд ва лаҳзае чанд душвориҳои рӯзгор ба фаромӯшӣ мерафт ва гӯё ромишгарону сомеъон ба ҳам мепечиданд, омезиш меёфтанд ва як шавқу завқ ва фароғати рӯҳии яклухт ба вуҷуд меомад, ки кайфу сафои инсонӣ ном дошт. Соҳибҳунар, дар навбати худ аз тарзи нишаст ва гӯш фаро додани ҳозирон рамуз мегирифт, кайфияти мардумро меомӯхт ва оҳангу садои ҳофизони маҳалро мешунид ва ба хотир месупорид; ва аз базм ҳарду тараф баҳра мебардоштанд.

Акашариф аз устодонаш, ба хусус, аз Иззатшоҳ ва Мирзоғулом, ки мактаби ромишгарӣ доштанд, аз мусиқии классикӣ дарс гирифта буд, саводе аз ин боб баровардааст. Ба зами он дар сафарҳо ба мусиқии мардумӣ аз дари ибрат менигарист –гӯш медоду меомӯхт ва масалан аз мардуми Роғ, Куф ва Зуғар усули сурудани роғиро ёд мегирифт ва наътхониҳои сокинони Вахиёро ҳифз мекард, ва дар Қалъаи Сағирдашту Қалъа Ҳусайн зеҳн мемонд, ки сурудҳои қалъагиро чи тавр мехонанд ва доирабазми Ванҷу Язғулом ӯро ба ваҷд меовард.

Дар он солҳо нотанависӣ набуд, ҳатто касе номашро нашунида буд. Матну оҳанги суруду таронаҳо аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл, мегузашт ва ягона роҳ дар хотир нигоҳ доштан буд. Шарифи ҷавон дидаву шунидаҳояшро дар хотир нигоҳ медошт. Хотираи

қавӣ ҳам дошт. Бадин минвол хотираашро машқ медод ва усулҳои гуногуни ромишгариро ҳифз мекард ва он ҳама омӯзишу таҷриба дертар заминае шуд, ки Акашариф, дар авҷи камолоти мутрибиву ҳофизиаш, ба тани мусиқии анъанавӣ ва мардумии халқи тоҷик, дар асри бистум, ҷони наве ворид карда тавонист. Ин кашфиёт баъдтар мешавад.

Алҳол Шариф ва устодаш Мирзоғулом даъватҳоро қабул мекарданд ва ба деҳоту ба ноҳияҳо мерафтанд ва вақти мардумро хуш нигоҳ медоштанд ва ҳаққи хидмат мегирифтанд.

Вале ҳар рӯз тӯю тантана нест. Имрӯз меъёрҳо дигар шудаанд. Ҳар кас ҳар вақте хоҳад суру маъракае барпо кардан мегирад ва миёни корҳоро мешиканад ва баракаи заҳматро мепаронад. Пештар урфу одат ин хел набуд. Ҳар кор мавсим дошт. Тӯю тантанаҳо фақат дар охири тирамоҳ ва зимистон, баъди анҷоми кори саҳро, барпо мегардид. Дар дигар фаслҳои сол мардум аз пушти кишту дарав ва ҳосилрӯёниву ҳосилғундорӣ мегаштанд ва касе ин тартибро вайрон кунад айб буд.

Шариф дар ин фаслҳо, қатори мардум, ба ташвишҳои рӯзгор машғул мешуд-ҷӯи обро тоза кардан, шохи хушки дарахтонро буридан, деворҳои афтидаро бардоштан, замини рӯи ҳавлиро побел карда тухме пошидан, аз кӯҳ ҳезум овардан барои зимистон ва дар ҳашарҳое, ки ҳамсояҳо ба ҳамвориҳои ёнаҳо рафта, ба рӯи барф хок мепошиданд, ки тезтар об шаваду киштбоб гардонад, ёрӣ додан ва карбосу меваи хушки Иззатшоҳро тарафҳои Сағирдашт бурда, ба ғалладона иваз намудан ва аз он тараф гӯсфанди ӯро бо пордуми хар баста овардан…

Э, магар кам аст даву този рӯзгор? Лекин шавқи дутор задан ва суруд хондан, доим дар дилу сараш чарх мезад. Ва баъзан шабҳо, дар ҳалқаи ёру дӯст, менавохту месуруд. Гоҳо дар саҳро ҳам, ҳангоми фориғи кор барои ҳамкорон, базм меоросt, ки кӯфтагиашон барояд…

Бӯи борут то Дарвоз намеомад, аммо касофаташ мерасид. Дар паси ағбаи Хобуработ[1], дар кадом як гӯшаи дури замин, ҷанг мерафт. Мардуми Дарвоз садои тӯпу туфангро намешуниданд, албатта. Вале аз хабарҳое, ки мардикорон аз Самарқанд, аз Тошканд, аз Қӯқанд, меоварданд ва аз забони сарҳадбононi рус, ки дар соҳили рӯди Панҷ буданд, чанд сол боз мешуниданд, ки русу гермон ҷанг кардаанд, ба ҷанги онҳо давлатҳои дигар шарик шудаанд ва рӯи ҷаҳонро ҷанг гирифтааст. Дар ҳама ҷо қиматию гуруснагӣ. Одамон барои як бурда

1. Ин ном таркиб ёфтааст аз номи ду деҳа — Хоб ва Работ.

нон хуни якдигарро мерезанд. Худо паноҳ диҳад, ҷоҳое будааст, ки гӯшти одамро мехӯрдаанд.

Дар Осиёи Миёна чунин ҳодисаҳои даҳшатовар нашудааст, вале даму нафаси қаҳтӣ ба ҳама ҷо расида буд. Аз ҷумла бо навоҳии Дарвоз ҳам. Ризқу рӯзии аслан на чандон фаровони мардум, рӯз ба рӯз тангтару тангтар мешуд. Аз берун ғалла намеомад, равған намеомад. Тутпис[1] ба ҷои нон истеъмол мешуд. Решаи рустаниҳоро ҷӯшонда мехӯрданд. Мардҳо даста-даста ба мардикорӣ ба вилоятҳои дигар мерафтанд ва дар он ҷоҳо низ баракат парида, фаровониро ҷанг балъида буд.

Дар ин миён, ҷояш ҷаннат шавад, Иззатшоҳ тӯқсабо аз олам гузашт. Ва Шарифу устодаш Мирзоғулом азми сафар карданд. Ҳамон рӯзҳо чаҳордаҳ марди сафарӣ, дар роҳ, дар ағба зери тарма монданд, воҳимаи ин хабар деҳотро пур кард, бисёр сафаракиҳо тарсиданд, лекин онҳо сафарашонро мавқуф нагузоштанд.

— 4 —

Шӯҳрате, ки «як бачаи дарвозӣ баромадааст, хуб мутрибӣ ва хуш сурудхонӣ мекунад» аз Дарвоз ба гирду атроф ва Ғарм расида буд ва аз Ғарм ба тамоми водиҳои тоҷикнишин паҳн гардид.

Дар Ғарм Шариф бо устодаш Мирзоғулом бо даъвати эҳтиёҷмандон, ба тӯю тантанаҳои деҳот мерафт ва маъракаҳоро бо созу навои дилнишин обод мекард, ба ваҷд меовард ва меҳрубонӣ медид.

Боре онҳоро як бой ба тӯяш даъват кард. Вай Давлатбек ном дошт ва бойи овозадор буд. Ба тӯяш одами зиёдеро хабар дод ва аз Ҳисору Бухорову Қӯқанд беҳтарин сарояндаву навозандаҳоро овард. Тӯю тантана даҳ рӯз тӯл кашид. Даҳ рӯз гӯсфандкушӣ, дегмонӣ, нонпазӣ, ҳезумшиканӣ, гулханафрӯзӣ ва бузкашиву базм.

Айвони дароз барои ҳофизони номдор. Ин ҳофизон бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбакӣ ва қирғизӣ, бо навбат суруд мехонанд. Халқи аросоте дар тамошо ва даву ғеҷ. Бому бомгӯша пури аёлу бача.

Баъди як ҳафта ба Шариф навбат доданд. Либос ва қаду басти ӯ, нисбат ба ҳофизони овозадор хеле фақирона ва бекаруфар буд. Вай фурӯтанона ба айвон баромад, панҷторро ҷӯр кард ва суруд:

*Зулфи мушкинро ба рӯи худ парешон кардаӣ,*
*Рӯ чу маҳ андар шаби торик тобон кардаӣ…*

---

1. Тутпис — талқони тут.

Садои соф ва мусиқии ҳамвори зарбдор ва гӯиши ороми равшан, ба гӯши ҳозирон форам расид. Анбӯҳи одамӣ, ки то ҳол чандон ором наменишастанд – меҷунбиданд, мехестанд, менишастанд, ва баъзеҳо байни худ фичиркучур гап мезаданд, пас аз як байти ғазалро хондани Шариф, хапу дам шуданд ва то охири суруд аз ягон гӯшае садои ғинге набаромад. Ва даме, ки Шариф сурудро ба итмом расонду мизробро аз торҳо бардошт, садоҳои таҳсин баланд шуд:

— Шоҳ бош!

— Боракалло!

— Дастат дарда набинад!

Шариф дасти рост ба сари сина гузошт ва таъзим кард. Аз баковулони Давлатбек яке ба айвон баромад ва ба китфи ӯ як ҷӯра атлас партофт:

— Ҷуфт шавад!

Шариф боз як суруд хонд ва садоҳои таҳсин боз баланд гардид ва сомеъон талаб карданд, ки боз бихонад ва ӯ боз тарона хонд ва ин бозҳо такрор шуду такрор шуд ва Шариф аз ғазалҳои асили классикӣ ва таронаҳои шӯхи мардумӣ, ҳафт суруд хонд ва ғолиби ин базми чандрӯза донистанд ӯро. Ва ин ғолибие набуд, ки ҳайати ин ё он комиссия медиҳад, балки ғолибие буд, ки аҳли маърака – хурду калон, олиму омӣ, ба вай лоиқ донистанд.

Ва баъд аз ин эътирофи ҳамагонӣ «дар барномаи ҳофизони Ғарм суруду тарона, дубайтиҳо, бадеҳаҳои бисёре ҷой доштанд, ки сароянда, оҳангсоз ва ҳатто муаллифи баъзеи онҳо, Акашариф буд (Ш.Сокин).

## – 5 –

Ғарм. Мавзеъи Сари пул.

Иди Наврӯз.

Ҳукумати нав, ҳукумати коргару деҳқон, ғалаба кард ва дар ҳудуди СССР ҳокимиятро ба дасти шӯроҳо дод. Ва як шарти асосиаш ин буд, ки дар шӯроҳо бою муллоҳо набошанд. Раисони шӯроҳо фақат ва фақат аз ҷумлаи камбағалон ва заҳматкашон интихоб бишаванд.

Ба муроди дили мардуми бебизоат ва азиятдида буд ин тартиботи нав. Аксарияти мардум онро хуш қабул карданд ва ба хидматаш даромаданд. Шариф ҳам дар орзӯи беҳбудӣ рӯзгори халқ буд ва ин беҳрӯзӣ, ки оғоз гирифт, ба хидмат камар баст. Силоҳи вай дар ин набард, танбӯр, сухан, оҳанг ва овози форам буд, ки дар сӯҳбатҳо ва маъракаҳо моҳирона ва устодона истифода мебурд:

*…Ба синфи душманонат боз ҳангоми азоб омад,*
*Мадеҳ раҳ дар қатори хеш бою синфи муллоро,*
*Ки бар он қавм вақти рафтанаш зери туроб омад,*

Ҳамин шӯроҳо, ҳамин ҳукумати камбағалпарвар, ки дар воқеъ ғами раиятро мехӯрд ва «мо ҳар коре бикунем, бо маслиҳати халқ ва ба манфиати халқ мекунем», - мегуфт, бемаслиҳат, аз пеши худ, ҷашни Наврӯзро, одати боиву феодалӣ, гуфту манъ кард. Ва фозили замон Садриддин Айнӣ, ки худ ҷабру ҷафои аморати Бухороро дида, ба рӯзҳои пирӯзӣ расида, «Инқилоб офтобро монад», гуфта буд, ба умеди нигоҳ доштани ин анъана, мақола навишту чоп кунонид, ки агар Наврӯз гуфтан манъ аст, биёед онро ҷашни Гули сурх бигӯем ва Ид бикунем. Ва соли як ҳазору нӯҳсаду бисту чорум дар Ғарм низ одамони дурандеш, бо ҳар эҳтиёт, Ҷашни Наврӯзро ба шукронаи таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон пайвастанд, ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» - ҳам мардум суннатҳои наврӯзиро ба ҷо биёваранд ва ҳам дасти айбҷӯён кӯтоҳ бошад. Гардишҳои аҷибе дорад замон-гоҳо хирадмандонро лозим меояд, ки дар сояи «расмият» асолатро зинда нигоҳ доранд.

Ҷашнро дар майдони Сари Пул барпо карданд. Ин майдон дар соҳили рости рӯди Сурхоб воқеъ аст ва тарафи рӯд ҷари баландест, тарафи муқобил се зина адирча ва баъди адирчаҳо доманакӯҳи Мундапул ва баъди он қуллаҳои аррадандон. Дар вилояти Ғарм дашти Сари Пул ҳамвории ҳамвор ва беҳтарин ҷои гузаронидани маъракаҳои мутантан буд.

Ба Сари Пул аз ҳар тараф одамон меомаданд – аспсавор, харсавор, пиёда.

Ду сутун устувор карда, болояш саррав гузошта, дарвоза сохтанд ва дар тоқи дарвоза, дар албони дарозе, бо оҳак «Зинда бод Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон!» навиштагӣ. Боқӣ дигар тартиби ҷашн аз рӯи суннату анъанаи Иди Наврӯз ва сайру гашти Наврӯзӣ. Аввал пойга шуд – аспи кӣ пештар мебиёяд? Баҳс, ғавғо, одамон селвор пеш мераванд, поён мефуроянд, боло мебароянд… Баъд бузкашӣ барпо гардид – дар пиллаҷо баковулҳо, мурдакаш маслуқро мебарад, човандозон аспҳоро бозӣ доронда, аз дунболаш мераванд. Аз он тараф пои буз ба дасти касе, дасти буз дар дасти дигаре, шохи буз ба дасти касе, тӯда шуда меоянд. Сарҳо бо рӯймолҳо бастагӣ, қамчинҳо пеши рӯву болои сар ва дар даҳан бо дандон газидагӣ..., тамошобини анбӯҳ мехезад, мешинад, фарёд мекашад, ҳаво медиҳад, дашном ҳам медиҳад…

Ниҳоят гӯштингирӣ. Аз ҳама ноҳияҳои вилоят паҳлавонон омадаанд. Дар пешгоҳ меҳмонони азиз, роҳбарони Ҷумҳурӣ Нусратул-

ло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев нишастаанд. Гирди майдони гӯштин одамдевор шудагӣ. Паҳлавонон давр мегиранд, мечаспанд, ҳалук меандозанд, чапу рост мегардонанд, хаму рост мешаванд, мебардоранд, мефуроранд ва оқибат яке ғолиб меояд, дигаре мағлуб мешавад. Ҳакамҳо ба ғолиб тӯҳфа медиҳанд.

Дар маъракаи гӯштини имрӯза ғолиби майдон ду бародар аз Ҳоит буданд. Онҳо ин ду бародар, ҳар паҳлавоне, ки аз дараи Камароб, Ғарм ва Қалъаи лаби об, довталабшуда ба майдон баромад, пушташро фарши замин карданд. Ва аз деҳаи Шул, ки наздиктарин деҳа ба ҷашнгоҳ буд, паҳлавонон Раҷабсаркор ва Абдусаттор ва Ятимполвон, бо даъвои соҳибони маърака ва соҳиби имтиёз, ки гӯштин дар замини онҳо барпо мегардад майдондорӣ карданд, вале ҳар сеяшон доврo бой доданд – Ҳоитиҳо ғалаба карданд. Мусобиқа гӯё ба охир мерасид ва довталаби дигаре ҳам гӯё ба назар намерасид ва доварон дар тараддуди ҷамъбасти бозӣ буданд. Дар ҳамин лаҳза Шарифи ҳофиз аз ҷо хест ва ба майдони гӯштин рафт.

— Ҳаминаш намерасид, ки ҳофиз гӯштин гирад!, - писханд зад як тамошобин – кори худатро карда гардӣ, намешавад?!

Зоҳиран аҳвол ҳамин хел буд. Вале Шариф ин нидоҳои норозӣ ва заҳрдорро ношунида гирифт ва дар гӯшаи майдон истод. Аз ин рафтори ӯ Нусратулло Махсум низ нороҳат шуд. Вай, ба меъёри ҳамон вақтҳо, одами ҷаҳондида буд – Фарғона, Тошканд ва Самарқанд рафтааст ва дар он ҷоҳо дар фабрикаҳо ва роҳи оҳан, кор кардааст, гӯштингирии паҳлавонҳои зиёдеро дидааст, лекин ин хелашро ёд надорад, ки як ҷавони машқнадида, ба муқобили як паҳлавони варзида бароянд, - «хуб нашуд, худашро шарманда мекунад!»

Қувваозмоӣ сар шуд. Ҳарифон давр заданд, дастонашонро ҷавлон доданд ва часпиданд. Шариф сабук, чолок, паҳлавони ҳоитӣ вазнин ва бо тамкин. Вай Шарифро сари рон кашид ва хост, ки ба пушт партояд, аммо Шариф раҳо хӯрд – рост истод. Ҳоитиҳо нидоҳои хурсандӣ баланд карданд ва каф кӯфтанд.

Паҳлавонҳо боз давр заданд ва боз панҷа ба бозу ва тахтапушти якдигар заданд. Ин майдон, ба монанди майдонҳои гӯштингирии Дарвоз, мусиқӣ надошт, вале дар гӯши Шариф хаёлан оҳанги Найрез садо медод, - ҳамон оҳанги мутантан ва рӯҳбаланд ва мардона, ки паҳлавонони Дарвоз, бевуҷуди он гӯштин намегирифтанд. Ва паҳлавони ҳоитӣ боз пои Шарифро аз замин канд ва тоб дода ба замин афкандан хост ва Шариф ҳалук андохта ӯро ба тарафи хамхӯрдаи вазнаш пахш кард ва ӯ бо шонаҳояш ба замин бархӯрд. Ва тамошобинон бо ҳаргуна садоҳо по кӯфтанду каф кӯфтанд – аксарият ба «офарини» Шариф ва фақат мардуми Ҳоит бо эътироз:

— Ҳисоб не, ҳисоб не! Аз нав гӯштин гиранд!

Ҳакамон бурди Шарифро ҳалол донистанд ва райъ надоданд, ки онҳо аз нав гӯштин бигиранд. Ҳоитиҳо ҳакамҳоро гирд гирифтанд ва шӯру ғавғо бардоштанд:

— Нодуруст!

— Тасодуф!

— Майдон диҳед, ҳалол гӯштин гиранд, ғирромӣ накунед!..

Ва теладиҳиву муштбардорӣ сар шуд. Қариб буд, ки одами бисёре, тараф ба тараф, ба ҷанг дароянд. Меҳмонони олиқадр, намояндаҳои ҳукумати Ҷумҳурӣ Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев, даруни тӯда рафтанд ва ҳакамҳоро аз муҳосира баровар- данд ва шӯру ғавғоро таскин доданд:

— Ҷашнро ба ҷанг табдил надиҳед, рафиқон!..

Ва тӯда, дилу бедилон, тунук шуд – ҳар гурӯҳ ба тарафе роҳ кашид ва мардум рафтанд паи кори худ.

Ғармиҳо ба хусус мардони деҳаи Шул, Шарифро гӯё сари даст бардошта мебурданд. Чунки Шариф дар деҳаи Шул зиндагӣ мекард ва маҳз пас аз мағлубияти паҳлавонони ин деҳа ба номус омада, довталаби гӯштингирӣ шуд ва дар мусобиқа ғолиб омад; ва бо ҳамин сабаб мардони Шул ӯро одами худӣ ва номусбардори деҳа донистанд ва иззату икромашро ба ҷой овარданд ва ҳамон шаб то рӯз базм карданду зиёфат доданд.

## – 6 –

Дар солҳои аввали ҳукумати шӯравӣ ба ҳар як ном сифати сурх мечаспонданд ба мисли аскари Сурх, байрақи Сурх, Тоҷикистони Сурх, китоби Сурх ва ҳатто террори Сурх.

Чойхонаи Сурх ҳам аз қабили ҳамин хел номҳо буд ва бино ба андешаи таъсисдиҳандагон, мебоист ҷои масҷид ва меҳмонсаро ва хонақоҳро мегирифт ва бояд маркази маданиву маърифатие мешуд, ки ғояҳои ҳукумати нав ва ҳаёти навро тарғибу ташвиқ мекард. Ва дар айни замон вазифаи клубу кинотеатрро иҷро менамуд, зероки ин муассисаҳои навбаромад, алҳол дар қарорҳо ва дар забонҳо роиҷ вале дар амал вуҷуд надошт. Ва дар шаҳраки Ғарм бо ҳамин мақсад, чойхонаи Сурх таъсис доданд ва Шарифро, ки акнун шахси машҳур буд ва хурду калон бо эҳтиром Акашариф мегуфтанд, мудири ин чойхона таъин карданд. Ин як касби нав буд, ва монанди ҳар як иқдоми нав, душвориҳои зиёде дошт. Осонаш, одамон дар чойхона ғун намеомаданд, яктаву дута ва гоҳу бегоҳ меомаданд, ки ҷомеъа гуфтан рост намеомад; ва мавриду сабабе шаваду одами бештаре

биёяд, дар сӯҳбат дилгарму часпон нестанд – ҳар кадоме аз чизе ва ё касе мулоҳизаю худдорӣ мекунад; ва ҳатто касоне ҳастанд, ки аз омадан ба ин ҷо ҳазар мекарданд. Лекин чойхонаи Сурх супориши давлатӣ дошт, нақшаи кор дошт ва масъулони ин соҳа ҳисобот талаб мекарданд; ва Шарифро зарур буд, ки супоришҳоро иҷро бикунад ва ҳангоми ҳисоботҳо сурху сафед нашавад.

Коре кардан даркор буд, ки мардум бо майли дил ва озод омаду рафт кунанд. Бо дили нохоҳам не, бо гардани баста не! Ҳар рӯз ин корро кардан имкон надошт ва лозим ҳам набуд. Вале аз маврид ба маврид зарур мешуд. Ва дар ин мавридҳои зарур Акашариф асбобе аз асбобҳои мусиқиаш ба даст гирифта, ба айвони чойхона мебаромад ва суруд мехонд ва ё оҳангеро менавохт; ва садои ӯро, ё мусиқии ӯро шунида, мардон ҷамъ меомаданд. Ба чойхона медаромаданд, суруд мешуниданд ва сӯҳбат гарм мешуд ва дар рафти гуфтугӯ аз хабарҳои ҷаҳон воқеъаҳои Ҷумҳурӣ ва рӯйдодҳои водӣ, ва буду набуди рӯзгор нақлҳо мекарданд; ва дарди дил мегуфтанд ва дарди дил мешуниданд.

Чойхонаи Сурх ба тадриҷ мавқеъ меёфт ва Акашариф дар рафти кор ҳунари касбиашро такмил медод ва таҷрибаи корҳои ташкилӣ ғун меовард. Ва онҳо, Шарифу устодаш Мирзоғулом, маҳфиле низ таъсис доданд. Маҳфили ҳунар барои ҳавасмандон, алалхусус ҷавононе, ки ба шеър, ба мусиқӣ ва ба машшоқиву сарояндагӣ шавқ доранд, шароит муҳайё карданд, ки биёянду дарс бигиранд. Ва ҳар касе, ки хоҳиш дошта бошад, меомаду дарс мегирифт. Ва баъдҳо, аз байни шогирдони ин маҳфил, санъаткорони хубе ба воя расиданд ва соҳибшӯҳрат шуданд.

Ба меъёри ҳамонвақта маркази фароғат ва манбаъи хату хабарҳои наву кӯҳна буд чойхонаи Сурх. Ва роҳбарону мубалиғоне, ки аз Сталинобод ба водии Ғарм сафар мекарданд, дар ғолиби мавридҳо аввал ба ҳамон ҷо меомаданд ва дар корҳои тарғибу ташвиқоти сиёсати нав аз қувваи фаъолони он истифода мебурданд. Ва дӯстии Нусратулло Махсум бо Шариф Ҷӯраев дар ҳамон вохӯриҳо ва ҳамкориҳо тақвият ёфта буд.

Нусратулло Шарифро дӯст медошт. Барои фаҳму фаросаташ, барои ҳунари волои машшоқиву овозхониаш, барои масъулиятшиносиаш, дӯст медошт. Ва ҳозиру ғоиб аз ҳолу аҳволаш мепурсид. Дар ин навбат аз Мирзоғулом пурсид:

— Чаро Шариф тӯй намекунад? Масъалаи зангириаш чӣ шуд?

Мирзоғулом ҳазломез ҷавоб дод:

— Зангирӣ дар Ғарм кори осон аст?!

— Медонам, осон нест. Лекин ягон сабаб дорад?

— Тарафи духтар розӣ нест.

Ва Мирзоғулом ба Нусратулло қисса кард, ки Шариф ба хонаи духтардор чанд маротиба хостгорон фиристонд, вале хостгорон аз он тараф дасти холӣ баргаштанд. Хешовандонаш мегӯянд, ки «мо духтари дар роҳ монда надорем, ки дар ғарибиҳо ба шавҳар диҳем. Шариф аз Дарвоз, дар байн даҳ ағба. Арӯсро барад, зиндаҷудову мурдаҷудо мешавем. Духтари бечора мусофир мешавад, ғариб мешавад». Лекин ҳамаи ин гапҳо баҳона. Асли гап дигар. Асли гап дар ин ки духтар падар надорад. Ба наздикӣ қазо кард. Калони хонавода Муҳаббатшо, акои духтар. Ҳамин Муҳаббатшо қатъан розӣ нест. Гапаш якта: «Шариф ҳофизи ҳарҷогард. Мо ба ҳарҷогардҳо духтар намедиҳем».

Муҳаббатшо дар Шул марди боообрӯ ва боэътибор буд ва Нусратулло бо ӯ рафоқат дошт. Нусратулло, бино ба таомули мардум, ду каси дигарро ҳамроҳ гирифт ва ба хонаи Муҳаббатшо барои хостгорӣ рафт. Вай медонист рӯҳияи одамони маҳалро – Муҳаббатшо асилзода аст ва бо ҳар раҳгузаре хешу табор шудан намехоҳад. Бино бар он ба Муҳабатшо гуфт:

— Мо эҳтиёҷ назди шумо овардем. Шариф селоварду раҳгузаре нест. Вай барои ман ба мисли писарам. Ният кардем, ки хешу табори шумо бишавем.

Муҳаббатшо баъди ҷашни Наврӯз муносибаташ ба Шариф тағйир ёфта буд – аз тарафи шулиҳо номусдорӣ кард, ғолиб омад, обрӯяшонро бардошт. Боз хостгоре чунин мӯътабар ва ёру рафиқ. Ва ӯ хомӯшона розӣ шуд.

Тӯю тамошо дар деҳаи Ҷоноро бинти Шариф, дар Шул барпо гардид. Баковулҳо раиси ноҳия ва раиси ҷамоъа буданд. Ёри домод, дӯсти қадрдон ва сирдон ва ёрирасони Шариф, бойбача Қаландар, ки молшумурон дар як шумурдан панҷсад гӯсфандашро кашида гирифтанд, миёнашро сахт баста буд, ки дар харҷу хароҷот, ба ҳеҷ ваҷҳ камиву костие нашавад.

## – 7 –

Тақсимоти маъмурӣ ва марзӣ дар Осиёи Миёна расман ба итмом расид- қарорҳо баровարданд, ба ҳар як халқ Ҷумҳурӣ доданд ба номи худаш. Аммо ҷангҷоли марзӣ ва мақомгирӣ давом дошт. Мактубҳо ва даъвоҳо аз Душанбе ба Тошканд, аз Тошканд ба Москов мерафт ва аз Москов ба Тошканд ва аз Тошканд ба Душанбе мерасид. Душанбе аз мақоме, ки ба Тоҷикистон доданд, розӣ набуд – хоки тоҷикон ба Тоҷикистон дода нашуд. Ҷумҳурӣ бояд мустақил бошад, на тобеъи Ӯзбекистон, ба тоҷикон ҷабран шиносномаи ӯзбак

медиҳанд, мактабҳои тоҷикиро мебанданд… Ва ҷавоб мегирифтанд, ки дар ҳамвориҳо ва шаҳрҳо тоҷик нест, тоҷикон фақат дар кӯҳистон боқӣ мондаанд, ки ба ихтиёратон додем. Ва ин масъала то ба имрӯз пурраву равшан таҳлилу тадқиқ нашудааст, ки чаро чунин шуд ва решаи кор дар куҷост, ки тоҷикони дастандаркор ба пантуркизм гаравиданд ва мавҷудияти таърихии як халқи таҳҷоиро, то ба дараҷае инкор карда тавонистанд? Ва имрӯз ҳар қаламкаш ва умуман ҳар касе, ки менависад, мегӯяд ва ҳатто аз дил мегузаронад, ки танҳо аҳолии кӯҳистон тоҷик ҳасту бас ва ин хел майлҳо вуҷуд доранд, кӯри таърих, бехабар аз ҷуғрофия, ғофил аз фарҳанг ва инкоргари миллат аст, ки ба осиёи пантуркизм об мерезад ва ақидаҳои ифротии онро таблиғу тарафдорӣ мекунад.

Он солҳо ақидаҳои ифротии пантуркистӣ роиҷ буд ва нуфуз ҳам дошт, ки хирадмандон ба мисли Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсумов, Абдуқодир Муҳиддинов, Шириншо Шотемур, Чинор Имомов ва ҳамсафону ҳаммаслакони онҳо, алайҳи ин таҳрифкориҳо муборизаи шадид мебурданд. Ва Акашариф Ҷӯраев, дар боби санъат, ҳамон кореро мекард, ки онҳо дар боби таърих, забон, адабиёт ва сиёсату ҷомеъашиносӣ мекарданд.

Акашариф дар касби худ, як падидаи нодир буд, ки мероси ҳазорсолаи савту наво ва оҳангҳои машҳури касбиву мардумӣ ва дардҳои замонҳои гузаштаву орзуҳои имрӯзаро ба ҳам пайваст ва равишу услуби нав дар мусиқиву сарояндагӣ эҷод кард. «Аввалан, санъати Акашариф фитрист. Сониян, ӯ дар сари зонуи[1] падар устухон шах кардааст ва аз айёми тифлӣ савту калом дар дил ва гӯши ӯ нишастааст». (Боқӣ Раҳимзода). Ва «Акашариф санъати халқиро дар мурури солҳо ба хубӣ омӯхт ва ба он хеле моҳир ва машҳури умум низ гардид. Заковати хос, зиракӣ ва маҳорати хос дар омӯхтани санъати мусиқӣ дошт. Ӯ табиатан гӯё бо мусиқӣ муҷассам гардида буд, хеле устодона менавохт ва хеле латиф месуруд» (Фазлиддин Шаҳобов, Муҳаммадҷон Раҳимӣ). Ва «Ӯ бо ҳунармандии тамом савтҳои марғуб ва дилошӯби гузаштагони дур ва ҳам наздики тоҷикро бо завқи хеш ороиш дода, ба ҳам васл кард ва дар сурати зебои Чорзарб ба имрӯз ва фардоиён тақдим дошт» (Меҳмон Бахтӣ).

Ва «Одатан ҳофизон кӯшиш мекунанд, ки зебоии овоз, васеъгии диапазони он, санъати нафасгириро нишон диҳанд, аз ин сабаб усули ноларо истифода мебаранд. Акашариф Ҷӯраев оромона, бе ягон нуқс, суруд мехонад… Ӯ қариб усули ноларо истифода намебарад, дар диапазони боло овозро баланд намекунад, санъати сурудхониаш хусусияти сӯҳбати самимона бо дӯстон, бо сомеонро дорад. Ба ӯ

1. Падараш ромишгар буд.

ҷозибаи саҳнавӣ хос аст. Ӯ метавонад дар вақташ табассум кунад, ҳаҷви оддиро истифода намояд ва ҳеҷ гоҳ аз ҳад намегузаронад» (Цветаев М.А.) Ва «ҳофизи ҷавон танбӯрро ҷӯр карда, ба хондани таронаҳои халқӣ сар кард. Овози афсунгараш ҳамаро мафтун намуд. Сонӣ бо маҳорати баланд аз Шашмақом ғазалҳои Ҳофиз ва Саъдӣ ва Бедилро иҷро кард. Ҳамаи ин на танҳо аз овози хуши Акашариф, балки аз маданияти қадимаи халқи тоҷик шаҳодат медод (Ш.Сокин). Ва «Аммо шахс ҳофизи хуб на аз он сабаб мешавад, ки қобилияти фитрӣ дорад. Ё Иззатшоҳ, Мирзоғулом, Лаълшоҳ ва дигар ровиёну ҳофизони машҳури шарқ дониши худро ба ӯ омӯзонидаанд. Инчунин бояд халқи худро беканор дӯст дошт, ғаму хурсандӣ, орзу ва ниятҳои хуби ӯро донист ва ҳамаи инро ба одамон, бо ҳиссиёт, нақл карда тавонистан лозим аст.[1] (И.Нисневич)

Акашариф ҳам қобилияти фитрӣ дошт ва ҳам аз устодони донишманду ҳунарманд таълим гирифта буд; ва ҳам касби худ, зиндагии хушу хурсандона ва ободии рӯзгори мардум ва обу хоку сангу ҳавои ватанашро дӯст медошт ва ҳам орзуву ормони халқро мешинохту ҳис мекард ва ҳам бо мавқеву ба маврид, бо оҳанги дилнишин ва овози фораму забони бурро, ифода карда метавонист.

Мирзоғулому Акашариф ба гурӯҳи санъаткороне, ки дар Ғарм, дар Чойхонаи сурх, ҷамъ оварда буданд, аз ҳамин дидгоҳ муносибату муомила доштанд. Ба онҳо таълим медоданд, ки дар касби худ саҳлангор набошанд, аз машақати заҳмат нагурезанд ва дар ҳама ҳолатҳо мутобиқати матну оҳангро нигоҳ доранд ва ҳаракати узвҳои бадан бояд, ки ба матну оҳанг муносибу шинам бошад.

— Ин ҳунар осон-осон даст намедиҳад, - мегуфтанд онҳо – заҳмат мехоҳад, ба монанди ҳама корҳои ҳалол. Як чӯбтарош пайваста машғул нашавад, чӯбро каҷ метарошад. Шумо ба санъат сару кор доред. Ин ҳунари нафистарест. Чӯбтарошӣ нест.

## – 8 –

Акашариф, бо чунин захира, бори аввал соли 1924 ба Душанбе омад. Бо даъвати роҳбарони Ҳукумат, ҳамроҳи устодаш Мирзоғулом омад. Дар Душанбе анҷумани намояндагони мардуми Тоҷикистон мегузашт. Намояндагон аз масоили рӯз ва фардои Ҷумҳурӣ баҳс мекарданд, ки хоҷагии халқ дар чӣ вазъ аст ва бояд ки чигуна бошад; роҳбарон аз ӯҳдаи кори худ баромаданд, ё набаромаданд, ҳосили сол ба зимистонгузаронӣ мерасад ё на; мактабҳо бо китобу парта таъмин шуд…

1. Дар иқтибосҳо ба услуби ҷумла дахолат накардем.

Ва албатта анҷуман тантана ҳам дошт – аз ҳама навоҳӣ артист даъват карда буданд, ки шаъну шукӯҳи онро таъмин намояд.

Дар ҳамин базми ҳукумат, ҳунари мутрибӣ ва сарояндагии Акашариф вирди забонҳо гардид, - қандаша хӯрад, хуб садое дорад! Бар падараш раҳмат, ҳамаро қоил кард!..

Акашариф ҳамаро қоил кард, барои он ки мактабдида буд ва таҷрибаи қариб бистсола дошт ва дар атрофи сесад шеъру тарона аз ёд медонист ва худаш гоҳо бадоҳатан, шеър мегуфт ва аз оҳангу овозаш нафаси тозае медамид. «Деҳа ба деҳа гашта таронаҳои дилошӯби мардумро мешунид ва бо ҳунари волои хеш ба онҳо тозагӣ ва бӯю таровати нав мебахшид. Аз доираи танг ба олами фарохтар парвоз медод» (Меҳмон Бахтӣ). Ва усули созу навою лаҳне дошт, ки фақат хоси худаш буд. «Синну солам ба ҷое рафту завқам низ ба ҷое расид ва имрӯз бар онам, ки Акашариф мутриби бузург ҳам буд – касе мусиқии ӯро чун худаш навохта наметавонисту наметавонад». (Фаттоҳ Одина). Мусиқиҳое, ки Акашариф дар сурудхониаш истифода мебурд мероси классикӣ ва аз бойгонии мардум мегирифт ва дар баробари он, худаш ҳам ба матнҳои нав ба нав, оҳангҳои нав ба нав мебаст. Вай одами ба зиндагӣ хушбин буд – хуш менавохту хуш мехонд, ки табъи шунаванда болад, на ин ки коҳад.

Зиндагии сахт ва бардавом, ҳанӯз чандон ба сомон наомада буд. Ҳанӯз роҳҳои мошингард насохта буданд ва телефону телеграф ба оммаҳо дастрас набуд ва ағбаҳо шаш моҳ баставу шаш моҳ кушода мешуданд ва дарёҳо пули устуворе надоштанд ва касе, ки асп дошта бошад, марди доро ба ҳисоб мерафт ва хар назди мардум азизтарин ҳайвон буд. Бадин сабабҳо, ба масал, одаме, ки аз ағба ӯрӯ гузараду бозгардад вайро ҷаҳонгаштаву ҷаҳондида медонистанд ва шахсе аз як деҳа ба деҳаи дигар афтад, худро ғарибу бекас ҳис мекард ва шабҳои дароз рубоиҳои ғарибӣ мехонд. Китобҳои фолклорро хонед, пуропури шикоят аз ғарибист. Ва шояд дар дунё халқи дигаре набошад, ки дар ватани худ зиста, ин қадар бисёр аз дасти ғарибӣ нолида бошад. Ва боиси ин ҳама дарду аламҳо ва шикояту нолаҳо, ҳамоно мавҷуд набудани роҳҳои обод ва дигар воситаҳои рафту омад ва доду гирифт ва муомилаву муколима будааст.

Алҳол он ҳама мушкилиҳо осон нашуда буд ва бар асари он мардуми заҳматкаш аз рӯзгори ноҳамвор шикваю шикоятро айб намедонистанд ва дар рӯзгор оҳангҳои яъсу ноумедӣ, афтодагиву бечорагӣ, бештар ба гӯш мерасид ва дар рубойӣ, тарона, ғазал ва оҳангҳои ғамангез аксандоз мегардид. Вале дар эҷодиёти Акашариф чунин оҳангҳо ба нудрат роҳ ёфтаанд. Оҳангҳое, ки ӯ интихоб кардааст ва оҳангҳои маъмуле, ки вай такмил додааст ва оҳангҳое, ки эҷоди худаш аст ва матни сурудҳое, ки ӯ аз осори шоирон ва

фаҳлавиёт, аз жанрҳои ғазал, рубоӣ, тарона ва бадеҳа, чинда гириф-тааст, саросар болидарӯҳ, ҳаётдӯстона, тарабангез, шавқовар ва шӯх ҳастанд, ки ба зудӣ дар хотир нақш мебананд ва хотири хонандаву шунавандаро шоду масрур нигоҳ медоранд.

Маҳсули кори ҳар як одам, мутобиқи хислат ва дилу нияти худи ӯст. Хислати Акашариф зоҳиран нарм ва дар бунёд устувор ва дар рӯзгор хушбин ва дар муомила мавридшиносу зариф аст. Дилу нияташ софу беғубор ва майл ба ҳалолкорӣ ва дастгирӣ ва манфиатрасонӣ ва бедор кардани шавқу завқ ба зиндагӣ будааст. Ва эҷодиёташ моломоли ҳамин гуна хислатҳо ва чунин дилу ниятҳост, ки ба дилҳо роҳ ёфт ва байни мардум маҳбубияти зиёде дорад ва дар ҳар ҷо ва дар ҳар вақт, оҳанги сетор ва садои суруди ӯ ба гӯш расад, шунаванда ба ваҷд меояд, ҳузур мекунад, бадан ва рӯҳаш қувват мегирад.

Баъди ҳамон сафари нахустин, минбаъд ҳар ҷамъомаде, ки дар миқёси ҷумҳурӣ барпо гардад, ҳатман Акашарифро даъват мекарданд ва маҳз дар ҳамон маъракаҳои ҳунарнамоӣ «шиносоии ӯ бо Абдуқодири Ноӣ, Саидхон Ҳисорӣ, Абдумаҷиди Ҳомид, Муҳиддин Мавлон, Мухтор Ашрафӣ, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев, устод Шодии Азиз, Домулло Ҳалим ва муҳақиқони мусиқӣ Н.Миронов, В.Успенский ва дигарон сурат гирифт.» (А.Раҷабзода).

Ҷашну тантанаю фестивал шавад, Акашарифро даъват карда, аз Ғарм ба Сталинобод меоварданд ва сурудашро шунида кафкӯбиҳо мекарданд ва ба истеъдоди фавқуллодааш қоил буданд, вале дар пойтахт нигоҳ намедоштанд. Маърака ки мегузашт, то маъракаи дигар, суроғаш намекарданд. Худи Акашариф одат надошт, ки ба мисли як қисм ҳампешагон гирди мансабдорон парвона шавад ва даъво ҳам намекард, ки ман ину онам ва дар ташвиқи ҳунараш кӯшише надошт ва лоф ҳам намезад, ки фалону фалон бартариҳо дорам. Вай ингуна корҳо ва ин хел рафторҳоро айб медонист. Ва бармегашт ба Ғарм ва машқ мекард бо шогирдон, эҷод мекард дар хона ва дар роҳ ва дар зиёфатҳо. Ва аз деҳаҳо ба суроғаш биёянд, мерафт ҳамроҳашон, суруд мехонд барояшон.

## – 9 –

Ҳукумати нав, корҳои нав мекард.

Идораҳои давлатӣ нав шуд, қонуну қарорҳо нав шуд. Исмҳое ба монанди амир, қӯшбегӣ, қозӣ ва муфтӣ аз муомилот баромад ва ба ҷойи онҳо комиссариат, шӯро, суд ва прокурор барин номҳо

маъмул гардид. Мактабҳои нав мактабҳои кӯҳнаро иваз кард. Почта, телеграф, телефон, чопхона, нашри китобу маҷаллаву рӯзномаҳо ба фаъолият даромад, ки дар замони амирӣ, аслан ному нишон надошт. Ҳатто номи шаҳрҳо нав шуд ва шаҳри Душанбе ба шаҳри Сталинобод табдил ёфт.

Насими нав ба мулки мутрибиву сурудхонӣ ҳам расид. Аввалан ба нота гирифтани оҳангҳо сар шуд. То ба ин вақт оҳанг, дар мулки мо, аз хотир ба хотир мегузашт. Акнун гуфтанд, ки оҳангро низ навиштан мумкин. Оҳанг ҳам ҳарф дорад. Ва ба мусиқишиноси рус В.Успенский супориш доданд, ки оҳангҳои Шашмақомро ба нота гузаронад. Успенский ба Самарқанду Бухоро омад ва бо ёрӣ ва овози устодон Бобо Ҷалол Носирзода ва Бобо Ғиёс Абдуғанизода, порчаҳои ҷудогонаи Шашмақомро ба нота гирифт ва ин китоб соли 1924 дар шаҳри Москва чоп шуд. Ва худи ҳамон сол бо роҳбарии мусиқишиноси рус Н.Н.Миронов, дар шаҳри Самарқанд «институти мусиқӣ, театр ва рақс» таъсис ёфт. Ба ин маркази ҳунарӣ бузургмардони мусиқии мардумию классикии тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазиз, Бобо Ҷалол, Бобо Ғиёс, Домулло Ҳалим, Содирхон, Ҳоҷӣ Абдураҳмон, Усто Шодӣ (Азиз),Қорӣ Сироҷ, Қорӣ Камол ва дигарон ба тадрису омӯзиши асосҳои амалии мусиқии тоҷик сафарбар шуданд», (А.Раҷабзода). Баъдан, ҳукумат талошу тараддуд дошт, ки савту наво ва мутрибону ҳофизонро, ки ҳар кас ба сари худ мегашт, тобеъи идораҳои давлатӣ бикунад ва дар тарғибу ташвиқи ғояҳои нави ҳукумати нав истифода барад.

Дастаи санъаткорони Ғарм, ки Мирзоғулом ва Акашариф таъсис дода буданд, бино ба талабот, барномаҳои тарғиботӣ дошт – шукри ҳукумати шӯравӣ ва озодиву ободии халқи заҳматкашро васф мекарданду месуруданд. Акашариф дар деҳаи Шул зиндагӣ мекард ва ҷои кораш Чойхонаи сурх, дар деҳаи Ғарм буд. Аз Шул то ба Ғарм, ҳоло дар пеши мошин, як қадам роҳ. Он вақт роҳи дур буд. Як рӯз сарф нашавад ҳам, ним рӯз вақтро мегирифт. Ҳар рӯз рафтану омадан кори душвор буд албатта. Акашариф дар як ҳафта ду бор ба чойхона мерафт. Рӯзҳои дигар ёру дӯст ба хонаи вай меомаданд. Хабаргирӣ меомаданд, ба меҳмонӣ меомаданд, сурудшунавӣ меомаданд ва ҳамкорон машққунӣ меомаданд ва ташвишу тараддуди меҳмондорӣ ба ӯҳдаи Ҷонoро буд.

Маълум, ки худи Акашариф бекор наменишаст. Ҳамаи ин омаду рафт ва дарову буро ва нишасту хезро сомон медод. Сӯҳбатро гарм нигоҳ медошт, пешвоз мегирифт, гусел мекард. Арзашонро мешунид, навохтану сурудани ҳавасмандонро гӯш мекард, пардагирӣ ва ҷӯр намудани асбобҳои мусиқиашонро нишон медод, худаш танбӯр мезаду суруд мехонд… Лекин ҳамаи ин, ба масал, «корҳои

тоза ва мардона» буданд. Вазнинии бор бештар ба китфи бародари бузурги Ҷоноро Муҳаббатшо ва худи Ҷоноро меафтод. Ҷоноро чун бонуи хона, мебоист намаду пӯстаку кӯрпачаву болишт муҳайё нигоҳ медошт; об меҷӯшонду чой дам мекард, таом мепухту табақ мекашид ва намаду пӯстаку кӯрпачаро метакиду хонаву ҳавлиро мерӯфт ва дегу табақу чумча ва чойнику пиёла мешуст…

Дар оилаи одами боobрӯ ва доро ба дунё омада буд Ҷоноро ва тарбияи хуб дошт. Дар ҳавлии онҳо ба одоби дарову баро, нишасту хест, қабулу гусели меҳмон ва ҳунари пухту паз ва рӯбучини даруну беруни ҳавлӣ, сахт аҳамият медоданд ва талаботи ашрофонае доштанд дар нисбати иҷрои ин корҳо. Ҷоноро аз ӯҳдаи ҳамаи ин корҳо ба хубӣ мебаромад. Ва хона ва дастархон ва асбобу анҷом ва кӯрпачаву болишти озода дошт. Аз саҳар то шом меҷунбид ва фурсати як нафас бекор нишастан надошт. Шоҳиди он рӯзҳо додарарӯси Акашариф сиёсатмадор ва ходими давлатӣ, Манзар Шариф ёдовар шудааст, ки «хонаи ӯ ҳамеша серодам буд. Давоми ин солҳо ман ӯро ҳеҷ ором надидам. Хобу хур надошт. Хонааш пур аз меҳмон буд. Шабҳои дароз бо шогирдҳову қадрдонҳои худ машқ мекард, суруд мехонд.» Ва Ҷоноро ин «хонаи пур аз меҳмонро», саришта мекард – асбобу анҷоми меҳмондорияш доим тайёр ва ороста буд. Одати шикваю шикоят кардан ҳам надошт. Ҳеҷ вақт, ба қавли мардум «қошу қавоқ намекард». Доим чеҳрааш кушода ва дар лабу чашмонаш ханда буд. Боре, баъди гусели меҳмонон ва пас аз рӯбу чини даруни хона, дар айвон бо қаҳру ғазаб не, ба лутфу назокат, ба Акашариф хитоб кард:

— Бо чоруқашон рӯи кӯрпача мешинанд, гирем, ки кашиданаш душвор. О ба таги намад шаммаи чой партофтану нос туф карданашон чӣ маънӣ дорад?

Акашариф хандаи ҳиҷолатомез кард:

— Одаташон ҳамин хел будагист.

— Мурад ҳамин хел одат. Худат об намебиёрӣ, ҳезум намешиканӣ, лоақал, ба онҳо гӯй, ки ин хел корҳояшонро накунанд.

Акашариф хомӯш истод.

— Мегӯӣ, ё намегӯӣ?

— Гуфтан даркор будагист.

— Аз афтад маълум, ки намегӯӣ.

Дар ҳамин ҳолат аз Ғарм одам омад, ӯ хабар овард, ки аз Душанбе фиристодаҳо омаданд ва маро фармуданд, ки шуморо ёфта барам.

Онҳо аспсавор ба роҳ баромаданд.

Фиристодаҳои Душанбе ба Ғарм барои он омада буданд, ки халқро ба алайҳи ҳуҷуми Фузайл Махсум бархезонанд. Фузайл дар

Ҳойит муаллимаҳои мактаби навро ба дор овехт ва тарафи Ғарм ҳуҷумашро давом медод. Каримбойбача ба ҷамъ омадани мардум халал мерасонд, иғво меандохт, ки «рӯзи шӯроҳо ба шумор мондагӣ. Ҳар кас тарафи инҳоро гирад, фардо ҳалқаи дор ба гарданаш меафтад». Мардум дудила шуданд ва ба майдон набаромаданд – равем чӣ шавад, наравем чӣ шавад? Ва фиристодаҳо дар ҳолати ногувор монданд – халқ набиёяд, дастур иҷро намешавад! Бадтар аз ин мардум ахбори дақиқе намегиранд ва ҳар хел овозаҳо паҳн мегардад. Воҳима ва нодурустфаҳмиҳо шуданаш ҷой дорад. Илоҷе бояд ёфт.

Ва илоҷро дар эътибор, обрӯ ва маҳбубияти Акашариф диданд. Ва Акашариф сетор ба даст гирифту ба майдони калон баромад. Садои сетор ва овози башираи ӯ ба кӯчаҳо даромад, ба гӯшҳо расид. Ва мардум, яктову дуто ва чортою панҷто, ба майдон меомаданд. Ва ҳангоме ки майдони калон аз одам пур шуд. Акашариф суруде хонд, ки мақсади ҳамин маъракаро ифода мекард:

*Байрақи озодӣ – гулбоғи Ленин,*
*Маҳкам андар дастҳои оҳанин.*
*Ҳаст моро лашкари сурхи кабир,*
*Зинда бодо байрақи сурхи азим,*
*Зинда бодо ленинизм – роҳи Ленин.*

Митинг барпо гардид, як митинги пуршӯр ва тарафдори шӯроҳо ва умедбахш ба рӯзи беҳии фақирону азиятдидаҳо. Фиристодаҳои Душанбе аз кори худ розӣ ва аз ғайрату маҳорати Акашариф миннатдор шуданд. Ва Каримбойбача, худро хами девор гирифта, риш каф зад: «дар даҳонат равғани доғ нарезам, Каримбойбача набошам!»

## – 10 –

Соли 1931 аз 12-ум то 25-уми моҳи феврал, дар шаҳри Сталинобод (Душанбе), барои ҳофизон ва мутрибон ва раққосони тоҷик, ки дар Осиёи Миёна ҳастанд, бори аввал Олимпиада барпо гардид.

То ба имрӯз дар Тоҷикистон тағйироти муҳиме ба вуқӯъ пайваст. Ҷангҳои миллӣ ва марзӣ, ҳарчанд ки одилонаву холисона ҳал нашуд, то андозае таскин ёфт гӯё. Бухороро надоданд. Самарқандро гуфтанд, ки муваққатан, то анҷом ёфтани ҷанг бо босмачиҳо ва бехатар гардидани роҳҳо, дар дохили Ӯзбекистон истад. Баъд ин қазияро фаромӯш карданд. Аз Москов қарор бароварданд, ки

вилояти Сурхандарё ба Тоҷикистон дода шавад, вале ин қарор дар рӯи қоғаз монд ва дигар касе паяш нагашт.

Фақат Хуҷандро доданд ва Тоҷикистонро Ҷумҳурии советии сотсиалистӣ эълон намуданд, ки ба таркиби СССР дохил шуд. Босмачигарӣ барҳам хӯрд. Ҳаёти осоишта оғоз гирифт. Мардум бо дасту дили гарм ба кор часпиданд, ки вайронаҳоро обод бикунанд, каҷиҳоро рост гардонанд, биёбонҳоро ба боғу бӯстон табдил диҳанд.

Акашариф ҳамаи ин муддат дар деҳаи Шул зиндагӣ мекард. Аниқтараш хонаву дараш дар Шул буд, вале худаш ҳар ҷо мегашт. Беҳудаву сар-сарӣ намегашт – аз паси коре мерафт ва ё барои иҷрои коре мефиристоданд. Ва ба ҳар куҷое, ки мерафт, ҳам омӯзгор буд ва ҳам омӯзанда – медонистагиашро ба талабгорон ёд медод ва медонистагии онҳоро ёд мегирифт.

Дар равоншиносӣ машҳур аст, ки одам ботинан озод набошад, осори гаронбаҳое боқӣ гузошта наметавонад. Табиист, ки дар зиндагӣ муросову мадоро мешавад, вале озодии ботинро нигоҳ бояд дошт. Дар акси кор вай зотан, эҷодкори асил нест. Акашариф дар ҳама ҳолатҳо – хоҳ сабукӣ бошад ва хоҳ вазнинӣ, озодии ботинро ҳифз мекард. Агар дар ҷое мартабаашро нашинохтанд ва агар коре муносиби касбу ҳунараш надоданд ва агар истеъдодашро қадр накарданд, ба мисли одамони дар забон ҳақталаб, вале дар асл тамаллуққор, арз бардошта ба дари идораҳо намерафт ва дар маҷлисҳо шикояту ғайбат намекард ва айбро бори дӯши дигарон намегузошт, ки халал мерасонанд – кори одами боҳунар нест ин корҳо. Вай ҳунарашро сайқал медод. Ба ҳар коре, ки банд бошад дар сараш ва дилаш андешаи созу суруд давр мезад. Тақозои ҳамин хислат буд, ки гардиши айём ӯро ба водии Ҳисор овард ва ӯ дар мактаби Қаротоғ аз мусиқӣ ва суруд дарс дод ва бо ҳофизони маъруфи ин диёр шинос шуду ҳамкорӣ кард. Сипас, ба Қӯрғонтеппа рафт. Обод кардани заминҳои бекора ва ботлоқу найзори водии Вахш ба тадриҷ сурат мегирифт. Дарғотсозӣ, каналбарорӣ, ботлоқхушкунӣ, найсӯзӣ ва дасти кор овардан ва манзил бино кардан ва ба одамон ихтисосҳои нав ёд додан, рӯз ба рӯз суръат мегирифт. Ва дар рӯзномаҳо менавиштанд, ки дар ин водӣ наваду ду ҳазор гектар замин коршоям ва обӣ ва корам мешавад. Ба ин мақсад сенздаҳ ҳазор километр канал меканем. Барои ин бисту шаш миллион метри мукааб хоку сангро кандан лозим, ки зиёда аз дусад ҳазор метри мукаабаш шахбурист. Ва шаст ҳазор метри мукааб оҳану бетон рехтану хобонидан даркор…

Акашариф дар Вахшонзамин як «артели хоҷагии қишлоқ» таъсис дод, ки ҳафтод нафар аъзо дошт. Аъзоёни артел одамони ҳаркора буданд. Хишт мерехтанд, похса мезаданд, девор мебардоштанд,

чӯб метарошиданд. Даста-даста ҳамроҳи як-ду усто кор мекарданд. Акашариф аз ҷумлаи устоҳо буд ва гоҳо шабонаву гоҳо рӯзҳои истироҳат ромишгарӣ мекард, ки ёрон ва мардуми деҳа ҷамъ меомаданд гӯш медоданд:

*Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ бурҳони ман,*
*Мурда будам, зиндаам кардӣ, биё эй ҷони ман.*
*Ҳар куҷо мехӯрд овозе ба гӯши нозукат,*
*Бо тапиш сар мекашид он ҷо дили нолони ман…*

Вай дар як нишаст метавонист дам нагирифта як соат – ду соат тор бизанаду суруд бихонад. Ва оҳангу овозаш як лаҳне дошт омехтаи гӯишҳо ва мақомҳои дерсолу маъмулу машҳур. Ва ин усул кашфиёти ӯ буд. «Вай гимни муассири кӯҳу камарро бо суруди шодмонии майдонҳои пахтазор, бо суруди меҳнату кор, пайваст месохт ва ҳамин тарз устодона суруди ҳаёти мо, гимни зиндагии хушбахти моро мегуфту менавохт. Ҳамин аст, ки ин суруди ӯ, созу навои ӯ, хурсандии дилҳо ва шавқу ҳаваси хотирҳо буда, ба ҳар як шунавандаи худ ҳамеша таъсири эстетикию маънавӣ, ҳиссиёти самимии миллӣ, рӯҳи тоза ва ғизову шодмонии беҳад, ато месозад», (Ҷӯрабек Назрӣ).

Маъмулан, маъмурон, аз маърака ба маърака, зарурати ҳузури мутахассисро дарк мекунанд. Дар дигар мавридҳо ақле надоранд, ки ҳоли ӯро бипурсанд. Дар дафтар ва дар хотири маъмурони соҳаи санъат Акашариф мудири Чойхонаи сурх буд, вале хабар надоштанд, ки чи ҳолу аҳволе дорад ва таъминоти рӯзгораш аз куҷост. Ва ҳангоме ки масъалаи гузаронидани олимпиада пеш омад, ӯро ба ёд оварданд ва ба суроғаш баромаданд ва аз водии Вахш ӯро ёфтанд ва даъват карданд. Ва Акашариф, бо чанд нафари дигар аз дастаи Ғарм ба Олимпиада омад.

Олимпиада шаъну шукӯҳе дошт. Дар кӯчаҳо, дар пештоқи меҳмонхонаҳо ва театру клубҳои шаҳри Сталинобод, шиорҳои калон-калон часпонидаанд: «Санъат азони халқ аст». «Салом ба вакилони Олимпиада»

Аҳли санъат аз тамоми гӯшаву канор даъват шуда буд ва ба истилоҳ, беҳтаринҳоро интихоб карда оварданд. Шаҳр ба базмгоҳ шабоҳат дошт. Ҳар шомгоҳ бинои Хонаи деҳқон пур аз тамошобин мешуд ва дастаи як, ё ду ноҳия, ҳунарашонро нишон медоданд. Дар байни ҳакамҳо, қатори маъмурону мутахассисони таҳҷойӣ, аз шаҳрҳои Москов, Ленинград ва Тошканд, оҳангсозон, санъатшиносон ва муҳаққиқон буданд…

Шаби ҷамъбасти Олимпиада ҳамин ҳакамони босалоҳият ва боҳашамат, якдилона Акашарифро ғолиби мутлақи озмун эълон карданд. Ғолиби мутлақ, вале дар пойтахт нигоҳаш надоштанд…

## – 11 –

Комиссариати маорифи халқи Тоҷикистон соли 1925 таъсис ёфт ва яке аз ҷонишинони ин комиссариат масъули корҳои маданиву – маърифатӣ буд, ки фаъолияти Чойхонаҳои сурх, клубу кинову театрҳоро низ назорат мекард. Ёрӣ ҳам медод албатта. Дар соли 1935 дар курсии ин мансаб Абдуқодир Алимуҳаммадов менишаст ва комиссариат ӯро сардори гурӯҳ таъин намуда ба вилояти Ғарм фиристонид. Ин гурӯҳи панҷнафара мебоист дар вилоят конференсияи муаллимонро мегузарониданд ва баъд дар районҳо гашта, озмуни ҳаваскорони санъат барпо мекарданд ва беҳтарини онҳоро ба олимпиадаи Сталинобод меоварданд.

Конференсияи муаллимон анҷом ёфт. Ва Абдуқодир, ки овозаи ҳунари Акашарифро шунида буду худашро надидааст, ба воситаи роҳбарони вилоят ӯро ёфт, шинос шуд ва хоҳиш кард, ки дар кори аз назаргузаронии ҳаваскорони районҳо ба гурӯҳи онҳо ҳамкорӣ бикунад. Акашариф розӣ шуд. «Ӯро ҳам ба ҳайати жюрӣ ҳамроҳ карданду ба Қалъаи Лабиоб, Ҳойит, Ҷиргатол ва дигар маҳалҳо бурданд, олимпиада гузарониданд. Дар ҳама ҷо ҳаками асосӣ Акашариф буд». (Ҳоҷӣ Содиқ).

Олимпиада дар маркази вилоят, дар шаҳраки Ғарм, ҷамъбаст шуд. Акашариф бо дастаи Ғарм, дар консерти ҷамъбастӣ-вилоятӣ ширкат кард ва худаш ҳам суруд хонд. «Ҳамон шаб дар консерти олимпиада ҷойи нишаст он тараф истад, имконияти рост истодан набуд. Ҳангоме ки конферанс баромади ҳофизро эълон кард, қарсакзании пурмавҷ залро фаро гирифт. Акашариф бо чеҳраи хандон ба тарафи халқ нигоҳ карда, далерона ба саҳна баромад. Дар даст асбоби танбӯрмонанди ёздаҳтора дошт. Хушқаду қомат менамуд. Дар тан ҷомаи беқасаби ҳисорӣ, ба сараш тоқии чоргули сафед дошт. Дар ҳамон консерт ман сурудҳои «Эй ҳузури мақдамат», «Усмат намехом», «Ҷӯраҷонам», «Агар ба гулшан» ва «Нозанин»-ро бори аввал дар иҷрои ӯ шунида будам», навиштааст Зиёдулло Шаҳидӣ аз забони Абдуқодир Алимуҳаммадов.

Дар вилоятҳо ин чорабинӣ ба охир расид. Ва дар Сталинобод Олимпиадаи дуюми ромишгарони Осиёи Миёна оғоз гирифт. Ба ин базми азими ҷумҳурӣ ҳамон дастаҳое, ки дар озмуни вилоятҳо ғолиб омадаанд, даъват шуданд. Дар қатори дигар дастаҳо, дастаи

Акашариф ҳам ба Сталинобод омад. Ва дар ин Олимпиада, ки ба ғояти серталаби ва шаҳомати суруду мусиқӣ гузашт, Акашариф, ба мисли Олимпиадаи якум, ғолиби мутлақи Олимпиада дониста шуд.

Шӯҳрат ва маҳбубияти Акашариф ба маротиб афзуд. Аслан, то ба ин Олимпиада ҳам, Акашариф овозадору шӯҳратёр буд, вале баъди ғолибият дар ин Олимпиада, аз як тараф ҷуғрофияи шӯҳраташ васеъ шуда то Шаҳри Сабзу Фарғона расид ва аз тарафи дигар, роҳбарони давлату ҳукумат, ба шахси ӯ ва санъати ӯ, бештар таваҷҷӯҳ карданд – аввал ӯро роҳбари гурӯҳҳои ҳунарии Радио таъин намуданд ва муддате нагузашта таклиф пеш оварданд, ки дар баробари кори Радио, боз дар театри давлатии драмавии ба номи Лоҳутӣ аз мусиқӣ ва суруд дарс бидиҳад. Вай дар ин ду муассиса ҳам ҳофиз буд ва ҳам мураббӣ, яъне навбати худаш бошад, мутрибӣ мекарду суруд мехонд ва навбати дигарон бошад, ба онҳо дарс медод. Усули таълимаш чунин буд, ки ягон оҳангу матни машҳурро ҳамроҳи шогирд зам-зама мекард ва баъди тараннуми байти аввал ба машшоқӣ ва софии талаффузи калимаҳо зеҳн мемонд. Агар машқ расову матн равон бошад, бо ишораи сар «баракало» мегуфт. Ва агар нуқсе дошта бошад, ҳамон мисраъ ё байтро такрор мекунонд. Албатта, бо ҳамовозии худаш…

Ҳамзамон дари наве дар дунёи васеъи санъат ба рӯи Акашариф кушода шуд. Ӯро ду бор, пай дар пай, ба пойтахти СССР, ба шаҳри Москов фиристониданд. Як бор барои ширкат дар радиофестивали мусиқии халқҳои СССР. Ва бори аввал буд, ки садои сетори ӯ ва садои суруди ӯ, аз Радиои марказӣ ба гӯши ҳамаи халқҳои Иттифоқи Шӯравӣ расид. Ва ин овозхонӣ ба забони тоҷикӣ аз радиои умумииттифоқ, ҳам эътирофи санъати миллии Тоҷикистон ва ҳам эътирофи ҳунари волои Акашариф буд. Ва бори дигар ба слёти ромишгарону сарояндагони мардуми саросари СССР рафт. Ва ҳунари ӯ ба ҳакамони салоҳиятдор он қадар писанд омад, ки дувоздаҳ суруди беҳтаринашро ба қартаи грамафон сабт карданд, ва дар он сурудҳои «Усмаш намехом», «Соқсоқиҷон» ва «Рок»… ҷой дода шуда ва ин офаридаҳо воқеан дар таърихи мусиқии устодонаю мардумии тоҷикӣ, аз лиҳози рангомезии савтӣ, ифодаю нашида, таҳрироту тазйиноти овозӣ, таркибҳои созӣ, ки ба суннатҳои асили тамаддуни мусиқии бостониамон пайванди таърихӣ пайдо кардааст, падидаи муассиру бозтоби ҳунарие буд. Ва ба маърази доварон сурудҳои «Чорзарб», «Уфари Ироқ», «Уфари Сохта», «Ироқи Дарвоз» ва чанд таронаро дар танзими мусиқии мардумӣ пешбарӣ ва иҷро намуд. Пайдост, ки дар ин сурудаҳои Шариф Ҷӯра таъсир ва ҳамоҳангӣ тавъамии мусиқии классикии тоҷик, махсусан мақомҳо ва мусиқии классикии ҳиндӣ, рокҳо, нақши барозандагӣ гузоштааст. Таносуби созу овоз

дар сабки сознавозӣ, овозхонии Шариф Ҷӯра, бо гӯётарин ифода, таркиботу таҳрироти тараннумӣ, хеле муассир падид омада, хориқаи фитрию нотакрори иҷрокунандагии ӯ, бо суннатҳои волои мусиқии асили мо, дар иртибот бо каломи ноби форсии тоҷикӣ, ҳамнаво танин медиҳад. Таҳрироту чаҳчаҳаҳои махмалини овози ромишгар хеле соф орӣ аз ифодаҳои маснӯъии созию овозӣ ба гӯш мерасанд. Воқеан Шариф Ҷӯра суннатҳои Борбадию Рӯдакиворонаро барои сомеъ, бо лаҳну марғулаҳои нафиси овозӣ, эҳдою эъҷоз менамояд», (А.Раҷабзода).

Ва он қартаҳо дар ҳама Ҷумҳуриҳои СССР паҳн гардид. Ва дар Эрон ва Афғонистон садо дод. Ва боз кӣ медонад, кушодани кадом дарҳо дар пеш буд?

Аммо…

## – 12 –

Аммо оламу одам ба як қарор намеистодааст. Беқарории дунё барои Акашариф кори нав набуд. Вай дар хурдӣ дида буду медонист ин равишро. Ва дар ҳамин солҳои охир ҳам нишонаҳояш ба чашм мерасид. Дар хонаи касе китобе бо ҳуруфи арабӣ ёбанд, душмани халқ, мегуфтанд ва ҳабсу бадарға мекарданд. Суруде дар матни шоирони классик бошад, дар маъракаву радио хонданашро манъ карда буданд, ки ташвиқи идеяҳои феодализми пӯсида аст. Бо касе «мулло» гӯён мурочиат намудан раво набуд, ки дар ҷомеъаи мо «муллову омӣ» нест «мулло» нагӯед, «рафиқ» гӯед. Ва ҳамаи ин таъзиқ дошт, албатта. Вале мисли ҳозира даҳшатовар набуд.

Ҳозир фақат одамони машҳур, соҳибмақом ва номдорро мегирифтанду мебурданд. Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шотемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов барин роҳбарони баландмақомро душмани халқ, гуфтанду бурданд. Китобҳои Садриддин Айниро кӯча бароварда сӯхтанд. Рашид Абдулло, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҳошимро ба Сибир бадарға карданд. Холиқ Мирзозода, Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ дар ҳабс хобидаанд. Мирзо Турсунзода тарафҳои Хуҷанд рафтааст. Сотим Улуғзода ҷониби Фарғона… Шариф ҳам бояд дар ғами ҷони худ бошад. Гуноҳе накардааст, лекин кадоми инҳо душмание ба халқ карданд?

Ин савол ҳамон замонҳо барои Акашариф ҷавоби аниқ надошт. Ва имрӯз, баъди шасту шаш сол ҳам, касе ба ин савол ҷавоби дақиқ ва ҳуҷҷатӣ надодааст. Дар мамлакатҳои мутамаддин ҳуҷҷатҳои махфиро баъди бист-бисту панҷ сол рӯшод мекунанд. Мехонанд, меомӯзанд ва ҳаққу ноҳақашро мегӯянд. Мо мардум, барои чӣ бо-

шад, ки чунин расму одате надорем. Ҳуҷҷатҳои махфӣ, ҳамон тавр махфӣ мемонанд.

Ба гардани Акашариф кадом айбу гуноҳро бастанӣ буданд, дастрас нашуд. Нақлҳои шифоҳие ҳаст, вале далелу ҳуҷҷат нест. Лекин аниқ аст, ки номашро дар рӯйхати «душманони халқ» даровардаанд. Баъзе ҳолдонҳо ин хабарро ба гӯши Акашариф расониданд. Худаш ҳам ҳис мекард. Аз муносибати идоранишинон ва муомилаи ҳамкасбону ҳамкорон ҳис мекард, ки воқиъае рӯйдоданист. Хӯҷаинҳо ва ҳатто шофёрони онҳо сардмуомила шудаанд. Ҳамкорон аз сӯҳбат мегурезанд. Баъзе ёру рафиқон, ки лофи дӯстӣ мезаданд, акнун рӯяшонро гардонида мегузаранд.

Акашариф ҳарчанд медонист, ки душмание ба халқ накардааст, вале хафву хатар эҳтимол дошт, чунки замона намепурсиду мекушт. Баҳона бошад, бисёр. Чи қадаре хоҳанд, ёфтан мегиранд. Устои оҳангаре пораи оҳане аз қисмҳои трактор гирифта дос сохтааст. Садриддин Айнӣ дар романаш ҳамин хел навиштааст. Барои ҳамин душмани халқаш гуфтанд. Гуфтанд, ки душмани ниқобпӯш аст. Ба душманон роҳ нишон додааст, ки хоҷагии колхозро вайрон кунанд, ба ҳаёти сотсиалистӣ зарар расонанд. Ҳатто гӯшаш бод дода буд, ки дар Қазоқистон ё Қирғизистон, як одам ба мансаб ва мартабаи дигаре ҳасад мебурдааст. Вақте ки ин ҳодисаҳо сар шудааст, ин ҳасуд сурати Сталинро аз газета бурида, мавридашро ёфта, зери астар, даруни кафши он одами мӯътабар мондааст ва рафта ба «тройка» хабар додаст- фалонӣ сурати доҳиро таги по монда мегардад! Рафта бинанд гапаш рост. Гирифтанду бурданд. Бо ҳамин беному нишон шуда рафтааст. Аз бало ҳазар беҳтар.

Ба деҳа, ба Шул рафт Акашариф. Се рӯз истод. Рӯзи чорум ба Ҷоноро гуфт:

— Ман ёру рафиқи бисёр дорам. Дӯстону муридон ҳам кам нестанд. Лекин манро ба гирдоби ин бало кашанд, ҳеҷ кас, ҳеҷ кор карда наметавонад. Хубаш, ба ягон тараф баромада равам.

Ба дили Ҷоноро дард даромад, вале сир бой надод:

— Ба куҷо?

— Ба ягон тараф. Мулки худо васеъ.

Зану шӯ бесухан, бефарёду нола, дарун-дарун алам мекашиданд. Кӯдакон – Қандили ҳаштсола, Муқими шашсола ва Муддини чорсола ва Дарвозии дусола, даруни алафҳо, таги дарахтҳо, бепарво хокбозиву оббозӣ мекарданд.

Ҷоноро сари по нишаст:

— Мо ба зуд рафтану дер омаданҳои ту одат кардаем. Соқ раву саломат баргард.

## – 13 –

Роҳи Самарқандро пеш гирифт Акашариф. Дар Самарқанд низ аҳвол чунин буд, ки дар Сталинобод ҳаст. Дар ҳама ҷои Иттифоқи Шӯравӣ ҳамин хел буд аҳвол. Ва ҷо бегона кардан фақат як бартарӣ дошт, ки касе туро намешинохт ва мартабаву мақоматро намедонист ва ҳасад намебурд ва маълум, ки тӯҳмат намебофту наменавишт. Вай дар Самарқанд ҳунари мутрибиву ҳофизиашро дар ҷоеву ба касе, намоиш надод. Баракс, кӯшиш мекард, ки атрофиён кӣ ва чикора будани ӯро надонанд беҳтар. Вале дар кор чолок буд. Бо шавқ ва ҳалол кор мекард. Ва ҳамин хислаташ ба ҳамкорон хуш меомад. Зуд ба ҳам унс мегирифтанд ва эҳтиромашро нигоҳ медоштанд. Асосан, девор мезаданд, ё бом андова мекарданд ва ё хона мепӯшонданд. Шабҳо озод буданд.

Рӯзҳое ҳам буд, ки кор ёфт намешуд ва Акашариф вақти холиашро дар тамошойи хиёбонҳо, мадрасаҳо, қасру кӯшкҳои кӯҳнаву нав, зиёратгоҳҳо ва меҳмонхонаву чойхонаҳо мегузаронид. Ва дар ҳама ҷо ба мусиқӣ ва суруд бештар таваҷҷӯҳ мекард. Дар даромадгоҳи бозор оҷизе нишаста ғижжак навозад ва замзамае бикунад, дар наздаш истода гӯш медод; ва дар зиёратгоҳҳо ба оҳанги «ҳақ дӯст» гуфтанҳои қаландарон зеҳн мемонд ва дар чойхонаҳо ва тӯйҳо савту садои ҳофизони машҳурро шунида дар хотир нигаҳ медошт. Ва ба ҳамин тартиб, аввал дар Самарқанд ва баъд дар Бухоро ба усулҳои гуногуни мусиқӣ ва овозхонӣ шинос шуд. Хотираи нағз ва гиро, ки дошт, он савту сурудҳо, қабат ба қабат дар зеҳнаш нақш мебаст. Ва ҳангоми шунидани Шашмақоми Самарқанд ва Мавригии Бухоро гоҳо ҳолате мерафт, ки оҳанги наве дар сараш чарх мезад ва дилаш мехост, ки сетор бигирад ва он оҳангро машқ бикунад ва беибову озодона суруде хонад, вале ҷову мавридро муносиб намедид ва эҳсосашро фурӯ мебурду дар дил нигоҳ медошт. Ва хаёлаш ба Ғарм мерафт ва дар орзуи рӯзҳое, ки бепарво суруд хонда мегашт, дилаш гум мезад ва хонаву дараш, ҳамсару фарзандонаш, пеши назараш омада, хонаи чашмонашро пур мекард…

Акашариф як муддат дар Самарқанд ва баъд дар Бухоро, бо ҳамин тартиб, зиндагӣ кард, вақт гузаронд. Вақт ба душворӣ ва хеле оҳиста мегузашт. Лаванд шуда буд вақт. Ва ӯ боре бо ҳамкорон, гирди боғеро девор мекарданд. Ҷои хоб ва хӯрду хӯрокашон ҳам ҳамон ҷо буд. Шабҳоро ба саргузаштгӯйӣ ва латифагуӣ кӯтоҳ мекарданд. Ва Акашариф нуқли маҷлис буд, албатта – байти шӯхе мехонд, ривояти хандаоваре мекард; ва бад ин сабаб, ба назари як мардикори рометанӣ одами бедард менамуд. Боре вай таҳпурсӣ кард:

— Усто Шариф, хонаву дар, бачу кач, доред?

— Дорам.

— Дар куҷо?

— Дар Ғарм.

— Боз ин қадар ҳазлу шӯхӣ ба дилатон меғунҷад?!

— Дар кӯҳистон хар азиз ҳайвонест. Ду одам бо ду хар бозор мераванд. Харид мекунанд, ба харҳо бор мекунанд. Хари якеаш сабукбор, бори хари дигар вазнин. Ба роҳ мебароянд. Хари камбор озод роҳ меравад, хари сербор тобхӯрдаву калавида. Соҳибаш мегӯяд: «хироми хари акаатро тамошо кун!». Даруни кӯҳҳо медароянд – роҳ борик, каҷу килеб, ҷару ҷӯ, сангу дарахт. Вақти аз як камарраҳа гузаштан хари камбор бемалол мегузараду меравад. Хари пурбора хӯрҷини сарбориаш ба шах дака мехӯрад ва аз зарбаи он, хар ба ҷар меафтад, ҳарра мешавад ва рафта ба ҷӯши дарё мезанад. Соҳиби хар, бо чашми хандон, ба ҳамроҳаш хитоб мекунад: «ғутазадани хари акаатро бин!». Мо мардум, бародар, аз фоҷиа, мазҳака сохта метавонем.

## – 14 –

Акашариф дар мусофират мегашт ва мутрибу ҳофиз буданашро пинҳон медошт, вале сурудаш аз карнаи радио ва қартаи патефон садо медод ва ба хонаи мардум медаромад ва ба зеҳнашон менишаст ва аз ёд мешуд ва он сурудҳоро дар тӯю тамошоҳо мехонданд. Ва муҳаққиқони илми мусиқӣ, ки аз Русия омада буданд, таърихи мусиқии тоҷикро меомӯхтанд ва ҷамъ меоварданд ва дар нота менавиштанд; ва ба ҳавсалаю масъулияти мардуми таҳҷойӣ ҳайрон мемонданд, ки «ҳама корашон шифоҳию таваккалист – ҳифзи ҳофизаи таърихиро намедонанд, умедашон ба хотира аст ва ҷамъу сабт намекунанд фарҳангашонро. Фарҳанги як насл ба насли дигар ҳуҷҷат намешавад. Дар хотири иддае монад, боқӣ мемонад, аз хотирҳо барояд, несту нобуд мешавад. Ва ин хислату ин муносибат хоси аҳолии Осиёи Миёна будааст. Олимону шоироне, ки дар асрҳои ҳабдаҳу ҳаждаҳу нуздаҳ, дар ин мулк зистаанд, на осорашон ба дасти халқ расидааст ва на хонаашон обод мондааст ва ҳатто ҷои дафнашон маълум нест» Ва ин олимони бегона, аспсавору пиёда, дар роҳу бероҳа ва дар шаҳрҳову деҳаҳо гашта, аз даҳони гӯяндагон таронаву рубойӣ ва аз машқи машшоқон оҳанги мусиқӣ ғун меоварданд. Ва В.А. Успенский, соли 1924, дар Москов, пораҳое аз Шашмақомро нашр кард, ки «Шашмақоми Бухоро» ном дошт. Дере нагузашта, соли 1931, Н.Миронов дар шаҳри Самарқанд китоби «Тафсири

мусиқии мардумони шарқ»-ро чоп кунонид, ки аз ҳунар ва маҳорати мусиқии Акашариф низ сухан меравад. Баъд аз як сол, яъне соли 1932 ҳамин муаллиф рисолаи «Мусиқии тоҷикон»-ро дар Сталинобод ба нашр расонд. Дар ин китоб фасле аз ромишгарии Акашариф нақл мекунад. Ва маҷонан таъкид шудааст, ки дар таълифи ин асар Акашариф мақоми мушовирӣ доштааст… Ва сурудҳои Акашариф то ҷое байни мардум машҳур буд, ки эҷоди халқ медонистанд. «Бештар аз сурудҳои ӯ чунон оҳанги мусиқии халқии маҳаллиро аз худ кардаанд, ки бо фолклор омехта шудаанд ва халқ ононро азони худ кардааст. Суруди «Ҷӯраҷонам»-ро муаллифи ин сатрҳо, чун намунаи эҷодиёти халқ, дар ноҳияи Ҳисор сабт карда буд ва танҳо пас аз чанд сол, маълум гардид, ки муаллифи ин суруд Ш.Ҷӯраев мебошад», (Цветаев М.А.)

Дар асари маҳдуд будани муомила бо забони тоҷикӣ бошад ё таъсири хурдии Ҷумҳурӣ ва ё камфарҳангии мансабдорону ҳакамон, ғолиби вақтҳо, мо истеъдодҳои бумиамонро шинохтаву қадр карда наметавонем. Аз берун, аз Москов, шиносанду қадр бикунанд, баъд ба мо маълум мешавад, ки фалон олиме будааст, ки кашфиёт доштааст, ё фалонӣ достоне навиштааст, ки мислашро дигарон, то ҳол нагуфтанд… Ва мусиқишиносони бегона таҳқиқу ташвиқ карданд, ки Акашариф дар касби худ падидаи нодир аст. Ва ин ҳунарманди нодирро, ки деворзаниву хонапӯшонӣ карда мегашт ба ёд оварданд ва ба Сталинобод даъват намуданд. Вай омад. Ин дафъа кӯчашро бардошта омад.

Деги Тройка аз ҷӯш монд, вале воҳимаи он ҳама ҳабсу бадарға карданҳо ва ҳукми паррон доданҳо, дар сару дили аҳолӣ зинда буд – чуну чаро намегӯяд ба корҳои ҳукумат! Ва акнун ҳар шиоре, ки ҳукумат мепартофт, олиму омӣ, аз чуну чаро гуфтан, ҳазар мекард. Ба ҳар ҷое, ки ҳукумат даъват менамуд, олиму омӣ, «якдилона мепазируфт ва рӯҳбаландона мерафт». Ва даъватҳо, дар ҳақиқат, бузург ва умедбахш ва ба манфиати мулку давлат буд – роҳҳои мошингард месохтанд, каналҳои азим мебароварданд, нерӯгоҳҳои барқ месохтанд, заминҳои ботлокро мехушкониданд, ба даштҳои лабташна об мебароварданд, колхозҳои пахтакор даъвои миллионерӣ доштанд… Ва Акашариф бо дастааш, аз гастрол ба гастрол мегашт. Як ҳафта-даҳ рӯз барои зарбдорони канали калони Ҳисор консерт медод; бо ҳамкоронаш Саидхони Ҳисорӣ, Абдумаҷиди Ҳомид, Нуруллои Ниёз, Чоли Сулама ва дигар ёрон, ба назди коргарони канали бузурги Фарғона мерафт ва понздаҳ – бист рӯз базми рақсу суруд мeopoст; ба вилоятҳои ҷумҳурӣ сафар мекард; ва на фақат дар маркази вилоятҳову районҳо, балки дар колхозҳову деҳаҳои алоҳида, танбӯр мезаду суруд мехонд.

Дар ин сафарҳои тӯлонӣ вай хонаву ойилаашро фаромӯш намекард, албатта. Вале рафтораш ҳикмати «то аз худ нагузарӣ, ба касе нарасӣ»-ро ёд меовард. Вай гӯё зиндагии шахсӣ надошт. Аз дунболи он намегашт, ки рӯзгор ғор аст – обу алов дорад, хӯрданиву нӯшиданӣ дорад, пӯшиданиву густурданӣ дорад ва касе бояд ҳамаи ин корҳоро бикунад. Пулу молро, маълум, ки вай меёфту меовард. Аз ин ҷиҳат камбудие набуд. Аммо пулу мол, худ ба худ, асбобу анҷоми рӯзгор намешавад. Дасте мебоист, ки истифодаи оқилонаи онро донад. Ва ҳамин хел даст Ҷоноро буд, ки буду набуди рӯзгорро саришта мекард. Ва тартиб дар ҳавлӣ – аз ҷои ҷорӯб мондан, то муҳаё кардани хӯрданиву нӯшиданиву пӯшиданӣ ва одоби қабулу гусели меҳмонон дар ин хонаи сердарову баро, бо кӯшиш ва дониш ва фаросати ӯ оғозу анҷом меёфт. Вай аз зиндагӣ шикоят надошт – розӣ буд. Ва гоҳ – гоҳе агар Акашариф имрӯз ба хона биёяд ва пасфардо танбӯру ҷелакашро гирифта барояд, ки ман ба гастрол меравам, вай ҳазломез мегуфт:

— Ту, Шариф, дар ин хона меҳмон. Мегардӣ, мегардӣ ва мебиёӣ ба ин ҷо ба меҳмонӣ.

Ҳазли ӯ, дар замир ва оҳанг, тобиши меҳрубонӣ, ғамхорӣ ва гилаву шикоят дошт.

Акашариф механдид-лаб, чашм ва рухсораҳояш механдид, вале ҷавобе намедод, чунки ҷавобе надошт. Гапаш рост. Ба гапи рост, чи ҳам мегӯйӣ?!

Консертҳои Акашариф ҳамеша одами зиёдеро ғун меовард. Касе, дар куҷое шунавад, ки Акашариф омадааст, ҳамаи корашро як тараф партофта, ба консерт мерафт.

Консертаҳои ӯ, чунон ки имрӯз ҳаст бо орову торо ба суфаи саҳна баромадан ва воситаи микрафон оҳангеву овозе баланд кардан ва навбат гузаронидан набуд. Балки як базми гарми рақсу суруд, як пора вақти хушу фароғату ҳаловати бинандаву шунавандагон буд, ки ваҷду сурураш солҳо фаромӯш намешуд. Вай ҳамчун як нафари ҳозирон саҳна мерафт ва аз саҳна ҳамчун як ҳофизи бемисл поён меомад ва меҳраш дар дилҳо мемонд:

*Меҳнат шараф аст, қудрати дастони ман ин аст,*
*Ҳам санъату ҳам қуввату дармони ман ин аст.*
*Аз меҳнати озод, чунин шуд Ватан обод*
*Боиси зафармандии даврони ман ин аст…*

*Ман ҳофизи халқам, бишунав халқи азизам,*
*Ҷӯши дилу хурсандию илҳоми ман ин аст.*

*То ҷон ба танам ҳаст, кунам кор ба халқам,*
*Ҳам қавламу ҳам аҳдаму паймони ман ин аст.*

Ва халқ ӯро пазмон мешуд. Садои дутору овози дилнишину чеҳраи гарму табассумҳои ширини ӯро пазмон мешуд. Ва дастаи ӯ ба ҳар гӯшаи Ҷумҳурӣ биравад, бо нону намак, бо шодиву хуррамӣ, бо дафу дойра, ва дар районҳои назди сарҳад, бо оркестри ҳарбӣ, пешвоз мегирифтанд. Ва чойхонаҳои сурх ва клубҳои навтаъсис, мухлисони ғуномадаро ғунҷонида наметавонист – тангӣ мекард. Ва ӯ дар майдонҳои кушод дар рӯшании машъалҳои дастӣ, - ба латта керосин рехта, сари хода баста, даргиронидаанд, - консерт медод. Ва ин консертҳо, ҳамон вақтҳо ҷойи кулли тамошоҳоро мегирифт. Ҷойи радио, ҷойи кино ва ҷойи сиркро…

## – 15 –

Пасту баландиҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ва идеологӣ як дараҷа ҳамвор шуд – Ҳукми ҳизби коммунист устувор гардид, хӯрданиву пӯшиданӣ мерасид ва сосиализм «пурра» ғалаба кард; ва акнун фарҳанги «шаклан милливу мазмунан сосиалистӣ»-роривоҷу равнақ додан лозим буд, ки санъат ҷузъи муҳими он ба шумор мерафт. Бино бар ин ҳукумат қарор баровард, ки филармонияи давлатии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Ва соли 1939 Филармония ба кор шурӯъ кард. Ин муассиса мебоист санъаткорони парокандаро дар як марказ муттаҳид мекард ва фаъолияти онҳоро ба низоми муайяне медаровард ва барномаҳояшонро зери назорат мегирифт. Дар айни ҳол, мебоист, ки мактаби касбӣ бошад ва ба артистон дарси маҳорат дода тавонад – маҳорати мутрибӣ, маҳорати сарояндагӣ, маҳорати истифодаи овоз ва маҳорати фаҳми сухан.

Акашариф акнун чун устоди касби худ, нафақат байни мардум шӯҳратёр буд, балки ҳукуматдорон ҳам бо устодии ӯ қоил шуданд ва дар мавридҳои ҳалли мушкиле аз ин бобат, бо ӯ машварат мекарданд, ва ё иҷрояшонро ба ӯ месупориданд, ки вай бо сифати баланд анҷом медод. Ва ӯро ҷалб намуданд ба корҳои ташкилӣ ва эҷодии Филармония. Вай, ба истилоҳи имрӯза, дар ин муассиса, ҳам мушовир буд ва ҳам устоду режиссёру ҳакам. Дастаҳои созу наворо мураттаб месохт, матну оҳанг интихоб мекард, тартиби иҷрояшро мегуфт, ва аз маҳорати мутрибӣ ва сарояндагӣ дарс медод. Дарсҳои вай аёниву назарӣ сурат мегирифтанд, ки «истеъдод як атои табиат аст. Шуморо истеъдодатон ба ин боргоҳ овардааст. Акнун заҳмат кашидан даркор, ки ин истеъдод бар ҳадар наравад.

Агар ба истеъдоди модарзод ғарра бишавед ва гумон бикунед, ки дар санъаткорӣ ҳамин қадараш кифоя аст, сахт фиреб мехӯред».

Худи Акашариф аз шӯҳрати ҳунараш ҳеҷ гоҳ ғарра намешуд - ҳар рӯз, мунтазам, машқ мекард, фикр мекард, такмил медод, такрор мекард, ба таҳлил мегирифт. Ва аз дигарон ҳам чашмдор буд, ки чунин бикунанд ва чунин бошанд: «Биёед, як сурудро ҳамаамон баробар мехонем. Мехонему гӯш мекунем». Ва мехонданду гӯш мекарданд, месуруданду гӯш фаро медоданд... Ва талаффузи калима, то рӯшан ва бо оҳанг мувофиқ набошад, то матну оҳанг мутобиқу муносиб наафтад, то шавқу суруре бедор накунад, ва то аз забон баромада, ба дил нанишинад, аз машқ фориғ намешуданд... «Акнун рақсро бинем». Ва медиданд. Ва Акашариф маслиҳат медод: Рақс ҳам забон дорад. Ин забон ҳаракати узвҳои бадан ва имому ишора аст. Вақте ки гарданак мезанед, ё хаму рост мешавед, ё абрӯ мепаронед, ё по мекӯбед, ё китф меҷунбонед, бояд ки бо зарби мусиқӣ тақвият ёбад ва ба андоматон зебад ва шинам бошад ва шавқу завқ бедор бикунад. Агар ҳамаи ин набошад ва риоя нашавад, он ҷунбонданҳо қурбе ва назокате ва нафосате надорад. Беҳуда чизест, ки ба касе намефорад»...

Бо ҳамин хел талабот ва тайёриҳо байни мардум мерафтанд онҳо – дар толори филармония консерт медоданд, барои радио оҳангу суруд сабт мекарданд, дар шаҳрҳо ва деҳаҳо бо аҳолӣ вомехӯрданд; ва Акашариф, бубахшанд дигарон, ҳамеша дар сафи аввал ва мадди аввал меистод ва агар ӯ ширкат надошта бошад, базм андаке берӯҳ, бешӯр ва бевалвала мегузашт, гӯё шавқу завқу... намедонам боз чиҳое намерасид, ки он намоиш комилу устодона бибошад, чунон ки Акашариф барпо мекарду анҷом медод.

Зинаи якуми кор дар Филармония бад ин сурат давом мекард, ва зинаи дуввум ин шуд, ки «соли 1940 таҳти сарварии ӯ ва устоди мусиқии устодонаи тоҷик Саидхони Ҳисорӣ, дастаҳои Хонумҳои рубобӣ, Дастаи ҳофизону мутрибони кӯҳистон, таъсис дода шуд ва беҳтарин навозандагон, хонандаю раққосон, ширинкорон, аз манотиқи Тоҷикистону Ӯзбакистон, ҳатто Қирғизистон, сафарбар шуданд. Ба ҳайати ин дастаҳои ҳунарии филармония Ашӯра Носир (раққоса),Муҳиддин Мавлон, Абдумаҷид Ҳомид, Кимсан Маҳкам, Чол Сулама, Пир Садир, Фотима Куин, Раъно Ғолиб, Мирбобо Зиё, Нурулло Ниёз ва даҳҳо ҳунармандон сафарбар шуданд», (А.Раҷабзода). Ва ин дастаҳои яккачин, баробари ба сохтмонҳои зарбдор ва бузург рафтану аҳли заҳматро «боракалло, монда нашавед!» гуфтанҳо, ва хуш кардани вақти онҳо, ва баланд бардоштани рӯҳи онҳо, боз ба Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москов омодагӣ мегирифтанд.

Дастовардҳои адабиёт ва санъати ҷумҳуриро Москов бурдан ва дар миқёси СССР маъруфӣ кардан ва намоиш додан, дар таърихи Тоҷикистон, бори аввал воқеъ мегардид, ва маълум, ки масъулияти зиёде ҳам дошт. Адибон тайёрӣ медиданд, санъаткорон тайёрӣ медиданд, маъмурон тайёрӣ медиданд, коргарони ҳаркора тайёрӣ медиданд…

Акашариф низ тайёрӣ медид. Вай барномаи хосе мехост муҳайё бикунад, ва дар айни замон, барои мутрибону овозхонони Филармония ва Радио ва театрҳои мусиқӣ, сурудҳои нав меёфту мебофт ва оҳангҳои нав эҷод мекард, ва рӯи саҳна баровардани он суруду таронаҳо низ ба ӯҳдаи худаш буд. Дар ду «Фронт» кор мекард вай. Ва ин ду фронт аз толори Филармония то рӯи ҳавлии ӯ тӯл кашида буд, ва хонаи ӯ, ба як филиали Филармония табдил ёфт, -- худаш ину онро даъват мекард, барои ҳамовозӣ, ва ё нигоҳ доштани зарби оҳанг; дигарон меомаданд, барои маслиҳат пурсидан, матни сурудеро гирифтан, ё нишон додан…

Соли 1941 Даҳа дар шаҳри Москов, дар пойтахти Иттиҳоди Шӯравӣ, барпо гардид. Маҷлисҳои мутантан, вохӯриҳо дар фабрику заводҳо ва муҳокимаву баҳсҳо, гузашт, ва рӯзи ҷамъбасти кор фаро расид. Дар базми ботантана, ки ҳусну қубҳи фаъолони адабиёту санъат, дар ҳузури ҳакамони олирутба, ҷамъбаст мешуд, роҳбарони олимақоми ҳизб ва ҳукумат, аз зумраи тамошобинон буданд. Ва дар ин базм, аз аҳли санъат беҳтаринҳо ҳунарнамоӣ бояд мекарданд. Ва шарташ ин буд, ки ҳар кадоме ба саҳна даъват шавад, як суруд мехонад.

Акашариф дар консертҳои рӯзҳои пеш бо хондани Чорзарб ва чанд суруди дигар дар толори азим он қадар шӯру валвала афканд, ки тамошобинон намехостанд ӯ аз саҳна биравад – пайваста каф мекӯфтанду каф мекӯфтанд. Ва ӯ, албатта, дар шумори беҳтарин аз беҳтаринҳо буд.

Акашарифро даъват карданд. Вай бо се писараш Қандил (ёздаҳсола), Муқим (даҳсола), Дарвозӣ (шашсола), ба саҳна баромаданд. – Акашариф мизроб ба панҷтор бурд. Муқим таблак зад. Ва ҳамаашон баробар суруданд:

*Дидам андар як чаман як ошён,*
*Ошёни пурсафои булбулон.*
*Булбулони нуктапардози накӯ,*
*Ишқбозони гули хушрангу бӯ…*

Ҳамин ки суруд итмом ёфт, садои кафкӯбӣ гӯё сақфи толорро метарконд. Дар ложаи ҳукуматӣ аъзоёни бюрои сиёсӣ, бо сарварии

Котиби Генералии ҳизби коммунистии болшевикон, И.В.Сталин нишаста буданд. Сталин, ҳамон Сталине, ки бино ба овозаҳо, касе агар ба сурataш беҳурматӣ кунад, беному нишон гум шуда мерафт, ба ҳурмати ҳунари Акашариф аз ҷои нишастааш хест, ва каф кӯфт. Ва ҳамаи толор ба по хест ва каф кӯфт. Ва маъмурони консерт шарташонро риоя накарданд, - ҳар як артист бояд як суруд мехонд, ва се дақиқа вақт дошт, вале ба Акашариф имкон доданд, ки чор суруд хонад, ва дувоздаҳ дақиқа вақтро гирад.

Ҳукумати марказӣ ва ҳукумати ҷумҳурӣ, хидматҳои Акашарифро қадр карданд, - ба ӯ Ордени нишони фахрӣ ва унвони Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистонро лоиқ донистанд. Ва фармони ҳукумати марказӣ шуд, ки Акашариф ва фарзандонаш, бо самолёт дар баъзе шахрҳои СССР саёҳат бикунанд. Аммо ҷанг монеъ гардид.

## – 16 –

Дар даврони Ҳокимияти Шӯравӣ расме буд, ки аз Марказ ба ҷумҳуриҳо, барои ёрӣ расонидан ба корҳо, мутахассисон мефиристониданд. Сарвати маънавӣ дар Тоҷикистон асрҳои аср вуҷуд дошт, вале соҳибони ин сарват, дар асари тартиботи бефарҳангӣ манғитиён, ки саду ҳафтод сол тӯл кашид, нисбати илму адаби фарзандони худ, то ҳаде бепарво шуда буданд, ки ҷамъ намеоварданд, китоб намебароварданд, истифода намебурданд, ташвиқу тарғиб намекарданд, ва ба назари бегона чунин менамуд, ки қобилият надоранд, аз ӯҳдааш намебароянд, ва каси дигаре лозим аст, ки ин корҳоро бикунад. Ва чунин касонро мефиристониданд ва ба онҳо мансабҳо медоданд, иморатҳо месохтанд, маблағҳо ҷудо мекарданд. Ва онҳо меомаданд, ба сиёсат, ба ғоя, ба иқтисод, ба илму амал роҳбар мешуданд. Ва дар ҳақиқат ҳам, илмро ба амал ёр мегардониданд; ва азбаски бехабар аз истилоҳоти тоҷикӣ буданд, истилоҳоти худашонро ба муомилот медароварданд, ки баъдҳо хеле роиҷ шуд, ва оқибат як забони «бихону надон» насиби насли мо гардид.

Аз ҷумла оҳангбандон ва мусиқишиносон ва муҳаққиқони савту суруд низ ба Тоҷикистон омаданд ва ба ҷамъ овардан ва омӯхтан ва нашр кардани осори мусиқӣ машғул шуданд. Худамон, ки то ба ҳол, ин корҳоро намекардем, ба ҳунар ва дониши онҳо қоил будем. Онҳо низ ба сарвати пурғановати мусиқии тоҷик қоил шуданд, ва бино ба заминаи илми худашон, ки аз муҳити дигар буд, барои худ яқин карданд, ки фаро гирифтан ва сарфаҳм рафтан ба ин сарват, бе ёрии донишмандони таҳҷойӣ, ҳеҷ имкон надорад. Ва

онҳо рӯ оварданд ба устодони савту суруд, ба ҳофизони номдор, ба донишмандони таърих, ба моҳирони мусиқии халқ.

Ва яке аз чунин одамон Акашариф буд. Онҳо дар шахси Акашариф мушовир ва муаллиферо ёфтанд, ки ҳам хуб медонад, ҳам нағз менавозад, ҳам муассир мехонад, ҳам худаш эҷод мекунад. Ва ҳамкории онҳо сар шуд, ва хеле дер давом кард, ва босамар буд.

Мутахассисони омада, дар аввал ният доштанд, ки ҳарчи ёбанд, ғун мекунанд ва менависанд, яъне дар ин мулк ҳама чиз шифоҳист, онро бояд ки гирифту китобӣ кард! Баъде ки шинос шуданд, ва сурудҳои Акашарифро гӯш карданд, дар мусиқии тоҷик навоҳо ва гардишҳо ва маънову мазмунҳое кашф карданд, ки агар дар асарҳои калони мусиқӣ истифода шавад, бозёфте хоҳад буд, ва мусиқии ҷаҳониро ғанӣ хоҳад гардонд.

Ва онҳо, бо ҳамкории Акашариф, камар бастанд, ки ин мусиқиро ба увертюра, сюита, опера ва балет, ворид бикунанд – ба аврупоиён бишиносонанд. Бино ба тадқиқоти Аскаралӣ Раҷабзода (мазмунан): Оҳангбанд Л.Книппер вақте ки увертюраи Вахиёи боло ва сюитаи Ванҷро эҷод мекард, ифодаҳои мусиқиро аз Акашариф меомӯхт ва ба маслиҳати ӯ мавзӯъҳои мусиқии мардумиро интихоб менамуд ва дар асараш истифода мебурд. Ва композитор П.Б.Степанов, ҳангоми офаридани операи Дараи Дарвоз, бо Акашариф нишаста, панҷоҳ суруду таронаи ӯро сабт кард ва баъд дар операаш ҳамчун бунёди мусиқии асар ба кор бурд. Композиторон С.Баласанян ва С.Урбах, дар операи Шӯриши Восеъ ва либреттои Лола, аз услуб ва сабт ва равиши эҷодиёт ва сарояндагии Акашариф, илҳом гирифтанд ва мазмуну маънои онро, ҳамчун мавзӯъ, ба таркиби ин асарҳо даровварданд. Минбаъд, С.Баласанян, ки қариб ҳамаи сурудҳои Акашарифро сабт карда буд, дар операаш Коваи оҳангар ва балеташ Лайлӣ ва Маҷнун таҷрибаи собиқашро давом дод, ва аз савту аз зарбу аз банду басти мутрибии Акашариф, фаровон истифода бурд. Оҳангбандони тоҷик, ки нав ба воя мерасиданд – «Ш.Бобокалонов, Ф.Солиев, Ф.Шаҳобов, Ш.Соҳибов, З. Шаҳидӣ ва дигарон, таҳти таъсир ва илҳом аз суруду оҳангҳо, сюитаҳои рақсиву овозии Шариф Ҷӯра, ба эҷоди суруду оҳангҳои тоза муваффақ шудаанд»…

## – 17 –

Баъди гиру тозҳо, баъди нест кардани боқимондаи босмачиҳо, баъди мубориза ба муқобили кулакҳо ва барпо кардани колхозҳо, баъди фош намудани гурӯҳҳои зидди ҳизб ва душманони халқ ва

думравони онҳо, ки куштору ҳабсу мусодираву бадарға дар пай дошт ва сояи тарсу ҳаросаш ҷисму рӯҳи мардумро таъқиб мекарду таъзиқ меовард, зиндагӣ нав ба як қарори устувор одат мекард, ва оромиву осоиштагӣ доман мегустурд, ва сериву пурӣ ба хонаву ба чашми мардум медаромад; ва роҳҳо, шаҳрҳо, колхозҳо, зовудҳо, ободи мешуданд, ва сохтмонҳои азим суръат мегирифт. Ва дар авҷи пешрафти ҳамин корҳо, фашизми Германия, аҳди дӯстиро, ки баста буд, бе хату хабар шикаст, ва дар торикии субҳи қозиб ба СССР ҳуҷум овард. Ҷанг сар шуд. Дар он бист соли гузашта, ки Ҳукумати Шӯравӣ ғами фаълаву деҳқонро мехӯрд ва рӯзгори онҳоро аз рӯз ба рӯз беҳтар мекард, мафҳуми Ватанам СССР дар дилҳо нишаста ва дар зеҳнҳо ҷо гирифта буд. Ва мардум ба ҳифзи ин Ватан бархестанд. Ва ҳатто одамоне, ки аз дасти ин ҳукумат ҷабру ҷафо диданд, ва медонистанд, ки гуноҳи нобударо бадкорон ба гарданашон бастаанд, барои исботи садоқати худ ба ғояҳои сосиализм, ихтиёран ариза дода ба фронт рафтанд.

Бо чунин биниш ва ба чунин ирода, аз адибон Ҳаким Карим, Ҳабиб Юсуфӣ, Лутфулло Бузургзода, Ҳабиб Аҳрорӣ, Абдушукур Пирмуҳаммадзода ва амсоли онҳо, пешу қафо ба фронт рафтанд; ва Акашариф дар ақибгоҳ дастаи мутрибону ҳофизон таъсис дод, ки ба рағми душман ташвиқот бибарад ва бо нағмаву суруд дилу рӯҳи заҳматкашону размандагонро бубардорад ва дар сафи мубориэзони озодии Ватан бошад.

Аз таҷриба гузаштааст, ки як фавҷ аскар, ба масал, рӯзи дароз дар саҳро машқи ҳарб бикунад, ва чунон кӯфтаву монда шавад, ки маҷоли рост истодан ва қадам задан надошта бошад, командир саф меорояд ва фармон медиҳад:

— Запевала, запевай!

Ва фавҷ ба роҳ медарояд ва сархон сари сурудро мегирад, ва фавҷ суруд мехонад:

*Мо ватан дорему онро посбонӣ мекунем…*

Ва баданҳои лакот ҷон мегиранд ва китфҳову сарҳо бардошта мешаванд, ва кори душвор осон мегардад… Сурудҳои Акашариф, дар он рӯзҳои сахти мардум, айнан ҳамин хел таъсир дошт. Вай бо гурӯҳаш дар шаҳр, ноҳия ва деҳот мутрибиву ҳофизӣ мекард ва дилҳои ғамзадаро шод мегардонд ва ба кор гарм менамуд, ва ёрии ақибгоҳ ба фронт бештару бобаракаттар мешуд. Дар зовуд ва иншооти бузург консерт медод ва рӯҳи бунёдкории коргаронро баланд мебардошт ва ҳосили заҳмат меафзуд. Ва маблағе, ки ба даст меомад, ба фронт мефиристонид – аввал бисту ду ҳазор сӯм ба

фонди ҳифзи Ватан супурд. Баъд аз ҳисоби моли худаш боз дувоздаҳ ҳазор сӯм ба ёрии фронт дод. Ва вақте ки масъалаи сохтани самолёти ҷангии Артисти Тоҷикистон пеш омад, вай понздаҳ ҳазор сӯм вомбарги давлатие, ки дар даст дошт, ба самолётсозон тӯҳфа кард.

Дар солҳои ҷанг, илова ба корҳои тарғиботӣ ва мадади моддӣ бевосита ба фронт, Акашариф асарҳои тоза ва даъватмазмун эҷод кард, ва он асарҳоро худаш дар маъракаҳо ва дар радиову қартаҳо сабт кунонид.

Ва сурудҳои ӯ «Ба капитан Гастелло», «Халқи далер», «Эй, Ватан», «Ба Москва», «Аэроплан», «Байрақи озодӣ», «Суруди меҳнат», «Дар майдонҳои кор», дар майдонҳои корзор ва дар клубу чойхона ва хонаҳо, садо медод ва ба ҷанговарон далериву мардӣ талқин менамуд ва мардуми ақибгоҳро ба ғалаба умедвор мекард. Ва патефон, ки кайҳо боз ихтироъ шудааст, вале ба деҳоти Тоҷикистон акнун роҳ меёфт, ва қариб дар ҳар деҳае як патефон ёфт мешуд, ки мардуми деҳа гирди ин мошини ғазал ҷамъ меомаданд ва суруди Акашарифро мешуниданд. Ва дар Вахш як зани миёнасол, ки ду писараш ба фронт рафтаанд, ва як патефон ба модар нишона мондаанд, наврасони деҳаро чеғ мезад, патефонро берун мебаровард ва қарта мемонд, қартаҳои Акашарифро. Акашариф аз даруни мошини ғазал суруд мехонд, ва наврасон ҳаловат мебурданд ва шавқашон меомад. Ҳамин ки шавқашон ба авҷ расид, соҳиби патефон онҳоро коре мефармуд:

— Акнун писаронам, алафи боғро даравидан лозим.

Ва бачаҳо дар як соат алафро медарвиданд.

Мисли ҳамин чормағзашро чинда медоданд ё ягон кори дигарашро иҷро мекарданд.

Ва дар Китоб одамони калонсол аз қартаҳои Акашариф суруд шунидан пас, патефонро ҷое руст мекарданд, ки дасти бачаҳо нарасад ва вайрон накунанд. Лекин бачаҳо муштоқи дидори Акашариф буданд ва чашми калонсолонро хато карда, патефонро мегирифтанд ва ба ҷои аз чашм дуртар мебурданд ва сандуқашро кушода чор кунҷашро мекофтанд, ки «Ҳофиз дар куҷо пинҳон шудааст?»

Ва дар Ғарм шахсоне, ки Акашарифро мешинохтанд ва дар сӯҳбаташ нишаста буданд, аз даруни патефон суруд хондани ӯро шунида, оҳи сарде мекашиданд:

— «Бачаи оча, як гап шунидам, илоҳӣ, дурӯғ бошаду… Аз маърака хеста, рост пеши ту омадам. Меган Шарифи Муша[1] ҷоду кардиян. Дар қуттии патефон ҷой кардиян. Калида ки тов бидиҳӣ, мехона агар не, дамаш гирифтагӣ, хап»… (Холназар Муҳаббатов).

1. Муш — лақаби Акашариф

Ва дар Уротеппа ҳарифонахӯрон байни худ шарт мегузоштанд, ки «қартаи Акашарифро ин навбат Шумо мебаред! Барои як шаб. Аз як шаб зиёд нигоҳ доред, як зиёфат қарздор».

Ва дар Фарғона қартаҳои Акашариф «Ташниз», «Усмат намехом», «Ҷон додаракам», «Рок», ба нархи гов бо гӯсолааш ва ё асп бо зину лаҷомаш, хариду фурӯш мешуд…

Ва худи Акашариф, дар ҳайати бригадаи консертии Тоҷикистон, дар фронти Волхов, барои ҷанговарон суруд мехонд, ба оҳанге суруд мехонд, ки бӯи ғалаба ба димоғашон бирасад ва ба захмҳои бадану захмҳои дилашон марҳам бишавад.

## – 18 –

Шахсони наҷиб наҷобати одамонро зуд мешиносанд, ва олими асил асолати дигаронро зуд пай мебарад, ва санъаткори холис хислати ҳаваскоронро зуд муайян мекунад. Акашариф низ ҳамин фаросатро дошт. Вай дар интихоби шогирд, ва ё ҷалб кардани талабгорон ба кори радио ва филармония, ҳамеша ба ҳамин фаросат такия мекард, ва қариб ҳамеша натиҷаи хуб медод. Аз шогирдони ӯ қариб ҳамаашон, дар таърихи санъати тоҷик, нақшу номе доранд, ва унвони Артисти шоистаи Ҷумҳурӣ гирифтаанд. Барои намуна, яке аз онҳо Фаттоҳ Одина аст.

Ҳамон Фаттоҳе, ки дар Кангурт, бӯи шир аз даҳанаш нарафта, марди калони хона ба шумор мерафт, ва баъди ҷанг азоби гуруснагӣ мекашид, ва дар барфу тӯфон, аз пуштаҳо дарзаи ҳезум пуштора карда меовард, ва суруди «Ман доғ»-ро, ки шабдаравҳо мехонданд, шунида дилаш об мешуд; ҳамон Фаттоҳе, ки аз тунука ғиҷҷаке дошту шабу рӯз онро менавохт, ва Акашарифи машҳур дар як сафараш бо он тарафҳо «сағираҳои баҳунар» суроғ мекард, ва ҳунари ӯро диду шинохт ва аз дасташ гирифта ба мактаби сағираҳои баҳунари шаҳри Сталинобод овард, ва ӯ аз миннатдорӣ ин рӯзи фирӯзи умрашро, ҳамчун рӯзи таваллудаш қабул кард; ҳамон Фаттоҳе, ки дар Москов маълумоти олии мусиқӣ гирифт, ва имрӯз композитори маъруф аст, дар хотирааш овардааст: «Бо мурури замону афзудани малака, ҳунарро умуман, ва аз ҷумла ҳунари бузурги Акашарифи Ҷӯраро, бештару беҳтар дарк кардам. Дарёфтам, ки ӯ тамоми гардишу печутобҳои мусиқии кӯҳистонро бо созу навои дигар маҳалҳои Тоҷикистону кишварҳои тоҷикнишин омехта, мусиқии билкул тозае офаридааст. Мусиқии ӯ соф дарвозӣ нест, балки маҷмӯи савту сози Бухоро, шимоли Тоҷикистон, Мавригӣ ва Шашмақом аст. Дар

Чорзарб, масалан таъсири дуи охир (яъне Мавригӣ ва Шашмақом) хуб эҳсос мешавад».

Пораҳоро ҷамъ овардан, васл кардан, такмил додан ва дар ҳамин замина асари нав офаридан, хоси эҷодиёти Акашариф аст. Ва ӯ дар ин усули эҷод маҳорати фавқулодда дошт – аз чизи оддӣ, чизи олӣ сохта метавонист. Ҳолдонҳо гуфтаанд, ки таронаи «Аз дараи Камаров», дар водии Ғарм, пеш аз Акашариф ҳам маълум буд ва як таронаи қаторӣ ба шумор мерафт, ки ҳофизони маҳал дар маъракаҳо мехонданд. Вале маҳз бо оҳанг ва овози Акашариф, дар сартосари хоки тоҷикнишин шӯҳрат ёфт, ва мақбули хосу ом гардид, ва имрӯз ҳам яке аз машҳуртарин ва беҳтарин таронаҳост, ки дар ҳар маврид ва аз ҳар тараф ба гӯш мерасад. Ва сабаби ба таронаи олӣ табдил ёфтани таронаи оддӣ, ҳунари Акашариф аст, ки зарб ва сабк ва садои наве додаст, ва ҳаловатбахшу дилнишину тарабангез кардааст.

Бисёранд ин хел мисолҳо дар эҷодиёти Акашариф. Ва чунин пайванд додани парокандагиҳо на фақат дар эҷодиёт, балки дар зиндагии рӯзмарраи Акашариф одати маъмулӣ ва хислати табиӣ будааст. Ҳавлии ӯро, чунон ки дар деҳаи Шул буд, дар шаҳри Сталинобод низ ҳамеша пури одам ва сердарову баро медиданд. Одами ношинос гумон мекард, ки дар ин ҳавлӣ қариб ҳар рӯз тӯй, ё маъракае ҳаст. Дар асл ояндагону равандагон хешу табор, ёру дӯст ва ҳамкорону шогирдони Акашариф, ва дӯстону ҳамдарсони писарони ӯ буданд, ки яке аз Ғарм омадааст, дигаре аз Бадахшон: яке аз Фарғона омадааст, дигаре аз Ҳисор; яке аз Вахш, дигаре аз Бухоро… Ва табиати одамӣ чунин аст, ки ба як хона ду-се бор болои ҳам равад, ва дар он ҷо доим одамҷӯшак бинад, хиҷил мешавад ва худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Аммо муҳит дар хонаи Акашариф чунин буд, ки ҳар касе биёяд ва дар ҳар вақте ки биёяд, худро озод ҳис менамуд, ва табъаш хуш мешуд ва шиносони нав пайдо мекард, ва ҳамаи ин аз шарофати чеҳраи кушод ва сӯҳбати ширини Акашариф ва аҳли аёли ӯ бармеомад, ки одамҳоро бо одамҳо мерасонид, ва дилҳоро ба дилҳо мепайваст.

Илова ба ин, дар хонаи Акашариф, дар тамоми тӯли умраш, як навъ маҳфили аҳли адаб ва санъат барпо мегардид. Ингуна маҳфилҳо бо ташаббуси соҳибхона, ба ягон муносибат – масалан, маслиҳатошии тӯӣ, ва ё ба ҳурмати ягон меҳмон аз роҳи дур, ва ё бино ба хабаргирӣ омадани ду-се нафар ёру дӯст, ҷамъ меомад. Ва азбаски аксарияти адибону санъаткорон бо ӯ ҳамгузар буданд, одатан сӯҳбаташон то нисфи шаб, ва гоҳо то сари субҳ давом мекард.

Меҳвари сӯҳбат Акашариф ва сетораш ва сурудаш ва заковаташ ва зарофаташ буд. Ва Тӯҳфа Фозилова он меҳварро чарх мегардонд, ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ ғазали наве мехонд, ва Фаз-

лиддин Шаҳобов, дар мақомхонӣ ба ӯ ҳамовоз мешуд, ва Мирзо Турсунзода аз хӯшаҳои санъати ҷаҳон, ки дар сафарҳояш дидааст, қиссае мегуфт, ва Шоҳназар Соҳибов танбӯр мезад, ва Зиёдулло Шаҳидӣ оҳанги тозаэҷодашро ҳадия мекард, ва…, ва Боқӣ Раҳимзода ривояти ҳикматдоре муносиби ҳол ва маврид шоҳид меоварду хулоса мебаровард:

— Як соат пас субҳ медамад. Расм ин аст, ки субҳ дамад, наҳор мехӯранд. Як қурутоби хоҳарзодаро мехӯрем, баъд ҷони ту аз мо халос.

Хоҳарзода, Ҷоноро, бедор аст. Ҳазли тағояшро мешунавад, ва дасту оринҷ барзада тарафи ошхона меравад. Асилзода аст Ҷоноро. Ва ин асилзодагӣ дар ваҷоҳат, дар қаду қомат, дар рафтору кирдор ва гуфтори ӯ баръало намоён аст. Ва Тӯҳфа Фозилова ба виқору кору сухани ӯ гаштаву баргашта зеҳн мемонд: - агар офаридани нақши малика ва шоҳдухтар даст бидиҳад, аз Ҷоноро нусха хоҳад гирифт.

Аммо Ҷоноро фикре аз ин бобат дар сар надорад. Вай бо тақозои табиаташ рафтор мекунад, ва бори рӯзгор мекашад, ва лозим бошад, шаб хоб намеравад, то ки иззати меҳмононро нигоҳ дошта бошад. Серташвиш ва сертарадуд аст вай. Ва шукр мекунад, ки писарон калон шудаанд, дастёр шудаанд, ёриашон ба корҳои рӯзгор мерасад, ҳарчанд ки бе дахолати ӯ сомоне дар хонаву дар нахоҳад буд. Шариф умраш дароз шавад, ба кору ба сафарҳои худаш машғул, намедонад, ки бачаҳояш дар кадом синф мехонанд, боз сарбории ин ҳама ташвишҳо, дар оғил гов ва се-чор гӯсфанд нигоҳ медорад, ки нигоҳубинашро ба гардани ӯ партофта аст. Хулоса, файзу баракати ҳавлӣ Ҷонорост, ки Акашариф медонад ва қадр мекунад:

— Ту ҳастӣ, ки ин ҳавлӣ булбулхона шудааст. Ту набошӣ, ҷуғзхона мешавад.

Ба мисли ҳама корҳое, ки Акашариф мекунад, образи ёфтааш низ дақиқ аст – булбулхонааст ҳавлии ӯ ва маҳфили булбулон, бе эълон, бе таъин ва бе такаллуф, ҳамту худбахуд, барпо мегардад. Ва ин маҳфилҳо ҳамеша унверсалӣ буд, - шоирон, носирон, мусиқидонон, ҳофизон, мутрибон ва артистони театрҳову кино, ҷамъ меомаданд ва ҳар кадоме дар ин сӯҳбатҳо барои худ ҳамдиле ва ҳамфикре ва ҳамкоре меёфт. Ва дар ин маҳфилҳо шеъри наве, тарҳи ҳикояе, ҳавои мусиқие, матни суруде… ба вуҷуд меомад.

## – 19 –

Радио ягона минбари баланди тарғиботӣ буд он вақтҳо. Дар театрҳо консертҳо нишон медоданд ва ба деҳот сафарҳо мекарданд,

вале минбаре чун радио, ки толораш шунавандаи ҳама гӯшаҳои ҷумҳуриро фаро бигирад, дигар вуҷуд надошт. Ва Акашариф, аз соли 1943 ин ҷониб дар ин минбари баланд хидмат мекард, ва сарвари гурӯҳи мутрибони мусиқии халқ буд.

Устодони касби худро ҷамъ оварда буданд дар ин ҷо. Ва Акашариф бо онҳо – Саидхони Ҳисорӣ, Шоҳназар Соҳибов, Муҳиддин Мавлон, Абдумаҷид Ҳомид, Пир Садир, - ҳамкорӣ дошт, ва ҳамаашон якҷоя талош доштанд, ки савту суруди миллиро софу беғубор ташвиқ бинамоянд, ва оҳангу сурудҳои нав эҷод бикунанд, ва санъат хидмате бикунад, ки дархӯри талаботи замон бошад.

Бунёди замон ба орзуву ормонҳои мардум мувофиқ ва ба оммавӣ кардани санъат мусоид буд. Вале андак тангназарӣ ва каҷравиҳо низ дошт. Сурудани ғазалҳои ирфониро маҳдуд мекард ва ба матн таҳрир медаровард, ва назми авомонаро меписандид, ки васфи зарбдорони заҳмати коммунистӣ бошад. Дар ҳалқаи ин маҳдудиятҳо бадтаринаш ин буд, ки мусиқии меросии тоҷиконро моли бегонагон медонистанд. Ба ин сабаб, ки матни он сурудҳо ба забони ғайр буд. Гардиши фалак омад, ки қитъаи бузурге аз сарзамини тоҷикон дар ҳудуди ҷумҳурии дигар монд ва мероси фарҳангиаш, гӯё фарҳанги ҳамон ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафт, ва ба он оҳангҳо ғазалҳое аз забони худ насб карданд, ва қарта баровარданд, ва ба радио даровარданд, ва густариш доданд; ва азбаски мусиқӣ дар асл тоҷикона буд, бо лафзи бегона ба гӯшҳо нишаст, ва дар тӯю маъракаҳо маъмул гашт, ва бехаборон ба он мусиқиҳо тамғаи бегонагӣ заданд – «моли мо нест!» - гуфтанд. Ба фойдаи ғосибон кор карданд, ва ғосибон шод шуданд», ва ҷор андохтанд, ки моли мост, бовар накунед, аз худи ҳамонҳое пурсед, ки ин молро ба онҳо нисбат медиҳед. Ва оҳиста-оҳиста, ба мурури вақт ва ташвиқи муддавом, дар зеҳни мардуми зиёд нишаст, ки ин мусиқӣ тоҷикӣ нест. Акси садои он даъвоҳои кӯркӯрона ва ғосибии бешарафона, мутаассифона, ҳоло ҳам дар афкори баъзеҳо боқӣ мондааст.

Аммо Акашариф, дар ҳамон вақтҳо, ин даъвоҳои пуч ва бепояро қабул накард ва ба сарҳадҳои маъмурие, ки мункирони халқи тоҷик сохта буданд, фирефта нашуд. Вай муборизаи огоҳона ва мардона ва хирадмандона бурд. Ҳамон хидмати таърихиеро, ки устод Айнӣ дар боби ҳифзи забон ва адабиёти тоҷик кард, устод Акашариф дар риштаи мусиқӣ ва суруд ба анҷом расонид. Ва ҷавҳари користони ин ду устод, дар он замони ҳардамбарҳам, «пайванд карда тавонистани суннатҳои пешина ва тақозои замон ба шумор мерафт… Акашариф истеъдоди бузург дошт, ва дар айни замон, ӯ назди устодони ҳунар таълим гирифтааст… Дар ниҳоди Акашариф гӯё кулли навоҳои тоҷик ба садо омаданд ва бесабаб набуд, ки ӯ баъдан

мақомҳои Ироқи Дарвоз, Ушшоқи Дарвоз ва монанди онҳоро офарид. Эҳёи Шашмақом дар кӯҳистон, иқдоми бузурги таърихии Акашариф мебошад, зеро Бухорову Самарқанд вориди давлатӣ дигар шуд, ва гӯё худи таърих амр намуда буд, ки дар дохили Тоҷикистон садои мақомҳо баланд гардад… дар Москва Даҳаи Ӯзбекистон барпо гардида буд ва гӯё ҳамаи услубҳои асили тоҷиконаи Бухорову Самарқанд, дар шакли ӯзбекиаш, дар он ҷо намоиш дода шуд. Акнун зарур буд, ки симои Тоҷикистон нишон дода шавад. Дар риштаи ҳамин мазмун кулли сурудҳо ва таронаҳои Акашариф падидаи аълои ҳунарӣ ба шумор мерафт. Сурудҳои ӯ барои тамоми мардум азиз буданд. Ҳамин хислат, яъне барои тамоми мардуми тоҷик пайдо кардани суруде, ки тавонад дар ниҳоди онҳо ҳисси ягонагиро бедор кунад, дар ҳунари Акашариф пайдо шуд… Як марди оддии кӯҳистон, мисли як академики бузург, соҳирона ва самимона ва бо овози хушу лаҳни форам, бинои нави мусиқии суннатии як миллатро обод кардааст» (Аслиддин Низомӣ).

Акашариф, бо чунин як хазинаи пур аз ҳунар, дар радио ва филармония фаъолият дошт. Ҳукумати СССР ва ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон, барои маҳорати сарояндагӣ ва тарғиби мусиқӣ ва тарбияи ҳунармандони ҷавон, ба ӯ ордени Нишони фахрӣ ва унвонҳои ифтихории Артисти халқии РСС Тоҷикистон ва Ҳофизи халқи РСС Тоҷикистон доданд. Унвони ҳофизи халқӣ нав таъсис шуда буд ва нахустин касе, ки ин унвонро гирифт, Акашариф аст. Вай баробари ҳама унвонҳои воло, боз истеъдодҳои ҷавонро ғун овард. Ва ин ҷавонони ҳунарманд Зулфиқори Исмоил, Абдуллои Назрӣ, Иброҳим Кобулӣ, Шумқор Одинабек, Муқим Ҷӯра, Барот Яхшӣ, Зулайхо, Абдураҳмон Ёр,Саломатшо Назрӣ ва монанди инҳо, ки дар мактаби ҳунари Акашариф сабақ гирифтаанд, минбаъд хидматҳои арзандаву шоистае ба санъат ва фарҳанг карданд.

Ҳамзамон, ҳамон вақтҳо буд, ки таърихшинос ва сиёсатмадор ва ходими давлат, Бобоҷон Ғафуров китоби Таърихи мухтасари халқи тоҷикро нашр кард; ва сабти Шашмақом ба нота оғоз гирифт, ки устодон Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев ва мусиқишиносон И.Рогалский ва В.Беляев, шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев, ба он машғул шуданд; ва чопи мухтасари девони баъзе шоирони классик равнақ ёфт; ва суруди миллии (гимни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар матни Абулқосим Лоҳутӣ ва оҳанги Сулаймон Юдаков, ба арсаи вуҷуд омад;… Ва таъсири ҷамеъи ин ҳама хидматҳо буд, ки суруду мусиқии тоҷик, аз фишори лафзи бегона оҳиста-оҳиста берун меомад, ва ин муомила, бо ҷаҳду ҷадали наслҳои нав бо нав, то ба ҳол боқӣ мондааст.

Паймудани ин роҳ кори осон набуд – бадхоҳон ва ҳасудон, ба рӯ ниқоби ҳизбӣ кашида, худро муборизони адлу адолат вонамуд карда, ва аз мақоми мансабдорони каммаърифат истифода бурда, мункирони халқи тоҷикро ба по хезонида, дар ҳаққи ин хирадмандон ва бузургони миллат, тӯҳматҳо мебофтанд, ғайбат мекарданд, халал мерасониданд, роҳе меҷустанд, ки аз кор дур партоянд. Ва таърих номи онҳоро медонад.

## – 20 –

Сурати калони Акашариф, дар девори долони калони бинои Иттифоқи композиторони СССР, дар шаҳри Москва, қатори оҳангбандони машҳур, дар девор задагист. Муҳаққиқони илми мусиқӣ, дар Москову Ленинграду Тошканду Сталинобод, дар тадқиқотҳояшон осори ӯро иқтибос меоваранд, ва таҳлил мекунанд. Хонаи эҷодиёти халқи Тоҷикистон ба ҷамъ овардани савту сурудҳои ӯ машғул аст… Гӯё ҳама қуллаҳои санъат фатҳ шудааст, дигар вақти кайфу сафост… Аммо Акашариф саргарми омӯхтан ва омӯзондан.

Маъмулан, бисёре аз ҳунармандон ба чунин мартабаҳо бирасанд, ва орденҳову унвонҳо низ дошта бошанд, дигар фалакро баробар ба чалак медонанд. Фӯкашон боло мешавад, раҳгардиашон тағйир меёбад, шиносони қадимро нодида мегузаранд, ба ҳамкасбон ба ғурур ва ё нописандӣ менигаранд ва худро аз дигарон боло мегиранд.

Машқ кардан ва сайқал додан ва такмили ҳунарашонро ба фаромӯшӣ медиҳанд, ва оқибат ба ҳамон пояе, ки вориди саҳнаи санъат шуда буданд, дар ҳамон поя шахшуда мемонанд, ва ҳатто пасттар мефуроянд. Бисёр воқеъ гардид, ки каси боистеъдоде ба майдони санъат омад, сайди дилҳо кард, номе баровард, аммо истеъдодашро оқилона истифода бурда натавонист, ва бо шӯҳрати андаке, аз худ рафт, ва дере нагузашт, ки худаш ҳам аз даҳон монд ва аз саҳнаву аз дилҳо рафт.

Акашариф дар солҳои баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ба мартабае расида буд, ки ҳамаи он чизҳоро дошт – обрӯ, эътибор, орденҳо, унвонҳои фахрӣ, ифтихорномаҳои дохиливу хориҷӣ, ва шӯҳрату маҳбубият дар байни мардум, вале дастовардҳои мутрибӣ ва ҳофизиашро ҳанӯз комил намедонист; ва пайваста машқ мекард, ки ҳарчи дорад, ба камол расонад, ва равиши наве ёбад, ва муносиб ба маврид суруди тозае бихонад.

Метавон бигуфт, ки машқ кардан талаботи ботинӣ ва хислати доимии Акашариф будааст. Аз овони наврасӣ, аз ҳамон вақтҳое,

ки Иззатшоҳ ва Мирзоғулом ба ӯ дарси санъат медоданд, то ба ин рӯзҳо, ки худаш ба шогирдон дарс мегӯяд, ҳеҷ гоҳ аз машқи касб фориғ нашудааст. Вай пайваста дар талош буд, ки касбашро такмил бидиҳад. Ва машқ мекард. Дар толорҳои радио ва филармония ба ҳамкорон ва шогирдон ва дар хона бо писараш Муқим.

«Дар девори яке аз ҳуҷраҳои хона танбӯр, дутори парда, сетор, дунбураю тавлак овезон буд, ва худи устод ҳар рӯз, тахмин аз соати ду то панҷ, бо Муқим, дар он хона машқ мекарданд», (Холназар Муҳаббатов). Дар давоми ин машқҳои пайваста Акашариф, аввал ба худаш, ва баъд ба дигар ҳамкору ҳамнишастҳо, талқин мекард, ки суруд нуқсе дошта бошад, назди мардум баровардан айб аст. Беҳурматӣ мешавад. Беҳурматӣ ба ҳунар, беҳурматӣ ба оҳангу ғазал, беҳурматӣ ба шунаванда… Вай дар озмунҳои савту суруд, ки дар миқёси Ҷумҳурӣ, дар шаҳри Сталинобод барпо мегардид, яке аз ҳакамҳои доимӣ буд, ва аз бемасъулиятиҳо, ки довталаб шеърро ғалат мехонад, ва оҳангу сухан фаҳш дорад, ва овоз суфта нест ва лаҳни форамро наёфтааст, ва асбобашро ҷӯр накардааст, сахт дилтанг мешуд, азоб мекашид, - оддитарин чизҳоро ёд нагирифтааст, аммо шарм накарда ба саҳна баромадааст?! Ё тавба!!!

Худаш дар умраш, агар андак фаҳше байни сухан ва оҳанг ва овоз ҳис бикунад, он сурудро ба саҳна намебаровард, - меваи хом таъм надорад!» Ӯ торҳоро дар хилқати садоҳои форам, зери фармони худ мегирифт. Дар хониши сурудҳо низ хеле шӯхоҳанг ва шириншево буд.

Хислатҳои шахсии Акашариф бошад, хоса барои ҷавонони соҳаи санъат, аз чандин ҷиҳат пандомез ва марғубанд. Ӯ чунон ки маълум буд, марди хуштавозӯъ, хушкалом ва то дараҷае шӯхтабиат ҳам буд, ки сӯҳбати ӯро шиносонаш дӯст медоштанд. Ӯ ба одамон, монанди як рафиқи наздик, баробар муносибати одамиёна дошт. Боз як хислати хуби ӯ ин буд, ки касбу ҳунари худро, ва баробари он, касбу ҳунари ҳампешагонашро низ, эҳтиром мекард. Ӯ фолклорро, санъати мусиқии ҳамсоямамлакатҳо, адибону аҳли фазлу камол ва ҳамкоронашро дӯст медошт. Дигар ин ки дониши худро аз толибони навниҳоли санъат ҳеҷ гоҳ дареғ намедошт», (Ф.Шаҳобов, М.Раҳимӣ).

## – 21 –

Шумори сафарҳои Акашариф дар дохили Тоҷикистон ҳисобу китоб надорад, вале шумораи сафарҳояш берун аз Тоҷикистон, дар мақола ва ёддошти санъатшиносону дӯстон зикр гардидааст.

Дар асл аз нисф зиёди умри ӯ дар сафар ба ноҳия ва деҳоти Тоҷикистон гузашт, гӯем, чандон муболиға намешавад. Он вақтҳо, ки вай ба сафар мебаромад ва ба мардум пайғоми суруду мусиқӣ мебурд, роҳҳои Тоҷикистон нообод буд – роҳи ҳавоӣ нав ба шаҳрҳои калон роҳ меёфт, ва асосан дар хидмати ҳарбиён меистод; роҳи оҳан вуҷуд надошт; роҳҳои мошингард, ба даруни дараҳо ва гардани ағбаҳо, қадамҳои ноустувор мегузошт. Дар асари бероҳӣ вилоятҳо ва ноҳияҳо, ва ҳатто деҳоти як ноҳия, аз ҳам то дараҷае дур ва ҷудо буданд, ва зимистонҳо аз як деҳа ба деҳаи дигар рафтан азоби алиме дошт. Мардум дар ҳудудҳои танг зиндагӣ мекарданд, ва рафту омад ва доду гирифт маҳдуд буд, ва ин тангиву маҳдудӣ ба хислат, ба маърифат ва ба афкори онҳо таъсирҳо мегузошт. Хидмати бузурги Акашариф аст, ки ҳамин роҳи душворро пиёда, харсавор, аспсавор, ва баъди ба сомон омадани роҳҳо, бо мошин, бо поезд ва бо самолёт, тай кард, ва дурро наздик овард ва ҷудоро пайваст. Ба ин маъно, ки ҳамон доду гирифти маҳдуд, ва ҳамон дурии бошандагони дараҳои душворгузар аз ҳамдигар, ва ҳамон ҷудоиҳо аз ҳамқавмон, вусъати назари одамонро танг ва густариши санъатро беравнақ гардонида, созу навои яклухти миллиро пораву парча карда буд, ки ҳар дара ба деги худ меҷӯшид; ва дар водие «макорга ӯхшайдӣ» хонда тӯй гузаронанд, дар водии дигаре, дар тӯй аз мотами дашти Карболо мӯя мекарданд.

Акашариф, он пораҳову порчаҳоро ғун овард, ва ба дониши худ, ба мусиқии асили миллӣ, ки ба шохаҳои мардумӣ ва мақомҳои Бухорову Марву Ҳирот ва мақомҳои Самарқанду Фарғонаву Хоразм, ҷудо шудааст, такия намуд ва равиши мусиқии наве офарид, ки дархӯри ормонҳои миллат дар асри бистум шуд. Ва Садриддин Айнӣ аз минбарҳо гуфту дар дафтарҳо навишт: «Санъаткори машҳури халқи тоҷик Шариф Ҷӯраев анъанаи устод Рӯдакиро аз худ акс мекунонад, ва ӯ дар вақти навохтани панҷтор, бо танбӯри садафкории худ, шеърҳои классикона мегӯяд».

Ҳукумати шӯравӣ, бо шиори «санъат азони халқ аст» мусиқиву сурудро аз қасри шоҳон ва кӯшки ашрофон берун овард, ба дасти оммаҳои халқ дод. Ва Акашариф, бо маҳорат ва фаросаташ, асолати ҳунари волои қадимасосро барқарор кард, ва «овозхониро аз дараҷаи кӯчабозорӣ раҳонид, ва ба ин рукнҳои аввaливу азалиашро баргардонид – маъниву мазмуни дилрас бахшид», (Фаттоҳ Одина).

Роҳҳоро низ ҳукумати шӯравӣ кушоду васеъ кард, ва сафарҳои Акашариф, нисбат ба пеш, осонтар шуд. Ва ӯ, ҳамчун мубалиғи фарҳанги пурғановат, сафар мекарду сафар мекард – ба Шаҳристону Хуҷанд мерафт, ба Конибодому Исфара мерафт, ба Кангурту Сарихосору Даштиҷум мерафт, ба Ҳисору Вахш мерафт, ба Ғарму

Ҷиргатол мерафт... Ва боре дар сафари Дарвозу Ванҷ, дар Қалъаи Хумб, аҳолӣ ӯро бо оркестри ҳарбии сарҳадбонон истиқбол кард, ки чунин эҳтиром, то ба ҳол, фақат ба генералҳои Москва хос буд.

Вайронаҳои замони ҷанг, ба тадриҷ обод мешуд. Ва Акашариф, гоҳи фароғат аз вохӯриҳову консертҳо, ба тамошои кӯчаҳои зодгоҳаш баромад. Дар регзори соҳили рӯди Панҷ бачаҳоро дид, ки гӯштингирӣ доранд. Бачагиҳои худаш пеши назараш зинда шуд, ва пеши онҳо рафт, ҳол пурсид:

— Мактаб мехонед?

— Ҳов, мехонем.

— Нағз хонед. Дар замони мо ин хел мактабҳо набуд. Нағз хонед. Ҳарчи ки муаллим гӯяд, ёд гиред.

— Ёд мегирем. Сурудҳои шуморо аз ёд медонем.

— Субарак[1] ҳам мекунед?

— Фақат дар баҳор.

— Субарак машқи нафас аст. Нафасро дароз мекунад.

Ва шарҳ дод:

— Мо ҳам дар бачагӣ намедонистем. Баъд фаҳмидем. Агар дар субарак бой диҳем, бисёр су мегуфтам. Баъд дар хонаи устодам Иззатшоҳ авҷи сурудҳои классикиро чунон тоза ва ба осонӣ мегирифтам, ки устод ҳайрон мемонд.

Ва дар роҳи баргашт ба меҳмонхона, ба магазини сари роҳ даромад. Рафҳои пур ва қутиҳои конфети рангорангро дид, ва табассум кард – боре модараш як каллақанд дод. Нахойид, лесид. Қариб як ҳафта ҳам худаш мелесид ва ҳам ҷӯраҳояш мелесиданд...

Сафарҳое, ки Акашариф, бо дастаҳои яккачини филармония ва радио, берун аз Тоҷикистон кардааст, то андозае аниқ аст. Вай шаш маротиба, дар солҳои 1936, 1937, 1941, 1946, 1949, 1957 ба Федератсияи Русия, ба шаҳри Москва; чаҳор бор, солҳои 1947, 1950, 1952, 1954, ба ҷумҳурии Ӯзбекистон; чаҳор маротиба, солҳои 1942, 1950, 1952, 1954, ба ҷумҳурии Туркманистон; се бор солҳои 1950, 1952, 1954, ба ҷумҳурии Қирғизистон; ду маротиба, солҳои 1942, 1957, ба Эрон ва як бор, соли 1958 ба Афғонистон рафтааст.

Ҳамаи сафарҳо ба Москва, ки пойтахти давлати абарқудрати шӯравӣ буд, тобиши даъватӣ ва мусобиқа дошт – кӣ беҳтар? Даҳаҳои адабиёт ва санъат ба ҳамин мақсад гузаронида мешуданд, ки беҳтарин адиб ва беҳтарин санъаткорро ёбанду шиносанд; ва ба ҳама халқҳои СССР бишиносонанд. Ва Акашариф дар се Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Москва ширкат дошт, ва ҳар дафъа барномаи наве пешниҳод кард, ва ҳамеша ба ӯ аз мартабаи

1. Субарак — зувкашӣ, як намуди бозии Чиллику даста (дангал).

беҳтаринҳо ҷой доданд ва ӯро шинохтанд эътироф карданд, тарғиб намуданд ва ба ҳамаи халқҳои СССР шиносониданд; аз ҷумла, ба худи Тоҷикистониҳо ҳам.

Озмуну слётҳое, ки умумииттифоқӣ буданд, ва мақоми мутрибон, ҳофизон ва гӯяндагони халқро муайян мекарданд, ва дар радиои марказӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ барпо шуданд, ба Акашариф унвони ғолиби мусобиқаҳо ва устоди мусиқии тоҷикро лоиқ донистанд.

Дар ҷумҳурии Ӯзбекистон Акашарифу ҳамроҳонаш, дар сохтмони машҳуру зарбдори замон Фарҳод ГЭС, консертҳо доданд; ва навад рӯз дар Марғелон, Чуст, Андиҷон, Фарғона, Риштон, Намангон, ноҳия ба ноҳия гашта, ба мардум сӯҳбатҳо ороста ва ҳунари худро ба онҳо намоиш дода, аз меҳрубонӣ ва меҳмондӯстии дӯстон ба мисли ҳунарманди машҳури ӯзбек Маъмурҷон Узоқов, баҳра бардоштанд.

Ва Усмон Юсуфов, Котиби якуми ҳизби коммунистии Ӯзбекистон[1], баъдҳо дар як маврид, ба Акашариф гуфт:

— Шумо ҳофизи ду халқ. Ба Тошканд биёд. Дар ин ҷо ба Шумо ҳамаи унвонҳои фахриро медиҳем. Артисти Халқии СССР ҳам мешавед.

Акашариф табассум кард:

— Ташаккур. Шумо меҳрубон ҳастед. Агар як бор оби ширини Камаровро мехӯрдед, лаззаташ дар ду дунё аз даҳонатон намерафт.

Ва Бобоҷон Ғафуров, Котиби якуми ҳизби коммунистии Тоҷикистон, ки дар Москов ин муколимаро аз забони худи Усмон Юсуфов шунида буд, як рӯз Акашарифро ба мошинаш савор кард, ва то хонаи Радио бурд, ва ҳангоми фаровардан дасташро сахт фушурд:

— Ташаккур барои ҳамон ҷавоб.

Акашариф надонист, ки он кадом ҷавоб аст. Ғафуров ҳам шарҳ надод, вале дар китобаш навишт: «Шариф Ҷӯраев дар мусиқии касбии тоҷик бозёфти бузург аст ва ҳунарманде мисли ӯ, ба ин қудрат ва тавонойӣ ва ба ин эҷодкорӣ, асолати миллии мусиқии моро ба шунаванда нарасонидааст. Ҳунари ӯ хотирнишин ва фаромӯшнашаванда буда, ва аз рангинтарин саҳифаҳои таърихи тамаддуни навини тоҷикист».

Гастролҳои санъаткорони тоҷик, бо роҳбарии Акашариф, дар Ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Қирғизистон ҳам, ба мардуми он ҷоҳо дили гарму сурудҳои дилнишин бурд, ва барои гуфтугӯи фарҳангии байни халқҳо саҳми арзандае гузошт. Ва ҳукумати ин се

1. Ҳизби коммунист яккаҳукмрон буд.

ҷумҳурӣ, барои санъати баланди сарояндагӣ ва маҳорати мутрибӣ, ба Акашариф Ифтихорномаҳо доданд.

Сафари нахустини Акашарифу гурӯҳи санъаткоронаш ба Эрон, асосан хидмати фарҳангӣ ба аскарони шӯравӣ буд, ки дар он ҷо қароргоҳ доштанд. Ва онҳо дар шаҳрҳои Машҳад, Теҳрон, Гургон ва Сорӣ, ба аскарон ва қисман ба бошандагони он шаҳрҳо, зиёда аз ҳафтод консерт нишон доданд. Дар сафари дуввум, ки замони оромиву осоиштагӣ буд, консертҳои онҳо дар байни мардум барпо гардид, ва ин аввалин сафари созу навои тоҷик аст, ки баъди ҷудоии садсолаҳои сарҳадӣ ва давлатӣ, дар хоки Эрон садо дод. Ва аввалин бор артистони Тоҷикистон, бо устодони мусиқии Эрон устод Ғуломҳусейни Банон, Тоҷи Исфаҳонӣ, Хонум Марзия, Бону Дилкаш, ва амсоли онҳо шинос шуданд. Пайванди хубе буд байни ду халқи ҳамзабону шарикмерос, вале, бо сабабҳои идеологӣ, ривоҷ наёфт.

«Сухан аз боби рӯзгори Акашариф мерафт ва артисти театру кино, ровии машҳур Абдусалом Раҳимов чунин ҳикояте кард: Соли 1943, мо, як гурӯҳ ҳунармандони тоҷик сафари Эрон доштем. Аз деҳаи сарҳадии Боҷгирон бо автобус ба сӯи Теҳрон ҳаракат намудем, ки хело роҳи тӯлонӣ буд. Лайло Шарифова ҳамаи мардонро ба байтбарак даъват кард. Ин зани зебо ончунон шеъру ғазали бисёре медонистааст, ки ҳамаи мардон ва ҳатто баъзе шоиртабъонро мот кард. Акашариф дар қафои автобус бо танбӯраш, чизеро замзама мекард, ва аз кору бори ин маҳфил бехабар буд. Вақте мо ин хабарро расондем, вай танбӯрро як тараф гузошту ба мо пайваст ва бо табассум гуфт:

— Лайло хонум, биёед, ки мо ҳам аз сӯҳбати гарму ширини Шумо бенасиб намонем.

Лайло, ки аз нишоти ғолибият меболид, мағрурона гуфт:

— Ман тайёрам, ки боз бо ҳазор мард, баҳсу байтбарак бикунам.

Ва дарзамон байте хонд. Акашариф, дар ҷавоб, як байт аз Саъдӣ хонд. Байтбарак, баъди чанд лаҳза, чунон тафсид, ки ҳозирон ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд, - ҳаводорони Лайло ва ҳаводорони Акашариф.

Баъди пешин дар як шаҳрак таъом хӯрдем, ва ҳамин ки автобус ба роҳ даромад, боз онҳо байтбаракро давом доданд. Саҳарии рӯзи дигар мо наҳор хӯрдем ва роҳбалад гуфт, ки баъди як – ду соат ҷангали Мозандарон сар мешавад, ва қариб 300 км роҳ аст. Вале дар гармии байтбарак ҳеҷ чиз ба назари мо наметофт… Хуллас, байтбараки онҳо қариб се рӯз давом кард. Ва дар ёдам ҳаст, ки Акашариф дар охир ин мисраъҳоро хонд:

*Ало духтар, ду холатро баҳо кун,*
*Закоти моли девона ҷудо кун.*
*Закоти моли девона чӣ бошад?*
*Буте бӯса, таввакал бар худо кун.*

Баъди ин мисраъҳо Лайло каме сукут кард, чеҳрааш шукуфт, ва ба Акашариф гуфт:

— Илоҳо гӯрат сӯзад, ту маро мот кардӣ». (Холназар Муҳаббатов).

Дар Афғонистон ҳангоме ки Акашариф суруди Кӯҳу баҳмани Кобулро сароид, аҳли толор, аз ваҷд, ба по хеста, дурудароз каф кӯфт. Ва муаллифи шеър Зиё Қоризода ба саҳна баромад, ва Акашарифро сахт ба оғӯш кашид:

— Ба ин шеър оҳанг набастаӣ, балки ҷон ато кардаӣ, ҷон.

Ва рӯзи охири сафар дастаи ҳунармандони тоҷикро шоҳи Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ, ба дарбор даъват кард ва сӯҳбати хоса орост. Дар ҳузури шоҳ ва аҳли рикобаш базм барпо гардид. Дар базм мардҳо дар толор нишастанд, ва занҳо, ки рӯпӯш буданд, дар пушти парда гӯш мекарданд. Базм тафсид. Артистони тоҷик яка якаву даста –даста менавохтанд, месуруданд, мерақсиданд… Акашариф, бо ҳамовозии Муқим, аввал ду суруди шӯх хонд. Баъд, мақом гардонд, оҳанг тағйир дод, ва суруди Алларо сар кард. Айни вақти авҷи суруд, парда ба ҷунбиш омад, алвонҷ хӯрд, ва занҳо бару қади пардаро қату рост мекарданд, то ки рӯи Акашарифи машҳурро бубинанд…

## – 22 –

Бино ба тадқиқоти олими санъатшинос Аскаралӣ Раҷабзода, аз осори Акашариф бисту ҳафт суруд бо адвор (нота) нашр шудааст. Ва дар хазинаи беҳтарини Радиои Тоҷикистон сабти сиву чор суруди ӯ маҳфуз аст, ки қисме нашр шудаанд ва қисме то ба ҳол нашр нашудааст.

Мо як мардуме ҳастем, ки ҳавои даҳонамон бисёру баракати корамон кам. Бузургонамонро ном гирифта, лоф зада, фахр карда метавонем, вале осори онҳоро ҳифз намуда, пайваста ба хонандаву шунаванда расонида, манфиате аз он бардошта, фикру ақидаи онҳоро байни оммаҳо бурда, ва афкори онҳоро афкори оммавӣ кардан, ками андар кам муяссарамон мегардад. Ин дарди кӯҳна аст ва дар

мавриди шинохти Акашариф ҳам вуҷуд дорад. Аввалан, он осори ба нашр расида ва сабт шудаи ӯро, оқилона истифода намебарем, бисёр кам тарғиб мекунем, асрорашро намеомӯзем ва дар мактабҳову муассисаҳои касбӣ намеомӯзонем; ва тақлидкорони навбаромад, ки аз асолати эҷодиёти ӯ огоҳ нестанд, сурудҳояшро шикаставу бешира мехонанд, ва мусиқиҳояшро ба динг-дингу тинг-тинг табдил додаанд.

Баъдан, он чи ки имрӯз ба даст дорем, куллиёти осори Акашариф нест, балки осори мунтахаби ӯст, ва кӣ медонад, шояд мунтахаби мунтахаб бошад. Маъхазҳо хабар додаанд, ки Акашариф дар ҳар як Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик, ки дар Москва барпо гардидааст, қаблан тайёрӣ медидааст, ва бо барномаи хос мерафтааст. Яъне, суруду таронаҳои нав ба нав мебурдааст. Алҳол, аниқ нест, ки ҳамаи он суруду таронаҳо сабт доранд, ё надоранд, ва маҳфуз мондаанд, ё намондаанд.

Писари Акашариф Муқим, ки аз нӯҳсолагӣ, то охири умр, дар сурудхонӣ бо падар ҳамроҳу ҳамовоз буд, шаҳодат додаст, ки соли 1954 дар ҷашни бисту панҷсолагии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои вазирони ҳамонвақтаи Иттиҳоди Шӯравӣ Н.И.Косигин ва сарони ҳама ҷумҳуриҳои Иттифоқ, ба Сталинобод омаданд. Ва дар бӯстонсарои шӯрои Вазирон, ба ин муносибат, шаббазми азиме тартиб доданд. Ва Акашариф бо Муқим, дар навбати худ, пайиҳам се суруд хонд. Усмон Юсуфов, сардори ҳукумати Ӯзбекистон аз Бобоҷон Ғафуров, сардори ҳукумати Тоҷикистон, хоҳиш кард:

— Агар тавонанд, Акашариф ягон суруди ӯзбекӣ хонанд.

Бобоҷон Ғафуров ҷониби Акашариф нигоҳ кард, вале ҳанӯз матлабро нагуфта буд, ки Акашариф як оҳанги ба Муқим ношиносро навохт, ва суруде ба забони ӯзбекӣ хонд. Ва фосила надода боз як суруди ӯзбекиро сар кард…

Бобоҷон Ғафуров, бо ханда, ба Усмон Юсуфов гуфт:

— Маъмурҷон Узоқов ҳам ягон суруди тоҷикӣ хонанд.

Маъмурҷон даст пеши бар гирифт:

— Ман ин оҳангҳои дилошӯбро, ки Акашариф ба ғазалҳои Навоӣ бастаанд, бори аввал шунидам. Ваъда медиҳам, ки дар сисолагии Тоҷикистон, бо Акашариф, сурудҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мехонем.

Он «оҳангҳои дилошӯб» то ба имрӯз ба гӯши шунавандагони сершумор нарасидааст.

Дар ҷашни бузургдоште, ки ба ифтихори 800-солагии Низомии Ганҷавӣ барпо шуд, Акашариф сурудҳое, дар матни ин шоир муҳайё

кард ва хонд. Кадом ғазалу чигуна оҳанг буд, наслҳои баъдина нашунидаанду намедонанд…

Холназар Муҳаббатов, аз хешони наздики Акашариф, дар хотирааш аз як сӯҳбату базме, ки дар шаҳраки Навобод, ноҳияи Ғарм, дар хонаи онҳо, то нисфи шаб давом кардааст, ёдовар мешавад, ки «муаллим Қоризода аз Акашариф суол карданд, ки магар шоирони ҷавони имрӯзаи мо, дар пояи шоирони кӯҳансол, шеър офаридаанд, ва дар барномаи Шумо ягон шеъри шоирони ҷавон ҳаст ё не? Вай дар ҷавоб гуфт, ки бо сарпарастии Мирзо Турсунзода як зумра шоирону нависандагони болаёқат ба воя расидаанд. Ва чанде пеш мо бо Муқим, ба шеъри Бобо Ҳоҷӣ «Сарафроз» оҳанг бастем. Бо хоҳиши аҳли нишаст, Акашариф танбӯрро гирифта, ҳамроҳи Муқим ин шеърро суруданд:

*Сарафрозам, ки дар олам чунин зебо Ватан дорам,*
*Дар оғӯши вафояш баҳраҳо аз илму фан дорам.*

Ин ғазалро, бо сабки классикӣ, он чунон фораму равон суруданд, ки ҳама аҳсану офарин гуфтанд. Ман ҳамеша аз он афсӯс мехӯрам, ки чаро ин суруду оҳанги зебо, ягон бор аз тариқи радио садо надодааст»…

Як хислати Акашариф ин буд, ки ҳангоми сурудхонӣ, ба шавқ омада, оҳанги маъмулро такмил медод, ва ё бадоҳатан ба ҳамон суруд оҳанги нав мебаст. «Боре дар меҳмонхонаи амакам Маншоҳ, ба хотири талбони падарарӯси Дарвозӣ, маҳфили пуршукӯҳе баргузор шуд, ки дар қатори Мирзо Турсунзода, боз як қатор ходимони давлатӣ ва меҳмонони олиқадр аз шаҳрҳои Самарқанду Конибодом ва Тошканд иштирок доштанд. Бе ягон муболиға, гуфтаниам, ки банда бори аввалу охир, чунин сурудану илҳоми баланди Акашарифро дидам. Вай бо танбӯр чунон мутрибӣ кард, ва ғазалҳое хонд, ки қариб навад фоизи онро бори аввал мешунидам… ин шабнишинӣ то соати чори шаб давом кард ва нишастагон аз сурудани вай ҳеҷ сер намешуданд…

Рӯзи дигар назди устод рафта, хоҳиш кардам, ки унвони оҳангҳоеро, ки шаб хондаанд, ба ман гӯянд, то ки дар ёд бигирам. Вале, садҳо афсӯс, ки ягон оҳанги дилошӯби шаб хондаашонро ба ёд оварда наметавонистанд. Аз Яша Бободӯстов шунида будам, ки «Акашариф дар ҳар консерташ, ба оҳангҳое, ки мо омӯхта будем, тобишҳои нав ба нав медод». Вай дар рафти сурудхонӣ, худ аз худ илҳом гирифта оҳанг эҷод менамуд.

Чанд рӯз пас, ман тааҷҷуби худро ба акаи Муқим изҳор кардам. Ӯ хандид:

— Ман аз нӯҳсолагӣ бо падар суруд мехонам, вале барномаи ӯро фаро гирифта натавонистам. Хусусан дар маҳфилҳои хурд, вай оҳангҳое меофарид, ки ман ҳеҷ дар ёд гирифта наметавонистам» (Холназар Муҳаббатов).

Тору пуди Акашариф мусиқиву суруд будааст, ва риштаи умри бобаракаташ, оқибат, зери мусиқиву суруд канда шудааст: «Акашариф то вопасин лаҳзаҳои умр ғурур, зиндадилӣ ва зарофатгӯиҳояшро нигоҳ дошта буд. Ёд дорам, амакам Манзар Шариф, ки солҳои чилу панҷоҳ яке аз сиёсатмадорони машҳури ҷумҳурӣ буд, чоштгоҳӣ оши палав фармуд, ва маро фиристод, ки Акашарифро биёварам.

Дар айвон Акашариф ҳамроҳи писараш Ҳисорӣ нишаста буд. «Табиб фаҳмад, чӣ мегуфта бошад?», бемадорона аз ҷо хест. Дар ҳақиқат он шабу рӯзҳо табибон, аз ҳаракату гардиши зиёдатӣ ва хӯрокҳои вазнину серравған, манъу парҳез фармуда буданд ба ӯ. «Хайр, табибон дурбин надоранд, ки бинанд. Гоҳ-гоҳ агар як даҳан ош нагирем, биллоҳ дигар маҷоли пойбардорӣ намемонад».

Мо ҳар ду аз паҳлӯи Акашариф, дасташро гирифта оҳиста-оҳиста қадамзанон, то ҳавлии амак овардем.

Дар айвон ҳамсояи наздики ҳарду оила, олими соҳаи тиб Барот Раҳмат, олими машҳур, фарзанди Акашариф, Қандил Ҷӯра ва чанде аз наздикони дигар, даври дастархон нишаста буданд. Аз афти кор, соат аз ду гузашта будааст, ки аз радио овози суруд бараълоина ба гӯш мерасид. Магар омадани Акашарифро интизор буданд, ки табақи ошро рӯи дастархон гузоштанд. Ҳамин дам аз радио овози Боймуҳаммад Ниёз ва суруди нави ӯ «Эй ҷони ман асират!» ба гӯш расид. Он айём Боймуҳаммад Ниёз навакак аз Хуҷанд омада, дар ҳайати сароядагони радио адои вазифа мекард. Акашариф чанд сония ба суруди ҳофиз диққат дод ва пасон, бо табъи болида оҳанг ва сабки хониши ҳофизро тавсиф кард. Ҳама даст ба ош бурданд. Акашариф низ луқмаи хурде ба даҳон бурд ва ҳамон лаҳза ба паҳлуи чап афтида, сар ба зонуи духтур Барот Раҳмат монд. Духтур ба тезӣ донаҳои биринҷро аз даҳони ӯ гирифт ва бо дарозии якандоз ӯро хобонд. Ҳама бесаранҷом буданд. Касе ба ҷониби телефон давид. Ҳанӯз ҳам суруди ҳофиз идома дошт. Акашариф ҷон дода буд»... (Меҳмон Бахтӣ). Он рӯз якуми октябр ва соли як ҳазору нӯҳсаду шасту шаш буд.

Рӯзи дигар «Тобут дар театри академии ба номи Лоҳутӣ гузошта шуд. Сели одамӣ ба сӯи тобут беист равон буд… то ки бо ҳофизи дӯстдошташон Алвидоъ! Гӯянд: Бо ин ният аз Дарвозу Қаротегину Кӯлобу Вахш ва водии Ҳисору Бадахшон ва Хуҷанд фиритодагони махсус омада буданд…

Ҳамон рӯз дар сари тобути Ҳофизи халқӣ, аз номи роҳбарияти ҳизбу ҳукумат, Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров ва Маҳмадулло Холов, ба нишони ҳурмат, пос истоданд ва ба аҳли хонаводаи ӯ таъзия изҳор намуданд», (Холмурод Шарифов).

Ва ҷасади Акашарифро, дар водии хомӯшони Саросиё, ба хок супориданд, ва осорашро ба хидмати миллат ва мулк вогузоштанд.

## – 23 –

Байни мардум, аз рӯзгор ва осори Акашариф, нақл ва ривоятҳои зиёде ҳаст. Ин нақлу ривоятҳо аз забон ба забон мегардад, ва аз хислатҳои хоси ӯ ва аз истеъдоди нодири ӯ, ҳикоят мекунад. Ва Дона Баҳром дар рисолааш овардааст, ки:

1. Мардуми Дарвоз, агар дар оила писар таваллуд шавад, маросими пос мегузарониданд – се рӯз одамон омада, меҳмони нав муборак!, гӯён, базм меоростанд ва зиёфат мехӯрданд. Ба хонаи Ҷӯра, барои муборакбоди меҳмони нав, Шарифи навзод, устоди ҳофизони қалъа Хотирхушбош ҳам меояд, ва сеторашро ҷӯр мекунад, ва мегӯяд:

— Илоҳо, ҳамин писари навзод, ки ба ӯ Шариф ном мондаӣ, Шариф ва маҳбуби мардум бошад. Ва мисли ман пир шавад. Ҳофиз ва ҳунарманди қалъа шавад. Омин!...

2. Бачаҳо гаштак доштанд – бо навбат дар хонаи яке зиёфат хӯрда, сӯҳбату базм мекарданд. Боре навбати Шариф буд, вале ӯ пул надошт, ки зиёфат диҳад. Ночор роҳи қалъаро пеш гирифт. Дар қалъа марде буд, ки ҳар рӯз, дар соати муайян, хирсеро ба боғ мебаровард. Хирсро Паҳлавони қалъа, мегуфтанд, ва ҳар кас хирсро дар гӯштин афтонад, ду танга мукофот мегирифт. Ва Шарифи хурдсол ба хирс гӯштин гирифт. Хирсро афтонд ва тангаҳоро гирифт, ва сарфи гаштак кард.

3. Як замонҳо дар қалъаи Кӯҳна, ҳар сари субҳ, рӯзҳои беабр дувоздаҳ зани зебо ва сафедпӯш, (ва рӯзҳои абрдор шаш зани зебои сафедпӯш) сари девор баромада, дафзанон тулӯъи офтобро истиқбол мекардаанд. Ҳар як даф як ному як нағма доштааст – рез, резабозӣ,

яксара, чандин, кумбакгардонӣ… Ҷаззобу ғулғулаафкан будааст садои он дафҳо. Ва Шарифи ҷавон он садоҳоро мешунид ва эҳсос мекард, ва илҳом мегирифт…

Муболиға. Бунёди воқеъӣ надоранд ин нақлу ривоятҳо. Ба зоҳир ва тарзи ифода, ба афсона шабоҳат доранд, аммо ба рамз, ва маънӣ, таҷрибаи рӯзгор ва фалсафаи ҳаёт ҳастанд. Аз ривояти якум рамузгирон чунин маъно мебароранд, ки касе бетарбия ба ҷое нарасидааст, ва тарбия ҳамон вақт муфид аст, ки агар тарбиягир аҳл бошад, ва агар ноаҳл бошад, заҳмати мураббӣ зоеъ мешавад. Яъне истеъдоде мебояд, ки истеъдодро шиносад ва роҳу равиши минбаъдаашро нишон диҳад. Фотиҳаи Хотирхушбош ба ҳамин маъност, худаш истеъдод дошт ва истеъдоди Шарифро дарёфт, ва сари вақт дастгирӣ кард.

Дар ривояти дуюм Шарифи наврас, бо хирс, бо паҳлавони қалъа, аз зарурат гӯштин мегирад ва ғолиб меояд – ҳиммати баланд дорад, ба душворӣ тан намедиҳад, роҳҳои осон кардани душвориро меҷӯяд ва меёбад. Ҳамин хел хислатҳо дорад Шариф ва барои ҳамин назди мардум азиз аст ва одамон ӯро дӯст медоранд.

Ривояти сеюм – қалъаи Кӯҳна, занони зебо, ки даф мезананд ва садои ҷаззобу ғулғулаафкан, ки аз тулӯъи офтоб хабар мерасонад, рамзест аз истеъдоди мусиқӣ ва садошуанвӣ ва овозшиносии Шариф, ки танҳо хоси ӯст, ва каси дигаре, монанди вай созу навои тарабовари ҳаётро шунидаву ҳис кардаву ба садо оварда наметавонад.

Аз қадимулайём нақлу ривоятҳои фавқултабиӣ вуҷуд доранд, ва мардум ба ҳамин восита, ба шахсони машҳур ва мақбул, арзи сипос мекунанд, ва хотираи ӯро зинда нигоҳ медоранд, ва қоил ҳастанд, ки фалон кас, одами оддӣ набуд – вай одами фавқуллода буд, ва нерӯву истеъдоду фаросати модарзоде дошт, ки дигарон он нерӯ, он истеъдод ва он фаросатро надоранд. Ба таҷрибаи таърих нигоҳ бикунем, бараъло мебинем, ки чунин нақлу ривоятҳо фақат ба номи бузургони зиндаёд – Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абӯалӣ Сино, Фахриддин Розӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва амсоли инҳо, сабт аст.

## – 24 –

Соли як ҳазору нӯҳсаду навад Борбади Марвазиро ҷашн гирифтанд. Чунин бузургдошти он ромишгари зинданом, баъди як ҳазору чорсад сол барпо гардид.

Ва рӯзгору осори Борбад, дар тасвири Абулқосими Фирдавсӣ, чунин аст:

*Ҳаме ҳар замон шоҳ бартар гузашт,*
*Чу шуд соли шоҳиш бар бисту ҳашт.*
*Касеро набуд бар дараш кори бад,*
*Зи даргоҳаш огоҳ шуд Борбад.*
*Бад-ӯ гуфт ҳар кас, ки «шоҳи ҷаҳон,*
*Гузидаст ромишгарон аз меҳон.*
*Ки гар бо ту ӯро баробар кунанд,*
*Туро бар сари Саркаш афсар кунанд».*
*Чу бишнид мард он, биҷӯшид оз,*
*Агарчи набудаш ба чизе ниёз.*
*Зи кишвар бишуд то ба даргоҳи шоҳ,*
*Ҳаме кард ромишгаронро нигоҳ.*
*Чу бишнид Саркаш, дилаш тира гашт,*
*Ба захми суруд андарун хира гашт,*
*Биёмад ба наздики солори бор,*
*Дирам карду динор чанде нисор.*
*Бад-ӯ гуфт: «Ромишгаре бар дар аст,*
*Ки аз ман ба соли ҳунар бартар аст.*
*Набояд, ки дар пеши Хусрав шавад,*
*Ки мо кӯҳна гаштему ӯ нав шавад».*
*Зи Саркаш чу бишнид дарбони шоҳ,*
*Зи ромишгари содда барбаст роҳ.*
*Чу рафтӣ ба наздики ӯ Борбад,*
*Ҳамаш кор бад буд, ҳамаш бор бад.*
*Чу навмед баргашт аз он боргоҳ,*
*Або Барбат омад сӯи боги шоҳ.*
*Яке богбон буд Мардӯй ном,*
*Шуд аз диданаш Борбад шодком.*
*Бад-он бог рафтӣ ба Наврӯз шоҳ,*
*Ду ҳафта бибудӣ бад-он ҷашнгоҳ.*
*Сабук Борбад назди Мардӯй шуд,*
*Ҳамон рӯз бо мард ҳамбӯй шуд.*
*Чунин гуфт ба богбон Борбад.*
*Ки гӯё ту ҷониву ман колбад.*
*Кунун орзу хоҳам аз ту яке,*
*Ки он ҳаст назди ту сахт андаке.*
*Чу ояд бад-ин бог шоҳи ҷаҳон*

*Маро роҳ деҳ, то бубинам ниҳон.*
*Ки то чун бувад шоҳро ҷашнгоҳ,*
*Бубинам нуҳуфтӣ яке рӯи шоҳ.*
*Бад-ӯ гуфт Мардӯй: «эдун кунам,*
*Зи меҳри ту, андеша берун кунам».*
*Чу Хусрав ҳамехост к-ояд ба боғ,*
*Дили мизбон шуд чу равшанчароғ.*
*Бари Борбад шуд, бигуфт он ки «шоҳ,*
*Ҳаме рафт хоҳад бад-ин ҷашнгоҳ».*
*Ҳама ҷомаҳо Борбад сабз кард,*
*Ҳам он барбату руди нангу набард.*
*Бишуд то ба ҷое, ки Хусрав будӣ,*
*Баҳорон нишастангаҳаш нав будӣ.*
*Яке сарв буд сабзу баргаш гашан.*
*Бару шох чун размгоҳи Пашан.*
*Бар он сарв шуд Барбат андар канор,*
*Замоне ҳаме буд, то шаҳриёр,*
*Аз айвон баромад бад-он ҷашнгоҳ,*
*Биёрост полезбон ҷои шоҳ.*
*Биёмад паричеҳрае майгусор,*
*Яке ҷом бар каф бари шаҳриёр.*
*Ҷаҳондор бистуд зи кӯдак набид,*
*Булӯр аз майи сурх буд нопадид.*
*Бад-он гаҳ, ки хуршед баргашт зард,*
*Ҳаме буд, то гашт шаб ложвард.*
*Зананда бад-он сарв бардошт руд,*
*Ҳам он сохта паҳлавонӣ دуруд.*
*Яке нагз дастон бизад бар дарахт,*
*К-аз он хира шуд марди бедорбахт.*
*Суруде ба овозе хуш баркашид,*
*Ки акнун ту хониш Додофарид.*
*Аз он захма Саркаш чу беҳуш гашт,*
*Бидонист к-он кист, хомӯш гашт.*
*Ки чун Борбад, кас чунон захми руд*
*Надонад, на он Паҳлавони суруд,*
*Бад-он номдорон бифармуд шоҳ,*
*Ки «ҷӯед сартосар ин ҷашнгоҳ».*
*Фаровон биҷустанду боз омаданд.*
*Ба наздики Хусрав фароз омаданд.*
*Ҷаҳондида Саркаш сухан баргирифт,*

*Ки аз бахти шоҳ, ин набошад шигифт.*
*Ки гардад гулу сарв ромишгараш,*
*Ки ҷовид бодо сару афсараш!*
*Биёвард ҷоме дигар майгусор,*
*Чу аз хубрух бистуд ин шаҳриёр,*
*Зананда дигаргун биёрост руд,*
*Баровард ногоҳ дигар суруд.*
*Ки Пайкоргурдаш ҳаме хондаанд,*
*Чунин ном аз овози ӯ рондаанд.*
*Чунин ромишӣ гуфту Хусрав шунид,*
*Ба овози ӯ ҷоми май даркашид.*
*Бифармуд, к-инро ба ҷой оваред,*
*Ҳама боғ яксар ба пой оваред.*
*Биҷустанд бисёр ҳар сӯи боғ,*
*Бибурданд зери дарахтон чароғ,*
*Надиданд чизе ҷуз аз беду сарв,*
*Хиромон ба зери гул андар Тазарв.*
*Шаҳаншоҳ пас ҷоми дигар бихост.*
*Бар овози он сар баровард рост.*
*Баромад дигарбора овози руд.*
*Дигаргунатар сохт бонги суруд.*
*Ҳамон Сабз дар сабз хонӣ кунун,*
*Бар ингуна созанд мардон фусун.*
*Чу бишнид Парвиз бар пой хост,*
*Яке ҷоми май гулшанорой хост.*
*Ки буд андарин ҷом як ман набид,*
*Ба як дам майи равшан андар кашид.*
*Чунин гуфт к-«ин фаришта будӣ,*
*Зи мушку зи анбар сиришта будӣ,*
*В-агар дев будӣ, нагуфтӣ суруд,*
*Ҳамон низ нашнохтӣ захми руд.*
*Биҷӯед дар боғ то ин куҷост,*
*Ҳама боғу гулшан чапу дасти рост.*
*Даҳону бараш пур зи гавҳар кунам,*
*Бар ин рудсозон-ш меҳтар кунам».*
*Чу бишнид ромишгар овози ӯй,*
*Ҳамон хубгуфтори дамсози ӯй.*
*Фуруд омад аз шохи сарви саҳӣ,*
*Ҳамерафт бо ромишу фарраҳӣ.*
*Биёмад, бимолид бар хок рӯй,*

*Бад-ӯ гуфт Хусрав: «чӣ мардӣ, бигӯй».*
*Чунин гуфт: «Шоҳо, яке бандаам,*
*Ба овози ту дар ҷаҳон зиндаам».*
*Саросар бигуфт он чи рафт аз буна,*
*Ки буд андар он якдилу яктана.*
*Ба дидори ӯ шод шуд шаҳриёр,*
*Ба сони гулистон ба гоҳи баҳор.*
*Ба Саркаш чунин гуфт, к-«эй бадҳунар!*
*Ту чун ҳанзалӣ, Борбад чун шакар,*
*Чаро дур кардӣ ту ӯро зи ман?*
*Дарег омадат руд аз ин анҷуман?!»*
*Бар овози ӯ шод май баркашид,*
*Ҳамон ҷоми ёқут бар сар кашид.*
*Бад-ингуна то сар сӯи хоб кард.*
*Даҳонаш пур аз дурри хушоб кард.*
*Бишуд Борбад шоҳи ромишгарон,*
*Яке номдоре шуд аз меҳтарон.*

Ва ба шарафи Ҷашни бузургдошти ӯ, Ҳукумати Тоҷикистон Ҷоизаи Борбад таъсис дод, ва бинои боҳашамати санъаткоронро, ки дар шаҳри Душанбе, байни кӯли ҷавонон ва маҳаллаи Қарияи боло, воқеъ аст, Кохи Борбад номид ва яке аз кӯчаҳои шаҳр кӯчаи Борбад ном гирифт.

Ва Акашариф барандаи аввалини Ҷоизаи Борбад шуд. Вай бисту чор сол пеш аз ин реҳлат карда буд, ва маблағи ҷоизаро писаронаш Қандил ва Дарвозӣ гирифтанд. Гирифтанду хона бурданд ва ба дасти модарашон Ҷоноро доданд. Ҷоноро пулро нагирифт – ин хабарро шунида, аввал оби чашм кард, ва баъд шукргузорӣ:

— Дар арвоҳат мурам Шариф. Арвоҳат ҳам маро хор шудан намемонад.

Ва устоди Донишгоҳи санъат, донишманди таърихи мусиқӣ, Аслиддин Низомӣ, ҳангоми таълим, ба шогирдон таъкид кард:

— Бидонед, дар замони Сосониён Борбади Марвазӣ, сурудеро офарид бо номи «Дилангез», ки дар катибаҳои қадим чун мақоми Дилангез ёдовар шудааст. Пас аз 1400 сол дар эҷодиёти Акашариф, худ аз худ, суруде пайдо шуд бо номи Дилангез: «Як дасту бар сар, як дасту бар дил»... Рӯи ин муаммо бояд ҳоло кор кард, то тавонем ташхиси мусиқӣ ба ҷо оварем, ва пайванд будани ин ду оҳангро собит созем.

Ва сад сол аз рӯзи таваллуди Акашариф гузашт. Соли як ҳазору нӯҳсаду наваду чор ин санаи муборакро ҷашн гирифтанд. Дар муҳит ва шароите ҷашн гирифтанд, ки Тоҷикистон гирифтори бӯҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шуда буд. Зеро ки Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР) барҳам хӯрд, ва собиқ ҷӯмҳуриҳои шӯрои сосиалистӣ худро мустақил эълон карданд ва ҳар кадоме давлати боистиқлол гардид. Аз ҷумла Тоҷикистон ҳам. Лекин дар Тоҷикистон неъматҳои истиқлолро саришта карда, ва бахра бардошта натавонистанд. Ҳаргуна қувваҳои тундрав пайдо шуд ва ба майдон баромад, ва даъвоҳое пеш гузошт. Даъвоҳое, ки мухталиф ва носанҷида буд, мардум, бо умедҳои ширин ва пуч, саргум шуданду роҳгум заданд. Ва ин ҳол оқибат ба ҷанг кашонд. Хунрезиҳои зиёде ба вуқӯъ омад, ва водӣ ба водӣ, ноҳия ба ноҳия, деҳа ба деҳа ва ҳамсоя ба ҳамсоя, душман шуданд, хунталаб шуданд.

Баъди вайронкориҳои фаровоне ҳукумати қонунӣ барқарор гардид ва раиси Ҳукумат Эмомалӣ Раҳмонов ба номи Сулҳ қасам хӯрд, ва тараддуди мусолиҳаи миллиро пеш гирифт, ва ҷанги мусаллаҳонаро хобонид, вале ҷанги рӯҳияҳо давом дошт. Дар ҳамин хел як ҳолати парешон ва ноустувор, Ҷашн гирифтани садсолагии зодрӯзи Акашариф, дар назари аввал як кори беҷо барин менамуд. Аммо вақте ки Ҷашн сар шуд ва дар рӯзномаҳо мақолаҳо, ва дар нашриёт китобҳо чоп шуду паҳн гардид; ва маҳфилҳо барпо гардид, ва дар Кохи Борбад маҷлиси боҳашамате гузашт; ва дар гузаронидани Ҷашн ҳама қувваҳои мавҷуда, даст ба даст доданду хидмат карданд, ба хурду калон ва ба дӯсту душман маълум ва равшан гардид, ва маъқул афтод, ки суруди Акашариф ва номи Акашариф, радифи сулҳу салоҳ ва Ҷашни Акашариф пайвандгари дилҳост. Ва раиси Ҳукумат Эмомалӣ Раҳмонов, аз минбари баланди Кохи Борбад, дар рӯзи тантана, аз ҳамин бобат сухан ронд, ва таъкид кард, ки Акашариф дар солҳои душвор дар аввалин солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ, дар хидмати адолат ва беҳбуди ҳаёти халқ буд. Имрӯз номи ӯ, ва суруди ӯ, ва ибрати рӯзгори шахсии ӯ, барои салоҳи кори зарардидаи мо, барои якдигарфаҳмии ҳамаи қувваҳо, барои ваҳдати миллӣ ва ободиву мақоми Ватани мо, хидмат мекунад.

***25 феврали соли 2004.***

## М А Ъ Х А З Ҳ О


1. Аскаралӣ Раҷабзода – Аз нур то ситои Акашариф Ҷӯра, Душанбе, Ирфон, соли 2000-ӯм

2. Дона Баҳром – То ба Юнон бурдаанд хокистар Дарвозро, Душанбе, 2000

3. Маҳбуби ҳар хонадон – маҷмӯъаи мақола, ёддошт ва шеърҳо. Душанбе, нашриёти «Адиб», 1994

4. Аслиддин Низомӣ – Пайвандгари асрҳо – муқаддимаи ҳамин рисола

5. Абулқосим Фирдавсӣ – Шоҳнома.

*Ӯрун Кӯҳзод*

**АКАШАРИФ**
**БОРБАДИ АСРИ БИСТ**

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | ***С. Маъмур*** |
| Мусаввир | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Муҳаррири техникӣ | ***А. Мираҳмадов*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***С. Шералӣ*** |

Ба матбаа 02.03.2005 супорида шуд. Ба чоп 12.04.2005 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 60х84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,5. Адади нашр 500 нусха, Супориши № 19/05.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «***ЭҶОД***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.